**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШИ АИ ҶТ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**МИРЗОЕВ ҶУРАБЕК АБДУЛОВИЧ**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Ихтисос 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои таърих**

**Абдурашитов Ф.М.**

**ДУШАНБЕ – 2020**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО**……………………………………………………..........3
**МУҚАДДИМА.**……………………………….. ........................................4-20

**БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ**
1.1.Таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигорӣ……………………………………………………………........21-47
1.2.Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ…………………………………………………………………........48-69
1.3. Тадқиқи масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон…………………………....70-83

**БОБИ 2. ИНЪИКОСИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ**
2.1. Таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)……………………………............................84-114
2.2. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар тадқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ………………………………………....................115-138
2.3. Масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI………………………………………………………...........139-164

**ХУЛОСА…..**……………………………………………………………...........165-169
**НОМГӮИ АДАБИЁТ**…………………………………………………........170-211

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АИ ҶТ – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИМТ – Иттиҳоди мухолифини тоҷик

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ

КМ – Кумитаи Марказӣ

КОМ – Комиссияи оштии миллӣ

МНСММТ – Миссияи нозирони Созмони Миллали Муттаҳид дар Тоҷикистон

ФБГК ИДМ (МФГС СНГ) – Фонди байнидавлатии гуманитарии кишварҳои ИДМ

СААД – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

СААШ - Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ

САҲА - Созмони Амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ - Созмони Миллали Муттаҳид

СҲИ – Созмони Ҳамкории Исломӣ

СҲШ – Созмони Ҳамкории Шанхай

ҲК – Ҳизби Коммунистӣ

ҲКИШ - Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ

ҲНИТ – Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон

ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХХ – Ҷумҳурии Халқии Хитой

ЮНЕСКО – ташкилоти махсуси СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

ЮНИСЕФ – Фонди кӯдаконаи СММ

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар фазои пасошӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд ва ин давлатҳои навтаъсис дар чаҳорчӯбаи бунёди давлатдории хеш таърихро ба ҳайси яке аз воситаҳои асосии идеологӣ қарор доданд. Дар натиҷа назарияҳои нави таърихӣ, ки ба таҳкими давлатҳои навтаъсис ва тартиботҳои сиёсии тозаэҷод мусоидат мекарданд, ба миён омаданд.

Бояд қайд кард, ки ин назарияҳои таърихӣ на танҳо характери сирф идеологӣ доштанд, балки баъзан таҳти таъсири равандҳои этносиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ тағйир мехӯрданд. Таърихнигорони муосири Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи ин назарияҳо, сари масъалаи давраҳои асосии таърихи Осиёи Марказӣ миёни ҳам баҳсҳои тӯлонӣ созмон доданд[1]. Дар ҷараёни ин баҳсҳои шадид аз ҷониби онҳо қисман, баъзан батамом таърихнигории шӯравӣ инкор карда мешуд, ақидаҳои нави заминаҳои таърихӣ надошта эҷод мешуданд, баъзе саҳифаҳои таърих аз нав иншо мегардиданд, санадҳои муҳим ва ба ҳамагон маълуми таърихӣ аз диди нав, нодуруст шарҳу эзоҳ меёфтанд. Дар натиҷаи ин баҳсҳо ҷамъияти илмии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро бӯҳрони шадид фаро гирифт ва рушди минбаъдаи вазъи баамал омада, ногузир ба боз ҳам доман густурдани бӯҳрони илми таърих дар минтақа оварда мерасонд. Барои бартараф намудани ин бӯҳрон зарурият ба миён омад, ки на танҳо дар соҳаи таърих ва фарҳанг, балки дар соҳаи таърихнигорӣ низ таҳқиқоти бунёдӣ ва ҳақиқатнигорона ба анҷом расонида шавад.

Таърихнигории замони шӯравӣ бо вуҷуди рушди бемайлон ва таҳқиқоти фаровон аз костагиҳо низ орӣ набуд. Махсусан дар инъикоси таърихи ҷумҳуриҳои

---

[1] Аскаров А. Арийская проблема: новые подходы и взгляды / А.Аскаров [Электроный ресурс] (дата обращения: 01.02.2019); Аскаров А. Дисскусия по арийской прблеме в Центральной Азии / А.Аскаров [Электроный ресурс] (дата обращения: 01.02.2019); Ртвеладзе Э.В. О некоторых аспектах новейших исследований истории Центральной Азии / Э.В. Ртвеладзе // Современные мифы о далёком прошлом народов Центральной Азии. – Ташкент, 2007. - С.5-20; Масов Р. Ответ на статью А.Аскарова «Арийская проблема: новые подходы и взгляды» / Р.Масов [Электроный ресурс] (дата обращения: 01.02.2019); Шозимов П.Д.Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане / П.Д.Шозимов. - Душанбе, 2003. – 251 с.

бародари шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, муҳаққиқин ба идеологияи ҳукмрон такя намуда, арзишҳои миллиро кам ба инобат мегирифтанд. Ин буд, ки баъзе паҳлуҳои таърихи кишварамон дар замони шӯравӣ бо костагиҳо ва камбудиҳо инъикос меёфтанд. Аз ин лиҳоз, истиқлолият дар илми таърихнигории тоҷик дигаргунии куллӣ ба миён овард. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи Ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд. Муаррихони замони истиқлолият дар ҳошияи шоҳасарҳои таърихии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як миқдор корҳои воқеан илмиро ба анҷом расониданд, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст омадани истиқлолият Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили байналхалқӣ ба низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ ворид гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ маҳсуб ёфта, мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтааст ва бори дигар аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, ба назари мо, дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбад:

1. Таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол то имрӯз вуҷуд надорад.
2. Инъикоси ҳифзи Истиқлолияти Давлатӣ аз таъсири шуми дахолати низоъбарангези неруҳои беруниву дохилӣ.
3. Инъикоси раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва сабақҳои ибратомӯзи он ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷикон.
4. Таҷассуми истифодаи таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар муноқишаҳои низомии кишварҳои ҷаҳон.
5. Болоравии нақши асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи

байналхалхалқӣ ва тақвияти рағбати муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати инъикоси ин масоил.

6. Баррасии роҳандозии сиёсати «дарҳои боз» - ҳамчун хусусияти хос ва муайянкунандаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Таҷассуми узвияти Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналхалқӣ дар доираи ин созмонҳо.
8. Инъикоси болоравии ҷойгоҳи устувори геополитикии Тоҷикистон дар минтақа ва роҳандозии сиёсати муваффақи минтақавӣ.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала.** Тавре ки зикр кардем, таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба мавзӯи мавриди таҳқиқ то ҳанӯз вуҷуд надорад. Ба ҷуз аз якчанд мақолаҳои илмӣ дар боби таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва брошурае, ки адабиёти хориҷиро ҷиҳати инъикоси ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон тавсиф менамояд, таҳқиқоти дигари таърихнигорӣ то имрӯз рӯи кор наомадааст. Вале асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва рисолаҳои илмӣ, ҳам дар таърихнигории ватанӣ ва ҳам дар таърихнигории хориҷӣ таълиф гардидаанд, ки масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Адабиёти мавҷударо, ба назари мо, метавон чунин гуруҳбандӣ кард:

Ба **гуруҳи аввал** асару мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар[1], ки дар онҳо Сарвари давлат ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли марҳилаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти Давлатӣ, воқеаҳои феврали соли 1990, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с. 1992-1997), гуфтушуниди

[1] Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, марҳилаҳои рушди босуботи кишвар, иҷроиши вазифаҳои стратегии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории Тоҷикистон дар доираи ИДМ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистон дахл кардааст, дохил мешаванд.

Ба **гуруҳи дуюм** якчанд мақола ва брошураеро, ки бевосита ба таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол марбутанд, дохил кардан мумкин аст[1].

Бояд зикр кард, ки нахустин мақолаи дар мавриди таърихнигории яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол - ҷанги шаҳрвандӣ таълифгардида ба қалами олими ҷавон – Маликфаридуни Равшанзод таалуқ дошта, «Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон»[2] номгузорӣ шудааст. Вале, мутаассифона, мавсуф дар зимни таълифи мақола бо таҳлили чанд асари ёддоштӣ ва китобҳои дарсӣ иктифо намуда, ба назари мо, масоили асосии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), аз ҷумла сабабҳои дохилӣ ва берунӣ, санаи оғози ҷанг, даврабандӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ накардааст.

Мавриди зикр аст, ки дар омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ саҳм гирифта, паҳлӯҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандиро дар асару мақолоти хеш таҷассум кардаанд. Таълифоти муҳаққиқони хориҷиро олими тоҷик Н.Т Раҳимов дар брошурае таҳти унвони «Материалы к историографии гражданской войны в

---

[1] Равшанзод М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68; Солиходжаева С. А. К вопросу об историографии внешней политики Республики Таджикистан / С.А. Солиходжаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 52-59; Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.– 60 с.

[2] Равшанзод М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68.

Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы»[1] («Маводҳо ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997): Тавсифи адабиёти хориҷӣ») ба таври умумӣ тавсиф кардааст. Дар он маводҳои таълифоти сиёсатмадорон ва таҳлилгарони хориҷӣ, ки масоили умдаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ба амсоли сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии муноқишаи байни тоҷикон, рафти ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи кишвар дар солҳои аввали истиқлолият, тавсифи ҷонибҳои даргир ва раванди баҳамоии тоҷиконро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд, инъикос гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки Н. Т. Раҳимов дар фарҷоми китоби хеш феҳристи адабиёти иловагиро оид ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), ки то ибтидои соли 1997 бо забони англисӣ ба табъ расидаанд, пешниҳод менамояд, ки ба назари мо хеле ҷолиб буда, ҷиҳати таҳқиқи бунёдии ҷанги шаҳрвандӣ мароқангез ва муфид маҳсуб меёбад. Вале, мутаассифона, доираи таҳқиқот фарогири адабиёти хориҷии дар солҳои 90-уми асри ХХ ба табъ расида буда, адабиёти дар солҳои баъдӣ таълифгардида, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Мақолаи С. А. Солихоҷаева таҳти унвони «К вопросу об историографии внешней политики Республики Таджикистан»[2] («Роҷеъ ба таърихнигории сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон») дар боби таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти ягона маҳсуб меёбад. Дар он таърихи ташаккулёбӣ ва барқароршавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ гардида, асарҳои олимони тоҷик, ки ба марҳилаҳои асосии ташаккулёбии сиёсати хориҷӣ бахшида шудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Илова бар ин, фаъолияти Сарвари давлат ҷиҳати ташаккулёбӣ ва барқароршавии сиёсати хориҷии мамлакат таҷассум ёфта, таърихнигории ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо инъикос гардидааст ва марҳилаҳои асосии таърихнигории сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1] Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–60 с.
[2] Солиходжаева С.А. К вопросу об историографии внешней политики Республики Таджикистан / С. А. Солиходжаева // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2015. – № 2. - С. 52-59.

муайян шудааст. Дар зимни таълифи мақола муаллиф ба хулосае омадааст, ки адабиёти дар тӯли солҳои 1991-2012 таълифгардида ибтидои таърихнигории масоили сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мутаассифона, дар мақола паҳлуҳои дигари таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли таърихнигории ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ ва роҳандозии сиёсати минтақавӣ инъикос наёфтаанд.

Ба **гуруҳи сеюм** асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъона, монографияҳо ва мақолаҳои илмии дар боби масоили гуногуни таърихи сиёсӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълифгардидаро дохил кардан мумкин аст. Ба ин гуруҳ асарҳои дастаҷамъонаи «История таджикского народа»[1], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[2], «Бунёди давлатдории навин»[3], «Таджикистан в огне»[4] ва асарҳои муҳаққиқони зиёд, назири Г.Ҳ. Ҳайдаров,[5] И.Усмонов,[6] А.Холиқзода,[7] Н.М.Назаршоев,[8] Р. Масов,[9] Ҳ.Пирумшоев,[10] В.И.Бушков ва Д.В.Микулский,[11] С. В. Махонина[1], Б. В. Белов[2], Д.Назриев ва

[1] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.
[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 10.
[3] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – С.286-287.
[4] Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288 с.
[5] Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа / Г.Х.Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.
[6] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов И. Соли Набиев / И.Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.
[7] Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А. Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 193 с.
[8] Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана / Н.М.Назаршоев. – Душанбе: Матбуот, 2002.

[9] Масов Р. Пазорная страница в нашей истории / Р.Масов // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185-192.
[10] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? / Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.
[11] Бушков В.И. О некоторых аспектах межнациональных отношений в Таджикской СССР / В.И. Бушков. – М., 1990; Бушков В.И. Таджикское общество на рубеже тысячелетий / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков В.И. Таджикистан: что происходит в республике / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1993; Бушков В.И. Общественно-политическая ситуация в

И.Сатторов,[3] Ғ.Ғоибов[4], Н.Б. Ҳотамов,[5] Р. Абулҳаев,[6] Ш.Султонов,[7] Т. Назаров,[8] Ҳ. Зарифӣ,[9] А. Шарифзода,[10] Н.М.Мирзоев,[11] Ф. Абдурашитов,[12] В.В.

---

Таджикистане: январь 1992 г. / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[1] Махонина С. В. Военно-политическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 годы / С.В.Махонина. – Душанбе, 1999.- 168 с.

[2] Белов Б. В. Россия и межтаджикское урегулирование / Б.В.Белов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998.-156 с.

[3] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.- 337 с.

[4] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

[5] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[6] Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 38-46; Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С. 47-110.

[7] Султонов Ш. Тоҷикон дар маҷрои воқеаҳои таърихи наву навтарин ( Посух ба таҳрифкорони таърихи Тоҷикистон) / Ш.Султонов. – Душанбе, 2017. – 500 с.; Султонов Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - 505 с.; Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 639 с.

[8]Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Минск, 2002.; Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2003.; Назаров Т.Н. Таджикистан:экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2004.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. - Душанбе, 2007.; Назаров Т.Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения) / Т.Н.Назаров. - Душанбе 2013.; Назаров Т. Современная дипломатия Таджикистана / Т.Н.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006.

[9] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010.; Зарифӣ Ҳ. Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз (Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня) / Ҳ.Зарифӣ. - Душанбе: Офсет, 2010. – 352 с.

[10] Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С. Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон…(10 ҷилд) / А.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон / А.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 336 с.

[11] Мирзоев Н.М.Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М. Мирзоев. -Душанбе, 1993.; Мирзоев Н.М. Таджикистан - Шанхайская Организация Сотрудничества: Векторы сотрудничества / Н.М.Мирзоев.-Душанбе, 2014. -192 с.

[12]Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.

Дубовитский,[1] В.М.Набиев,[2] А. Ғафуров,[3] З. Сайидзода,[4] Ш.С. Саъдиев,[5] А.Мамадазимов,[6] С.Кобилова,[7] Б.Шокиров[8] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар онҳо паҳлуҳои гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷассум ёфтаанд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти маҷмӯии таърихнигорӣ имкон медиҳанд.

Ба **гуруҳи чорум** асарҳои ёддоштӣ ва публисистиро дохил кардан мумкин аст. Ҳадафи таълифи ингуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида

---

[1]Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

[2] Набиев В.М. Давлат ва ҳизбҳои сиёсиву ҳаракатҳои ҷамъиятии мухолиф аз муқовимат ба ҳамкорӣ / В.Набиев. – Душанбе. - 2001. – 26 с.; Набиев В.М. Сулҳофарии тоҷикон / В.Набиев. – Хуҷанд: Хуросон. 2007. – 31 с.; Набиев. В. Самараи ризоият: Ба 10-солагии Истиқлолияти Давлатии Тоҷикистон / В. Набиев, А.Мухторов. – Душанбе. 2001. – 36 с.; Набиев В.М. Оштии миллӣ ва ризоияти кафили рушди устувори Точикистон / В.М.Набиев. - Душанбе: Шарки озод, 2002. - 39 с.

[3] Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М. Гафуров [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.02.2019).

[4]Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003.- 224 с.; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе: Авасто, 2001. – 112 с.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2004.- 592 с.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Контраст, 2009.; Саидов З. Внешняя политика РТ на современном этапе (1992-2005гг.) / З.Саидов. – Душанбе, 2006. – 560 с.

[5]Саъдиев Ш.С. Таджикистан: путь к миру и согласию / Ш.С.Саъдиев. - Душанбе, 2002. – 28 с.; Саъдиев Ш.С. О некоторых особенностях «таджикской» модели урегулирования внутренних конфликтов. Таджикистан и современный мир / Ш.С.Саъдиев // Вестник Центра стратег. исслед. при Президенте РТ. - 2004. - № 1(4). – С.37-38.; Саъдиев Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта / Ш.С.Саъдиев // Маводхои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти с. 2012. – Душанбе, 2013, – С. 58-64 (тоҷ.)–С. 204-210 (русӣ), – С. 341-346 (анг.).; Саъдиев Ш.С. Достижение мира и согласия в Республике Таджикистан – уникальный опыт для межцивилизационного диалога / Ш.С.Саъдиев // Материалы международной конференции «Межцивилизационное взаимодействие на евроазиатском пространстве: история, современные тенденции и перспективы» (г. Душанбе,13 февраля 2015г.РТСУ). – Душанбе, 2015, –С. 236-241.; Саъдиев Ш.С. Аз таҷрибаи таърихии музокироти тоҷикон оид ба сулҳсозӣ дар Тоҷикистон / Ш.С.Саъдиев // Осор. Ҷилди 4. – Душанбе, 2017. – с. 419-475.

[6] Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 1996.-180 с.; Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360 с.

[7] Кобилова С. Мифы о «застое» и «всеобщей нищете» / С. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 27 с.; Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96 с.

[8] Шокиров Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994.

буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳамияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Сарфи назар аз камбудию костагиҳо ин таълифот аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор буда, дар инъикоси таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаъи муҳим маҳсуб меёбанд. Ба ин гуруҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров[1], С. Кенҷаев[2], Н. Дӯстов[3], Б. Каримов[4], Х. Насриддинов[5], М. Амиршо[6], С.А. Нури[7], О. Панфилов[8], Х. Тураҷонзода[9] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз бисёр ҷиҳат муаллифони ин рисолаҳо аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Ба **гуруҳи панҷум** рисолаҳои илмиеро дохил кардан мумкин аст, ки ҷиҳати таҳқиқи масоили гуногуни таърихи сиёсӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол анҷом дода шудаанд. Ба ин гуруҳ рисолаҳои номзадии И.Р.Абдуллоев[10], А.Абдуқодиров[11], Р.Бобоҷонова[12], А.А.Муродов[13],

---

[1] Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.

[2] Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.

[3] Дӯстов Н. Захм бар ҷисми Ватан: Хотира ва андешаҳо / Н. Дӯстов.– Душанбе: Ирфон, 1994. – 336 с.

[4] Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.

[5] Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.

[6] Амиршо М. Раненные страницы / М. Амиршо. – М., 2001. – 304 с.

[7] Нурӣ С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе: Нодир, 2001. – 360 с.

[8] Панфилов О. Горячие точки Таджикистана: журналисты на гражданской войне (1992 – 1997 гг.). Монография / О. Панфилов. – М: Права человека, 2003. – 564 с.

[9] Тӯраҷонзода Ҳ. А. Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтем / Ҳ. А. Тӯраҷонзода. – Теҳрон, 1998. – 65 с.

[10] Абдуллоев И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – 179 с.

[11] Абдукадыров А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995гг.) : автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / А. Абдукадыров. – Душанбе, 1997. – 24 с.

[12] Бободжанова Р. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России (1990-1995 гг): автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Р.М. Бободжанова. – Худжанд, 1998. – 22 с.

[13] Муродов А.А. Освещение политической ситуации Таджикистана 1989-1997 гг. в

М.Ганҷакова[1], Д.Урунова[2], О. Х. Шарафиева[3], Ғ.Р. Мирзоев[4], Равшанзод Маликфаридун[5], У.А. Бобоҷонова[6], С.А. Қурбонов[7], И.Х. Афандихонов[8], А.В. Архангельский[9], Р.Х. Мирзоев[10], Г.В. Коваленко[11], В.В. Егозарян[12], П.А. Пирназарова[13], Ф. Розиков[14], Ҷ.Ҷураев[15] ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти таърихнигорӣ манбаъи арзишманд маҳсуб меёбанд.

---

периодической печати Республики: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / А.А. Муродов. – Душанбе, 2004. – 24 с.

[1]Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[2] Урунова Д.А. Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Д.А. Урунова. – Душанбе, 1998. – 26 с.

[3] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.

[4] Мирзоев Г.Р. Преодоление конфликтной ситуации в Республике Таджикистан. Россия и восстановление мира (90-е годы XX века): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / Г.Р. Мирзоев. – М., 2004. – 192 с.

[5] Равшанзод М. Гражданское противостояние и миротворческий процесс в Республике Таджикистан в 90-е годы XX века.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / М. Равшанзод. – Душанбе, 2019. – 26 с.

[6] Бабаджанова У.А. Российско-таджикские отношения в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук: 07.00.15 / У.А.Бабаджанова. - М., 2006. – 26 с.

[7] Курбонов С.А. Экономическое развитие Таджикистана и его внешнеэкономические связи с Российской Федерацией в период рыночных преобразований: автореф. дисс. ...на соиск. учен. степ. канд. эк. наук / С.А.Курбонов. - М, 2011. – 24 с.

[8] Афандихонов И. Х. Правовые основы военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / И.Х.Афандихонов. - М., 2006. – 26 с.

[9] Архангельский А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук / А.В.Архангельский. –М., 2003. -25 с.

[10] Мирзоев Р.Х. Специфика и закономерности таджикско-российских миграционных процессов: дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Р.Х.Мирзоев. - Душанбе, 2006. – 192 с.

[11] Коваленко Г.В. Энергетический фактор в современном развитии российско-таджикских отношений: автореф. дис. ... на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Г.В.Коваленко. - М., 2012. – 26 с.

[12] Егозарьян В.В. Военно-политическое сотрудничество России со странами СНГ как фактор интеграции: дис. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / В.В.Егозарьян. - М., 2001. – 189 с.

[13] Пирназарова П.А. Взаимоотношение Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере образования, науки и культуры (1991-2011 гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / П.А.Пирназарова. - Душанбе, 2013. – 178 с.

[14] Розиков Ф. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана и России в период независимости культуры (1991-2011гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Ф.Розиков. -Душанбе, 2013. – 191 с.

[15] Джураев Дж.Г. Торгово-экономические отношения Республики Таджикистан с Российской Федерацией в годы независимости (1991 – 2013 гг.): автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Дж.Г.Джураев. -Душанбе, 2013. – 26 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ *(давраи муосир)»* барои солҳои 2016-2020 ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тӯли солҳои 1991-2016 ба ҳисоб меравад.

Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин зарур буд:

- ҷамъбаст намудани таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон ва донишмандони соҳа, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом дода шудааст;
- таҳлили таърихнигории асарҳои илмии ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшидашуда;
- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзӯи таҳқиқот;
- таҳлил ва баррасии заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон;
- ошкор намудани аҳамияти Иҷлосияи XVI дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ;
- таҳлил ва баррасии даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон;
- таҳлили натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ;
- ошкор намудани натиҷаҳои фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комил;
- баррасӣ ва таҳлили илмии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол;
- баррасии нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- муайян намудани ҷабҳаҳои омӯхтанашуда дар таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи сиёсии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

**Предмети таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

**Доираи хронологии** тадқиқот солҳои 1991- 2016-ро фаро мегирад. Сарҳади поёнии давраи таҳқиқотӣ аз санаи 9 сентябри соли 1991, аз рӯзи дар иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидани «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз гардида, дар рафти таҳқиқот муҳимтарин масоил, ба амсоли таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, воқеаҳои нангини моҳи феврали соли 1990, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олии Тоҷикистон, гуфтушуниди миёни тоҷикон, ба имзо расидани "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ", фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, давраи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва амалӣ гардидани се ҳадафи стратегии мамлакат, нақши асосгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамкории Тоҷикистон дар доираи ИДМ ва созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии сиёсати минтақавӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд, арзёбӣ мегарданд. Таҳқиқоти мазкур фарогири 25-соли даврони истиқлолият мебошад, ки онро метавон ба чунин давраҳо ҷудо кард: 1. Давраи ба даст овардани Истиқлолияти Давлатӣ (9 сентябри соли 1991), ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), истиқрори сулҳ ва ризоияти

миллӣ (1994– 27 июни соли 1997), фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ ва расидан ба сулҳи комил (1997 – 2001).

2. Давраи рушду нумӯъи Тоҷикистони соҳибистиқлол ( марҳилаи аввал - солҳои 2001 – 2016, марҳилаи дуюм – рушди устувор аз соли 2017 оғоз гардид).

Давраи таҳқиқотии мазкур то соли 2016, яъне то анҷом пазируфтани марҳилаи аввали давраи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҷашни 25-солагии ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ идома меёбад.

**Асоси назариявӣ – методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия муаллиф усулҳоии илмии омӯзиширо доир ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991- 2016 ба роҳ мондааст. Бахусус ба истифодаи усули объективияти илмӣ – ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ - таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони даврони истиқлолият дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шӯравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян шуда, равандҳои сиёсии якдигарро ивазкунанда, ки таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таркиб додаанд, таҳқиқ гардидаанд.

Яке аз омилҳои асосӣ назари интиқодӣ – объективӣ ба таълифоти муҳаққиқони даврони истиқлолият мебошад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот мавод ва таълифоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, ки бевосита ба омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд, аз ҷумла асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, маводи Бойгониҳои ҷории вазорату

кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда, маҷмӯи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар маҷалаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, ба ҳисоб мераванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмӯӣ махсуб меёбад. Илова бар ин, муқаррароти зерини илмӣ низ навгониҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд:

- дар асоси манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст дар илми таърихнигории ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкур амалӣ гардид;

- адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан воқеаҳои феврали соли 1990 ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, бори нахуст мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд;

- ба корҳои илмии дар ин муддат анҷомдодаи муҳаққиқон, ки ба таърихи сиёсии Тоҷикистон марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст;

- таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст даврабандӣ мешавад;

- заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ гардида, даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш амалӣ шудааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- таҳлили таърихнигории адабиёти илмии дар давраи баррасишаванда ба табърасида ба хулосае меорад, ки роҷеъ ба Истиқлолияти давлатӣ ва таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон шумораи зиёди таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон ва журналистон бахшида шуда, дар онҳо Истиқлолият беҳтарин неъмат, гаронмоятарин арзиш ва орзуи деринаи ҳар миллати озода, хосса тоҷикон, ки анқариб ҳазор сол ҷиҳати ба даст овардани ин неъмати бебаҳо талош варзидаанд, арзёбӣ мегардад;

- омӯзиш ва ҷамъбасти адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон бо оқибатҳои мудҳиши худ, бешубҳа, рӯйдоди муҳимми охири асри XX маҳсуб ёфта, дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳадалимкон инъикос гардидааст. Вале адабиёти мавҷуда бештар характери ёддоштӣ доранд ва ё дар заминаи матбуоти даврии замони ҷанги шаҳрвандӣ ба табъ расида, ҳамаи паҳлуҳои ин ҳодисаи фоҷиаборро фаро намегиранд;

-тадқиқи адабиёти мавҷуда аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад. Аз ин лиҳоз, ин раванд дар мунокишаҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз натиҷаҳои фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, ки марҳилаи хотимавии раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад, на танҳо рушди минбаъдаи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, балкиояндаи миллат вобаста буд;

- тадқиқи адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали асри XXI ба марҳилаи рушд ворид гардида, аз пайи иҷрои ҳадафҳои стратегӣ тарҳҳои бузурги сохтмониро анҷом дода, тавассути сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ ноил гардид;

-диссертант ба хулосае омадааст, ки ба туфайли фаъолияти амалии асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар муайян гардиданд;

-таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз афзалияти ҳамкориҳои фароху домангустурда бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, хоса бо Федератсияи Россия шаҳодат медиҳад;

-ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо созмонҳои

бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, ки самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад, таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд;

- роҳандозии сиёсати минтақавӣ низ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина ҳамкориҳои фароху домангустурда, пеш аз ҳама бо ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони минтақа ва инчунин бо кишварҳои ҳаммарзи рушдёфта, ба амсоли Чин, Ҳиндустон ва Покистон вусъат ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд, дар даврабандии таърихи Тоҷикистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш, дар таҳқиқи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифшои саҳми Роҳбари давлат ҳамчун асосгузори сиёсати хориҷии кишвар зоҳир мегардад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон дар зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016, инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Таъйид (апробатсия) -и диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 10 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 6 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ: конфронси байналхалқии илмӣ-амалии фосилавӣ дар мавзӯи "Рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша", конфронси байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нелсон Мандела» дар санаи 20.05.2019, маърӯзаи илмӣ дар мавзӯи «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсисёбии давлати миллии тоҷикон» дар ҷамъомади кормандони илмии Институти химияи АИ ҶТ бахшида ба 28-умин солгарди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи № 12 аз 26 декабри соли 2019) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 211 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 438 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ 1. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

## 1.1.Таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ

*Истиқлолият неъмати бисёр азиз ва ширину ба ҷон баробар аст. Ҳар миллату ҳар давлат барои он мубориза мебарад, зеро истиқлолият ифтихор, осоишу оромӣ, ормонҳои накӯкорию сари баланди ҳар як шаҳрванд мебошад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил буд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард.

Дар охири солҳои 80-уми асри XX дар натиҷаи роҳандозии ислоҳотҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеъа - бозсозӣ, ки ба сиёсати расмии давлати Шӯравӣ табдил ёфта буд, дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат нишонаҳои озодандешӣ ва демократия зоҳир гардиданд. Сиёсати озодандешӣ дар раванди худогоҳии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Нерӯҳои демократии Тоҷикистон қотеъона талаб намуданд, ки қонун дар бораи забони тоҷикӣ қабул карда шавад. Дар натиҷаи талаби нерӯҳои демократӣ 22 июли соли 1989 Қонун дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ба тасвиб расид. Мақоми давлатӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ дар масъалаи эҳёи давлати миллӣ омили асосӣ маҳсуб меёфт.

Бозсозӣ фаъолнокии сиёсии мардумро баланд бардошта, барои зуҳури ҳаракатҳо ва ташкилотҳои нави сиёсӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ин марҳилаи таърихи сиёсии Тоҷикистон (аз зуҳури нахустин ташкилотҳои сиёсӣ,

воқеаҳои феврали соли 1990 то ба даст овардани Истиқлолияти Давлатӣ) дар аксар таҳқиқоти муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки масоили марбут ба роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон ва дар партави он таъсис ёфтани ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, зуҳури озодандешӣ ва худогоҳии миллӣ ва билохира, пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст омадани Истиқлолият, қабл аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд[1].

Дар инъикоси роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон, заминаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти Давлатӣ асарҳои Г.Ҳ. Ҳайдаров,[2] И.Усмонов,[3] А.Холиқзода,[4] Н.М.Назаршоев,[5] Р. Масов,[6] Ҳ.Пирумшоев,[7] А.Мамадазимов,[8] Д.Назриев ва И.Сатторов,[9] Ғ.Ғоибов[10], инчунин асарҳои

---

[1] Раҳмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[2] Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа / Г.Х.Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана / Г.Х.Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.

[3] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов И. Соли Набиев / И.Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.

[4] Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А. Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 193 с.

[5] Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана / Н.М.Назаршоев. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 573 с.

[6] Масов Р. Пазорная страница в нашей истории / Р.Масов // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185-192.

[7] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? / Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.

[8] Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 1996.-180 с.; Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360 с.

[9] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.- 337 с.

[10] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

«Бунёди давлатдории навин»[1] ва «История таджикского народа»[2], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[3], «Таджикистан в огне»[4], С.Кобилова,[5] Б.Шокиров[6]- ро махсус қайд кардан бамаврид аст. Муаллифони мазкур мӯътақиданд, ки зуҳури ҳаракатҳо ва ташкилоту маҳфилҳои нави сиёсӣ натиҷаи роҳандозии сиёсати ҷадиди Давлати Шӯравӣ – сиёсати бозсозӣ буда, ин созмонҳо дар раванди демократикунонии ҷамъият, озодандешӣ ва ба даст омадани Истиқлолияти Давлатӣ нақши муассир доранд.

Дар брошураи Б. Шокиров ва А. Маҳмадкаримов, ки бевосита ба таъсисёбии хизбу созмонҳои ҷамъиятӣ бахшида шуда, «Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992 )» унвон дорад, масоили зиёд, ба амсоли пайдоиш ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои шаҳрвандӣ инъикос гардидаанд. Ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ба ақидаи муаллифон, яксон набуда, дар онҳо се ҷараён мушоҳида мегардад: куҳнапарастон-консерваторҳо, ислоҳотчиён-либералҳо ва радикалҳои иртиҷоӣ. Муаллифон сабабҳои объективӣ ва субъективии буҳрони ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистонро муайян намуда, мутаассифона, муносибати ин ҳизбро бо руҳониён ва умуман диндорон изҳор надоштаанд.

Бояд қайд кард, ки тибқи маълумоти манбаъи мазкур нахустин маҳфили сиёсӣ бо номи «Рӯ ба рӯ» ҳанӯз дар охири соли 1988 дар шаҳри Душанбе таъсис ёфта, роҳбарии онро корманди Кумитаи Ҷавонони Тоҷикистон – Зафар Саидов ва устоди ҷавони Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон – Ҷумахон Исоев ба ӯҳда доштанд. Ба ақидаи собиқ раиси ҳизби Демократии Тоҷикистон Ҷумабой Ниёзов

---

[1] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. - 416 с.
[2] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.
[3] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.
[4] Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288 с.
[5] Кобилова С. Мифы о «застое» и «всеобщей нищете» / С. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 27 с.; Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96 с.
[6] Шокиров Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994. – 50 с.

«маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ» дар бедории халқи тоҷик ва боварӣ пайдо кардан ба идеяҳои бозсозӣ саҳми босазо гузоштааст»[1].

Дар солҳои 1989-1990 дар шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аз қабили фронти халқии «Ваҳдат» дар Истаравшан, ҳаракати халқии «Ошкоро» дар шаҳри Кулоб, ҳаракати халқии «Эҳёи Хуҷанд», «Диравши Ковиён», «Бохтар», «Самарқанд», «Куруши Кабир», «Суғдиён», «Ваҳдат», «Пайванд» дар дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таъсис ёфтанд. Раванди таъсисёбӣ ва мақсади ниҳоии ин ҳаракатҳои минтақавӣ дар китоби «Бунёди давлатдории навин»[2] муфассал инъикос гардидааст. Ба ақидаи муаллифони ин таҳқиқот аъзоёни ин ташкилотҳои ҷамъиятӣ асосан зиёиёни рӯҳияи демократидошта – муаллимон, кормандони соҳаи фарҳанг, нашру табъ, адабиёт маҳсуб меёфтанд. Дар байни ин ҳаракатҳои ҷамъиятӣ маҳфили «Ошкоро», ки ҷонибдори гуногунандешии сиёсӣ, бисёрҳизбӣ ва адолати иҷтимоӣ буд, бештар ҷанбаи сиёсӣ касб карда, аз роҳбарияти ҷумҳурӣ талаб мекард, ки ҳуқуқи минтақаҳоро сарфи назар накарда, баҳри иштирок дар идоракунии давлат ба намояндагони онҳо имконияти мусоид фароҳам биёранд[3].

Фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсиеро, ки дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таъсис ёфта буданд, муовини раиси созмони мардумии «Растохез» Абдуқодир Холиқзода низ дар асари «Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол»[4] таҳлил кардааст. Ба андешаи ӯ, сарфи назар аз ҳадафҳои неки худ созмону маҳфилҳои шаҳру навоҳиҳои ҷумҳурӣ на танҳо ба раванди баҳамоии миллат, ба ваҳдати миллӣ халал ворид мекарданд, балки «ба вусъат ёфтани маҳалгароӣ ва ҷудоии миллӣ мусоидат мекарданд»[5], ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Бояд зикр кард, ки дар ташаккулёбии тафаккури сиёсии аҳолии шаҳри Душанбе маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ» нақши муассир дошт, ки ин нуктаро тамоми

---

[1] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018.

[2] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – С.286.

[3] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – С.286-287.

[4] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннахр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 193 с.

[5] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннахр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. – С.159.

муҳаққиқини ҳаракатҳои халқӣ ва маҳфилҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX таъкид кардаанд. Аммо маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ» дар ибтидои соли 1990 мавҷудияти худро хотима дод. Мавқеи онро созмони мардумии «Растохез», ки дар охири моҳи декабри соли 1989 таъсис ёфта буд, ишғол кард. Раиси ин ташкилот корманди Институти иқтисоди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ Тоҳири Абдуҷаббор интихоб гардид. «Растохез» ақидаҳои табақаҳои мухталифи ҷамъиятро инъикос намуда, нуфузи он ба зудӣ дар байни зиёиёни тоҷик хеле боло рафт. Ба ақидаи И. Усмонов созмони мардумии «Растохез» дар воқеаҳои сиёсии солҳои 1989-1990 нақши умдатарин дорад[1]. Тибқи барнома «Растохез» созмони иҷтимоие буд, ки ба он ҳам шахсони алоҳида ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ дохил шуда метавонистанд. Зеро ҳар фард сарфи назар аз миллат, дин, ҳизбият, аъзогӣ дар иттифоқи касаба, вазъи иҷтимоӣ агар «Ойиннома» ва барномаи «Растохез» - ро эътироф намояд, аъзои он буда метавонист. Ҳатто коммунист метавонист аъзои «Растохез» бошад. Зеро «Растохез» на муборизаи сиёсӣ, балки таҳаввулоти фарҳангиро ҳадафи худ эълон дошта буд. Аз ин рӯ дар «Растохез» шахсиятҳои маъруфи илмию фарҳангӣ гирд омада буданд. Онҳо ба ин васила мехостанд, ки дар ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба манфиати забони тоҷикӣ таҳаввулоти фарҳангие ба вуҷуд оваранд.

Ба андешаи И. Усмонов «таъсис ва фаъолияти «Растохез» аз як тараф, далели он аст, ки талабот ба чунин созмонҳо дар Тоҷикистон мавҷуд буд ва аз тарафи дигар ба он далолат медиҳад, ки гуногунандешии сиёсӣ дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ реша медавонад»[2].

Ба нақши созмони мардумии «Растохез» дар бедории тафаккури миллии халқи тоҷик Абдуқодир Холиқзода, ки вазифаи муовини раиси ин созмонро ба ухда дошт, баҳои мусбат дода, дар таҳқиқоти хеш таҳти унвони «Тоҷикони

---

[1] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - С.24.

[2] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - С.25.

Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол»[1] қайд менамояд, ки ташкил ёфтани созмони «Растохез» дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ воқеаи муҳим буд. Созмони «Растохез» аз рӯзҳои аввал ба нафъи миллат корҳои муфиду аҳамиятнокро анҷом дода, «дар масъалаи иқтисодӣ консепсияи мустақилияти иқтисодии ҷумҳуриро пешниҳод кард, ки он бояд масъалаҳои гузаштанро ба бозори озоди иқтисодӣ, шаклҳои гуногуни моликият, дар ҷумҳурӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор додани маводи хом, ташкил намудани хазинаи зарҳои ҷумҳурӣ, бонки миллӣ ва ғайраро дарбар мегирифт»[2].

Воқеан, бояд қайд кард, ки аз тарафи гурӯҳи кории созмони мазкур консепсияи мустақилияти иқтисодии ҷумҳурӣ тартиб дода шуда, ба ҳукумат пешниҳод гардид. Вале тартибдиҳандагони консепсия дар баробари пешниҳоди мустақилияти иқтисодии ҷумҳурӣ, инчунин батамом гусастани равобитро бо «марказ» ва умуман бо кишварҳои ғарб ва рӯ овардан ба мамлакатҳои шарқро таъкид мекарданд, ки ба назари мо хатои маҳз буд.

Дар соли 1993 А. И.Кузмин низ, ки худ шоҳиди воқеаҳои сиёсии солҳои 90-ум буд, ба фаъолияти созмони мардумии «Растохез» баҳои мусбат дода, назари хешро оид ба мавқеи ин созмон дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон чунин баён намудааст: «Созмони мардумии «Растохез», ки ҳизби демократӣ аз он ҷудо шудааст, дар эҳёи ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ ва ташвиқи аҳолии шаҳр баҳри демократикунонии ҷомеа нақши муассир дошт»[3].

Ба андешаи мо низ созмони мардумии «Растохез» воқеан ҳам дар бедории тафаккури сиёсӣ ва миллии халқи тоҷик ва демократикунонии ҷомеа нақши муҳим дошт. Аммо амалҳои зӯроварӣ ва ғайриқонунии иттифоқчиёнаш аз ҷабҳаи исломӣ-демократӣ нуфузи ин созмонро дар байни мардум коҳиш доданд.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон дар тӯли 74-соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ як қисми таркибии ин давлат буда, дар ҷумҳурӣ низоми яккаҳизбӣ амал

---

[1] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. – 193 с.
[2] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. – С.155.
[3] Кузьмин А. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А. Кузьмин [Электроный ресурс]. – http://observer, materik.ru / observer / №13 93/010. HTM.

мекард. Вале дар партави сиёсати бозсозӣ дар аввали солҳои 90-уми қарни XX дар ҷумҳурӣ даҳҳо ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда, ба фаъолият пардохтанд.

Дар ташаккули низоми бисёрҳизбӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ва «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ки моҳи декабри соли 1990 ба тасвиб расида буданд, мусоидат намуд.

Бояд зикр кард, ки раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои бешумор ва мақсаду мароми онҳо, нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъият, ташакулёбии бисёрҳизбӣ дар шароити Тоҷикистон, характер ва махсусиятҳои рақобати байниҳизбӣ ва муборизаи онҳо баҳри ба даст даровардани ҳокимият аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, назири И.Усмонов,[1] А.Холиқзода,[2] Ҳ.Пирумшоев,[3] Д.Назриев ва И.Сатторов,[4] Ғ.Ғоибов[5], Ҷ.Ниёзов,[6] Н.Б.Ҳотамов,[7] Р.Набиева,[8] Н.Ҳакимов,[9] Н.Давлатбеков,[10] Б. Шокиров,[11] Ш.Д. Шабдолов, М. Диноршоев, И. Каландаров, Т. Каримов,[12] А. Достиев,[13] Г.Х. Хайдаров,[14] Ш.М.Султонов,[1] И. Каландаров,[2]

---

[1] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003, - 178 с.

[2] Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А.Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997.-182 с.

[3] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? // Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.

[4] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д.Назриев, И.Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.

[5] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

[6] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018.

[7] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[8] Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с.

[9] Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 492 с.

[10] Давлатбеков Н. Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Давлатбеков. Душанбе, 2011. – 367 с.

[11] Шокиров Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994. – 50 с.

[12] Шабдолов Ш.Д. Материалы по истории Компартии Таджикистана (1991-1996 гг.) / Ш.Д.Шабдолов, Диноршоев М., Каландаров И., Каримов Б. и др. - Душанбе, 1996.

[13] Достиев А. Мавқеъ / А.Достиев. - Душанбе: Шарки озод, 1999. – 294 с.

[14] Хайдаров Г.Х.. История таджикского народа: XX век / Г.Х. Хайдаров - Худжанд, 2003. – 508

инчунин асарҳои бунёдии «История таджикского народа»[3], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[4] ва «Бунёди давлатдории навин»[5] хеле амиқ инъикос гардидааст. Тибқи маълумоти ин манбаъҳои зикршуда нахустин ҳизбе, ки дар солҳои 90-уми асри XX созмон ёфт, ҳизби демократии Тоҷикистон буд. Ба ақидаи А.Кузмин ҳизби демократии Тоҷикистон аз созмони мардумии «Растохез» ҷудо шудааст.[6] Муҳаққиқони номбурда санаи таъсисёбии ҳизби демократиро 10 августи соли 1990 арзёбӣ кардаанд. Зеро дар ин сана, ба ақидаи собиқ раиси ҳизби демократии Тоҷикистон Ҷумабой Ниёзов конфронси муассисони ҳизб дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, дар он органҳои роҳбарикунанда, оиннома ва барномаи муваққатии ҳизб тасдиқ гардиданд.[7] Раиси ҳизби демократии Тоҷикистон ходими илмии шуъбаи фалсафаи АИ ҶТ Шодмон Юсуф интихоб шуд. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 21 июни соли 1991 ҳизби демократии Тоҷикистонро ба қайд гирифт. Вале бо ҷурми дар ҳодисаҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ширкати фаъол доштан, фаъолияти ҳизби Демократии Тоҷикистон бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21июни соли 1993 қатъ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки аксари муҳаққиқони таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол фаъолияти ҳизби демократии Тоҷикистонро манфӣ арзёбӣ намуда, дар бархӯрди сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX даст доштани онро собит намудаанд. Донишманди тоҷик Ҳ. Пирумшоев, ҳатто дар ҳақиқат демократ будани демократҳои ҷадиди Тоҷикистонро зери шубҳа мегузорад. Ба назари ӯ,

---

с.

1 Султонов Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - С.189-230; Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 536-569.

2 Каландаров И. Шоди Шабдолов - лидер коммунистов Таджикистана / И.Каландаров. - Душанбе, 2003.

3 История таджикского народа.Т.6. – Душанбе, 2011.– С.438-488.

4 Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

5 Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – 416 с.

6 Кузьмин А. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А. Кузьмин // [Электроный ресурс]. – http://observer, materik.ru / observer / №13 93/010. HTM.

7 Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018.

демократҳои ҷадиди Тоҷикистон, ки «оддитарин принсипи демократия – итоати аққалият ба аксариятро тамоман ба инобат гирифтанӣ нестанд»[1] ҳақ надоранд худро демократ номанд.

Доктори илмҳои таърих Ҳ.Пирумшоев андешаронихои хешро дар мавриди ҳизби демократии Тоҷикистон идома дода, дар ҷои дигар изҳор медорад, ки яке аз усулҳои дустдоштаи онҳо иғвоангезии миллӣ буд. Ба ақидаи ӯ «изҳороти сабукфикронаи раиси ҳизби демократ Шодмони Юсуф, ки русҳоро гаравгони фоҷиаҳои суратгирифтаи қувваҳои мухталифи сиёсӣ эълон намудааст, сабаби кӯч баста, аз ҷумҳурӣ баромада рафтани ҳазорҳо оилаҳои русзабон ва ӯзбекҳо гаштааст»[2], ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Ҳ.Пирумшоев ҳизби демократии Тоҷикистонро ба писарбачае ташбеҳ медиҳад, ки «филмҳои голливудӣ ё тарғибкунандаи муштзӯриро дида, мехоҳад худ ба онҳо тақлид намояд, қувваташро дар шарикдарсон ва аз он калонтарҳо санҷад. Бинобар ин, доимо дасту лағатпартоӣ мекунад. Махсусан, агар фаҳмад, ки ин амали ӯ беҷавоб мемонад, он гоҳ худро мағлубнопазир эълон карда, ба роҳгузарҳо ҳам ҳамла менамояд».[3]

Бояд зикр кард, ки аксари муҳаққиқони таърихи сиёсии Тоҷикистон фаъолияти ҳизби демократии Тоҷикистонро ҳамин гуна арзёбӣ намудаанд. Ба назари мо низ ҳизби ба ном «демократӣ»-и Тоҷикистон, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX вуҷуд дошт, ягон принсипи демократияро боре ҳам риоя накардааст ва гузашта аз ин, дар муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии ҷомеа ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) нақши муассир дорад.

Ҳизби дигаре, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX созмон ёфта, дар воқеоти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, хоса дар бархӯрди сиёсӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ширкати фаъол ва мустақим дошт, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бояд тазаккур дод, ки аксари муҳаққиқони

---

[1] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? // Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – С. 58.
[2] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? // Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – С. 63.
[3] Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? // Ҳ.Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – С. 63.

таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол раванди таъсисёбӣ, фаъолият ва мақсаду мароми ҳизби мазкурро хеле дақиқ таҳлилу баррасӣ намудаанд. Тибқи маълумоти Ҷумабой Ниёзов конфронси муассисони Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон 6 октябри соли 1990 ба таври махфӣ дар канораҳои деҳаи Чаҳортути собиқ ноҳияи Ленин баргузор гардида, дар он Ҳизби Наҳзати Исломӣ ба сифати шӯъбаи минтақавии ҳизби Умумииттифоқии Наҳзати Ислом таъсис ёфт.[1] Дар ин конфронс Муҳаммадшариф Ҳимматзода раиси ҳизб интихоб гардида, оиннома ва барномаи ҳизб пешниҳод шуд. Муддати як сол Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳамчун шуъбаи минтақавии ҳизби Умумииттифоқӣ фаолият кард. Ба ақидаи Ҷ.Ниёзов танҳо баъди як сол – 26 октябри соли 1991 съезди якуми ҳизб дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ҳизби сиёсии мустақил эълон дошт.[2] Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳизби Наҳзати Исломро ҳамчун ҳизби сиёсии ҷумҳуриявӣ 4 декабри соли 1991 ба қайд гирифт. Ташкил ёфтани ҳизб боиси ҷудоӣ дар байни диндорон ва пешвоёни онҳо гардид. Ба ақидаи А.Холиқзода «худи қозии мусулмонони Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ташкил ёфтани ҳизби наҳзати исломро тарафдорӣ накард».[3]

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар бархӯрди сиёсии солҳои 90-уми асри XX гунаҳкор дониста, кӯшиши онҳоро ҷиҳати табдил додани низоми давлатдории дунявӣ ба динӣ яке аз сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) арзёбӣ кардаанд.[4]

Дар ҳақиқат, ба назари мо, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон гарчанде, ки дар ибтидои фаъолияти хеш мақсади ниҳоии худро ошкоро изҳор намедошт, рӯшан буд, ки таъсис додани давлати исломиро пайгирӣ менамуд ва ин дар ҳоле,

---

[1] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018).

[2] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018.

[3] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997.- С.159.

[4] Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 39.

ки аксари кули аъзоёни ин ҳизб ба моҳияти аслии ислом ва қавоиди шариат хуб сарфаҳм намерафтанд.

Масоили марбут ба раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ ва мақсаду мароми онҳо дар монографияҳои доктори илмҳои таърих Ш.М.Султонов[1] хеле хуб таҷассум ёфтаанд. Ба ақидаи ӯ «Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби Наҳзати Исломӣ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» мақсаду ниятҳои муштараку ягона доштанд. Ҳамаи онҳоро мафкураи ягона ва умумии зиддишӯравӣ ва зиддикоммунистӣ муттаҳид месохт».[2]

Мавриди зикр аст, ки дар ҷумҳурӣ пас аз гузаштани мавҷи ҳизбсозиҳо маъракаи ташкил намудани созмонҳои гуногуни хусусияти маҳалӣ дошта вусъат ёфт. Ташаббускори таъсис додани чунин созмонҳо асосан онҳое буданд, ки дар вақташ аз мансаб дур шуда буданд. Аз ин рӯ онҳо мехостанд, ки ба созмонҳои маҳали худ такя карда, ба арсаи сиёсат бароянд. Дар давоми солҳои 1991-1992 созмонҳои ҷамъиятӣ - сиёсии «Лаъли Бадахшон», «Меҳри Хатлон» ва «Ҳамдилон» ташкил ёфтанд. Чунин созмонҳо дар водии Қаротегин, Истаравшан, Зарафшон низ арзи ҳастӣ намуданд. Ташкил ёфтани ин созмонҳо, ки ба принсипи маҳалгароӣ асос ёфта буданд, ба назари муаллифи китоби дарсии «Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик» Н.Давлатбеков на танҳо ба ваҳдати миллӣ мусоидат карда наметавонистанд, балки ҷудоиандозию маҳалгароиро ба вуҷуд оварда, сабабгори ҷанги дохилӣ гардиданд,[3] ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Ба ақидаи Н.Давлатбеков, мутаасифона, дар чунин шароити барои ҷумҳурӣ ҳассос кормандони давлатӣ ва қувваҳои низомӣ низ ба ҷои ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ба гурӯҳҳои маҳаллӣ-қавмӣ ва авлодӣ тақсим шуда, мардуми кишварро ба ду лангари муқобил ҷудо карданд.[4]

---

[1] Султонов Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - С.189-230; Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 536-569.

[2] Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 537.

[3] Давлатбеков Н. Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Давлатбеков. Душанбе, 2011. – 367 с.

[4] Давлатбеков Н. Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Давлатбеков. Душанбе, 2011. – 367 с.

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, ки то имрӯз дар адабиёти илмӣ садои духӯра дошта, баҳри инкишофи минбаъдаи демократия ва гуногунандешӣ дар Тоҷикистони замони Шӯравӣ накши умда дорад, воқеаҳои феврали соли 1990 маҳсуб меёбад. Аз 11 то 17-уми феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоӣ, намоишҳои эътирозӣ, бесарусомонӣ ва ҳар гуна тазоҳуроти сиёсӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷаи онҳо ба ақидаи И.Усмонов[1] «14 кас», аз рӯи маълумоти Ҷ.Ниёзов[2] «зиёда аз 20 нафар» ва ба ақидаи Ғ. Ғоибов, ки ба хулосаи Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе» асос ёфтааст, 25 нафар қурбон гардида, 856 нафар захм бардоштанд.[3] Ба ақидаи мо низ дар натиҷаи бетартибиҳои моҳи феврали соли 1990 25 нафар дар майдонҳои тазоҳурот ва 1 нафар дар беморхона ба ҳалокат расиданд, ки аз ин хулосаи Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе» ва маълумоти матбуоти даврӣ шаҳодат медиҳанд. Бар асари воқеаҳои февралӣ ҳазорҳо нафар аҳолии русзабони ҷумҳурӣ, асосан мутахассисони баландихтисос мамлакатро тарк намуданд. Воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон – ин бархӯрди оштинопазири ду нерӯ – мухолифин, ки тамоми нерӯҳои бо ном «демократӣ» - исломиёни иртиҷоӣ, намояндагони ҳизбҳои навтаъсис ва ҳаракатҳои зиддикоммунистиро муттаҳид мекард, ва ҷонибдорони ҳукумати коститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муҳаққиқи воқеаҳои февралӣ – Сулҳия Қобилова «ин муборизаи идеологияи ҷонибдорони роҳи исломии тараққиёт ва онҳое, ки тарафдори ҳукумати дунявӣ буданд, маҳсуб меёбад. Воқеаҳои февралӣ – ин кӯшиши дарҳам шикастани низоми

---

[1] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - С.28.

[2] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018).

[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – С. 666.

конститутсионии коммунистӣ ва дар вайронаҳои он бунёд намудани давлати исломӣ буд»[1].

Мутаассифона, воқеаҳои феврали соли 1990 дар таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле ноқис ва ғайривоқеӣ инъикос ёфтааст. Масалан, раиси собиқи ҳизби демократии Тоҷикистон Ҷумабой Ниёзов ин воқеотро «амали фитнаангезонаи Кумитаи Амнияти Давлатӣ», ки «бо мақсади беобрӯ гардонидани номзадҳои рӯҳияи демократидошта ба интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои олии Тоҷикистон ва умуман ҳаракати демократӣ» матраҳ шуда буд, номидааст[2].

Муовини раиси созмони мардумии «Растохез» Абдуқодир Холиқзода низ воқеаҳои феврали соли 1990 – ро ба монанди дигар рӯйдодҳои дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ – дар Қазоқистон (декабри соли 1996), Гурҷистон (апрели соли 1989), Қӯқанди Ӯзбекистон (августи соли 1989), Озорбойҷон (январи соли 1990) рӯхдода, воқеоти пешакӣ аз ҷониби КАД ба нақша гирифташуда меномад[3].

Ба ақидаи ӯ, тазоҳуроти 12 феврали соли 1990 бо иғвои Кумитаи бехатарӣ ташкил шуда, аз ҷониби ин мақомот бераҳмона тирборон шудааст. Бо супориши Кумитаи бехатарӣ гуруҳҳои ҷиноятпеша дар шаҳр даст ба ғорат, дуздӣ ва сӯхтор заданд. Холиқзода ҳатто мавҷудияти шиорҳои зиддирусӣ ва талаби таъсиси «ҷумҳурии исломӣ» - ро аз ҷониби тазоҳуротчиён, ки аз он аксари шоҳидони ҳол гувоҳӣ медиҳанд, инкор менамояд[4].

Лозим ба зикр аст, ки муносибат ба воқеаҳои феврали соли 1990 баёнгари психология ва рафтори одамон маҳсуб меёбад. Гуруҳе ин фоҷиаро исён, балво ва кӯшиши муташанниҷ гардонидани вазъияти сиёсӣ, гуруҳи дигар шӯриши халқӣ меҳисобанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Э. Раҳмон борҳо ба ин мавзуи доғ дахл карда, гунаҳкорони аслии ин фоҷиаро ёдрас шудааст. Сарвари давлат таъкид мекунад, ки вазъият дар ҷумҳурӣ бо он, ки

---

[1] Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С.Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – С.17.

[2] Из история развития демократического движения в Таджикистане// [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018.

[3] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннахр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997. – С.157.

[4] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннахр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997. – С.158.

«баъд аз баромади аввали неруҳои исломӣ дар моҳи феврали соли 1990 ҳукумати расмӣ ба муросои бесубот бо қозиёт моил гардида, бо ин ба таҳқири маънавии кормандони милитсия ва амният, ки ба вазифаи хизматии хеш содиқ монда буданд, роҳ дод ва гузашта аз ин, баръакс, нафароне, ки бетартибиҳои оммавиро тарҳрезӣ карда буданд, ҳамчун қаҳрамони халқӣ муаррифӣ гардиданд, шиддат гирифт»[1].

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқини таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ба воқеаҳои февралӣ баҳои манфӣ дода, ин воқеотро амали мутташакилонаи гуруҳҳои ҷиноятпеша, ки аз як марказ идора мешуданд, медонанд. Беҳуда нест, ки академик Р.Масов воқеаҳои феврали соли 1990-ро «саҳифаҳои нангин дар таърихи мо» номидааст. Ба ақидаи ӯ «худсариҳо, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби гуруҳҳои авбош ва ҷиноятпеша солҳои тӯлонӣ, ба тариқи махфӣ аз тарафи душманони халқи тоҷик омода гардиданд».[2] Р. Масов ақидаеро, ки воқеаҳои февралиро бадандешони халқи тоҷик, чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷи кишвар тарҳрезӣ намудаанд, ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки «онҳо мақсад доштанд моро на танҳо дар назди халқҳои мамлакатҳои шӯравӣ, балки дар назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ шарманда созанд».[3]

Таҳлил ва нуқтаи назари муаррихи шинохта Ш.М.Султонов[4] низ перомуни воқеаҳои феврали соли 1990 хеле ҷолибанд. Мавсуф нисбати ин воқеаҳо назари манфӣ дошта, қайд менамояд, ки «воқеаҳои ношоиставу пуралами рӯзҳои феврал» дар радифи хунрезиҳои шаҳри Тифлис (моҳи апрели соли 1989), қазияҳои нохуши Боку ва Степанокерт (моҳи январи соли 1990) ба амал омада, «ба саҳифаи таърихи

---

[1] Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Мураттиб С.Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 511 с.
[2] Масов Р. Пазорная страница в нашей истории // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185.
[3] Масов Р. Пазорная страница в нашей истории / Р.Масов // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 186.
[4] Султонов Ш.М. Демонтаж СССР: Великая катастрофа XX-го столетия. Таджикистан на пороге гражданской войны (1990 – 1991 гг.) / Ш.М.Султонов. - Худжанд: Хуросон, 2014. - С. 102-188; Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 517-535.

миллат ҳамчун саҳифаи нангин ва мудҳиш сабт хоҳад шуд».[1] Ш.М.Султонов воқеаҳои февралиро, ки рӯзи 11 феврал ибтидо гирифта, рӯзҳои 12, 13, 14 шиддат ёфтанд, сару садоҳо, зӯргӯиҳо, шиорҳои миллатгароӣ ва маҳалпарастӣ, кушторҳо, оташ задании мағозаҳои китобу соату либос, мардумозорӣ ва қонуншиканиҳо, урён намудани занонро холисона инъикос намуда, иштирокчиёни тазоҳуротро «тӯдаи ифротгароёни моҷароҷӯ» номидааст, ки ҳақ ба ҷониби ӯст. Муҳаққиқ таҳлили воқеаҳои февралиро идома дода, интихоби «кумитаи 17», ки рӯзи 12 феврал созмон ёфта буд, ва аз ҷониби он таҳти раёсати Б.Каримов таъсис додани Бюрои муваққатии КМ ҲКТ, ки ба ҳайъати он танҳо ду нафар аз ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва як намоянда аз вилояти Кӯлоб шомил гардиданд ва дар саҳнаи сиёсӣ пайдо шудани Б.Каримовро тасодуфӣ намедонад. Ба ақидаи ӯ «намоиш – саҳнаи хунин пешакӣ тадорук ёфта буд».[2]

Ҳамзамон, Ҳ. Насриддинов,[3] А. Соҳибназаров[4] ва яке аз шахсиятҳои асосии воқеаҳои февралӣ Б. Каримов[5] мавқеи тамоман зидро ишғол намуда, ин воқеоти фоҷиаборро ҳамчун шӯриши халқӣ арзёбӣ кардаанд. Дар китоби Б. Каримов «Қурбонии дузахма»[6] сабабҳо ва оқибатҳои воқеаҳои дар моҳи феврали соли 1990 дар ҷумҳурӣ ба амал омада инъикос гардидаанд. Муаллиф дар мавриди «фитнаҳои дарборӣ» дар доираҳои олии ҳукмрони замон ва корношоямии баъзе роҳбарони ҷумҳурӣ санадҳои зиёд оварда, ҳамзамон хулосаҳои шахсии хешро, ки баъзан бо фарзияҳои бепоя асоснок шудаанд, иброз медорад. Дар китоб бархӯрди хунини санаҳои 12, 13, 14 феврал, пленумҳои XVI, XVII, XVIII КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон хеле муфассал тасвир ёфтаанд. Муаллиф худро қурбони дасисаҳои сиёсӣ ҳисобида, кӯшиш мекунад, ки ҳақ буданашро собит намояд. Вале, мутаассифона, дар китоб нақш ва мавқеи шахсиятҳое, ки бевосита дар

[1] Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 518.
[2] Султонов Ш. Ёддоштҳои зиёии шӯравӣ / Ш.Султонов. - Хуҷанд: Хуросон, 2015. – С. 531.
[3] Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.
[4] Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.
[5] Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.
[6] Каримов Б.Б. Қурбонии дузахма / Б.Б.Каримов. – Душанбе: Ориёно, 1992.

воқеаҳои хунини рӯзҳои 12, 13, 14 феврали соли 1990 даст доштанд, муайян нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шуда ба инъикоси воқеии таърихи навини сиёсии Тоҷикистон, алалхусус воқеаҳои фоҷиабори соли 1990 журналистон[1], кормандони масъули прократураи ҷумҳурӣ, раиси КАД, олимон-муаррихон Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов[2] ва сиёсатмадор С.Кенҷаев[3] пардохтанд. Муаллифон дарҳол ба моҷарои хунини дар пойтахти ҷумҳурӣ ба амал омада, ки тамоми аҳолиро ба изтироб оварда буд, воқеъбинона баҳогузорӣ намуда, нақши тарроҳони бетартибиҳои омавиро ба дурустӣ ошкор сохтанд. Воқеан, аз фаъолияти Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе», дар сессияи дуввуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ даъвати дувоздаҳум, ки дар санаи 21-29 августи соли 1990 баргузор гардида буд, маҳз Сафаралӣ Кенҷаев – депутати халқ (аз ҳавзаи интихоботии Ҷӯйбодом, рақами 63), ки вазифаи ҷонишини раиси ин комиссияро ба уҳда дошт, ахборот дод. Натиҷаи фаъолияти комиссияи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ва сиёсатмадорони зиёд, назири Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов,[4] И.Усмонов,[5] Ғ.Ғоибов[6] Ҳ.Насриддинов,[7] С.Кенҷаев[8] ва инчунин дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ инъикос ёфтаанд. Ахбороти С.Кенҷаев аз натиҷаи фаъолияти комиссия, ки дар 15 банд ироа шуда буд, дар шакли пурра ва

---

[1] Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288 с.
[2] Хайдаров Г.Х., М. Иномов. Таджикистан: трагедия и боль народа. – Санкт-Петербург, 1993. - 122 с.
[3] Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.
[4] Хайдаров Г.Х., М. Иномов. Таджикистан: трагедия и боль народа. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.
[5] Усмонов И. Таърихи сиёсии Точикистони сохибистиклол / И.Усмонов. - Хучанд: Маърифат, 2003. – С. 31-32.
[6] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – С. 660-670.
[7] Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – С. 75-103.
[8] Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.

муфассал дар китоби Ҳ. Насриддинов[1] дарҷ гардидааст. Ду банди аввал, ба ақидаи И.Усмонов, ки дар онҳо тасодуфӣ набудани ҳаводиси 12-14 феврал ва дар заминаи мушкилоти сахти иқтисодию иҷтимоӣ, тараққиёти номутаносиби ноҳияҳо ва маҳалгароӣ ба амал омадани онҳо, инчунин сарфи назар аз огаҳӣ пайдо кардани мақомотҳои салоҳиятдор, бахусус Кумитаи бехатарии давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ хунукназарӣ зоҳир кардан, сари вақт баҳои зарурии сиёсӣ надодан ва барои рух надодани ҳодисаҳо тадбирҳои мушаххас наандешидани онҳо акс ёфтааст, вазъиятро ба дурустӣ арзёбӣ мекунанд.[2] Тибқи маълумоти адабиёти мавҷуда комиссияи мазкур сабабҳои сар задани ҳаводиси феврал ва гунаҳкорони асосии онро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки воқеаҳои февралӣ натиҷаи пайгирии ҳадафҳои нопоки нерӯҳои ба ном «демократӣ» маҳсуб меёбанд, ки мақсади ғасби ҳокимияти сиёсиро дунболагирӣ мекарданд.

Бояд зикр кард, ки арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ ва давлатии ҷумҳурӣ А. Достиев[3] низ ба омӯзиши таърихи Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI машғул гардидааст. Асарҳои ӯ бо таҳлили амиқи равандҳои мураккаби сиёсӣ ва содиқият ба усулҳои таърихият фарқ мекунанд. Дар таълифоти И.Усмонов[4] низ низ воқеоти фоҷиабори моҳи феврал хеле возеҳ таҷассум ёфтаанд.

Лозим ба зикр аст, ки масоили сабабҳои сар задани воқеаҳои февралӣ дар адабиёти таърихӣ гуногун арзёбӣ шудааст. Баъзе муҳаққиқон овозаи аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон бо манзил таъмин намудани гурезагони арманиро сабаби ба вуқуъ омадани тазоҳуроти моҳи феврал медонанд, ки ба назари мо ин омил баҳонае беш нест. Ба андешаи мо сабабҳои сар задани воқеаҳои февралиро бояд дар масоили ҳалталаби ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мардум ҷустуҷӯ кард, ки ин

[1] Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – С. 75-103.
[2] Усмонов И. Таърихи сиёсии Точикистони сохибистиклол / И.Усмонов. - Хучанд: Маърифат, 2003. – С. 31.
[3] Достиев А. Тоҷикистон. Шикастанҳо ва бастанҳо / А. Достиев. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.; Достиев А. Истиқлолияти Тоҷикистон ва сабақҳои таърихии он / А.Достиев. - Душанбе: Матбуот, 2005; Достиев А. Ситораи ғолиб. - Душанбе: Матбуот, 2006. - 159 с.
[4] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. - Хуҷанд: Маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов И. Миростроительство в Таджикистане / И.Усмонов. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 160 с.

амалро муҳаққиқ Ғ.Ғоибов хеле хуб анҷом додааст. Мавсуф чор масоили ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодиро ба сифати сабабҳои сар задани ин рӯйдоди нангин қарор медиҳад: 1) бекории сунъӣ - ба андешаи Ғ.Ғоибов корхонаҳо сохта мешуданд, вале барои кор кардан дар онҳо коргарон аз Россия, Украина ва Белорусия даъват мешуданд. Ҳадаф – русикунонии мардуми маҳаллӣ буда, мавқеи забони тоҷикӣ ба таври фоҷиавӣ танг шуда буд;

2) таъминот ба манзил – манзил асосан ба русзабонҳо дода мешуд;

3) дин – диндорон таъқиб карда мешуданд;

4) масъалаи миллӣ – ба андешаи Ғ.Ғоибов мардуми тоҷик дар ватани худ мақому манзалате надошт, қудрат ва сарвату боигарӣ бештар дар дасти бегонагон қарор дошт ва беҳуда нест, ки яке аз шиорҳои рӯзи 13 феврал «Тоҷикистон ба тоҷикон» буд.[1]

Бояд зикр кард, ки тарроҳони тазоҳуроти моҳи феврали соли 1990 аз ин масоили ҳалталаб ва нуқсонҳои ҷомеа, ки ба онҳо, ба назари мо омили маҳалгароиро низ дохил кардан мумкин аст, огаҳӣ доштанд. Онҳо хуб медонистанд, ки мардумро бо кадом васила ба майдон кашанд ва ҳамзамон аз паси парда ҳадафҳои сиёсии хешро пайгирӣ намоянд.

Масоили марбут ба воқеаҳои феврали соли 1990 дар мақолаҳои А.Генелин, Э.Саидов, Н.Козлова, В.Пономарёв, А.Азимов ва бисёр дигарон, ки дар китоби «Таджикистан в огне»[2] гирдоварӣ шудаанд, низ инъикос гардидаанд. Қариб тамоми муҳаққиқони воқеаҳои февралӣ дар зимни таҳқиқоти хеш, ин воқеотро бо дигар ошӯбҳои оммавӣ, ки дар дигар ҷумҳуриҳои иттифоқ ба амал омада буданд, муқоиса намуда, ба хулосае омадаанд, ки ҳамаи бархӯрдҳои миллӣ ва ғоратгариҳо дар нуқтаҳои мухталифи мамлакат аз як маркази ягонаи расмии умумииттифоқии мунокишаҳо идора мешуданд, яъне онҳо як тарроҳи ягона доштанд.

Н.Козлова дар мақолаи худ - «Кто виноват и в какой степени» ба мавқеи додситони кулли ҷумҳурӣ Г.С.Михайлин ва Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон

---

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – С. 660.
[2] Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288 с.

М. Навҷувонов такя намуда, номуташаккилона будани воқеаҳои февралиро инкор менамояд. Ба ақидаи ӯ сӯхторҳо, ғоратгариҳо, кӯшторҳо ва дигар аъмоли ғайриқонунӣ пешакӣ тарҳрезӣ шуда буданд.[1]

Лозим ба зикр аст, ки як зумра муҳаққиқон, назири В. Пономарёв худсариҳо, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунии аз ҷониби гуруҳҳои авбош ва ҷиноятпеша дар рӯзҳои 11-14 феврали соли 1990 ба вуқуъ пайвастаро ба ҳадди иғроқ расонида, аз воқеияти таърихӣ дур рафтаанд. В. Пономарёв дар мақолаи «Колокола надежды»[2] амалҳои ваҳшиёнаи тазоҳуротчиёни моҳи февралро инъикос карда, гӯё аз нақли шоҳидони ҳол ҳодисаҳои аз ҷониби гуруҳи мутаассибон дар болои кӯпруки дарёи Душанбе пора-пора кардани писарбачаи рус, ва ё аз ҷониби ҳамин гуруҳ аз болои кӯпрук ба зер партофтани зани рус ва ба номуси тоҷикзани ҳомилаи либоси аврупоӣ дошта таҷовуз кардани онҳоро ёд мекунад[3], ки ба назари мо муболиғае беш нестанд. В. Пономарёв андешаронихои хешро ҷиҳати ваҳшонияти тоҷикон идома дода, дар ҷои дигар чунин менависад: «Дар бораи ин ҳодисаҳо шумо дар протоколҳои милиса хабар ҷустуҷӯ накунед. Зеро тибқи қавоиди ислом ин гуна маитҳоро зуд ва пинҳонӣ ба хок месупоранд, то овоза аз ҳудуди девори оилавӣ берун наравад».[4]

Муаррихи тоҷик Ғолибшо Ғоибов дар таҳқиқоти хеш зери унвони «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз»[5] ҷанбаи иғвогарона доштани мақолаи В. Пономарёвро ифшо сохта, муаллифро мавриди танқиду маломат қарор додаст. Ба андешаи ӯ ҷаноби Пономарёв бо ин навиштаҳои хеш аз мардуми тоҷик аъҷубаҳои хунхоре офаридааст. Ғ. Ғоибов аз бехабарии ҷаноби Пономарёв аз қавоиди ислом дарак дода, қайд менамояд, ки ягон фарди мусулмон ба ҳеҷ ваҷҳ маити хешро пинҳонӣ

---

[1] Козлова Н. Кто виноват и в какой степени / Н. Козлова // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С.60-63.

[2] Пономарёв В. Колокола надежды / В.Пономарёв // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С. 68-85.

[3] Пономарёв В. Колокола надежды / В.Пономарёв // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С. 70.

[4] Пономарёв В. Колокола надежды / В.Пономарёв // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С. 70.

[5] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

ва бечаноза дафн нахоҳад кард.[1] Гузашта аз ин, ӯ ин андешаҳои хешро бо истинод аз баромади Прокурори кулли ҷумҳурӣ Т. П. Почомуллоев дар хусуси сафсатаҳои бофтаи Пономарёв асоснок кардааст: «Дар натиҷаи тафтиш собит шуд, ки органҳои прокуратура, корҳои дохилӣ ва бехатарии давлатӣ, материалҳои тасдиққунандаи фактҳои зикршударо дар ихтиёр надоранд. Манбаи маълумотгирии муаллиф маълум нест. Дар баробари ин… дар давраи ҳодисаҳои февралӣ ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ садҳо маълумоти ба ин монанд дар бораи куштор, таҷовузкорӣ, шикасторӣ расид, ки аксараш, тавре, ки тафтиши муфассал нишон дод, характери бардурӯғ ва иғвогарона дошт».[2]

Бояд зикр кард, ки Ғ. Ғоибов бо истинод ба иттилоъи прокурори кулли ҷумҳурӣ намояндаҳои иртиҷоии рӯҳониёни мусулмони ноҳияҳои Ленину Ҳисор, назири А. Боев, С. Бедимоғов, Т. Давлатов, А. Ҳакимов, А. Дилоев, Р. Қосимов, инчунин созмони мардумии «Растохез» ва унсурҳои ҷинояткорро ташкилкунандагони асосии воқеаҳои февралӣ медонад.

Оид ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ ва алалхусус инъикоси воқеаҳои фоҷиабори моҳи феврали соли 1990 рисолаҳои номзадӣ низ дифоъ гардидаанд, ки дар онҳо ҷабҳаҳои алоҳидаи бунёди давлати соҳибистиқлол таҳқиқ шудааст. Масалан, дар рисолаи номзадии Сулҳия Қобилова таҳти унвони «Обострение общественно-политической ситуации в Таджикистане в период перестройки: 1985 - 1991 гг.»[3] («Тезутундшавии вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар даврони бозсозӣ: солҳои 1985-1991»), ки боби дуюми таҳқиқот маҳз ба воқеаҳои феврали соли 1990 бахшида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст, бори нахуст шароитҳо ва сабабҳои ангезандаи фоҷиаи миллии моҳи феврали соли 1990 ба таври возеҳ инъикос гардида, раванди ҷараёнёбии он, инчунин табиат, мавқеъ ва рафтори

---

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – С. 667.

[2] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – С. 668.

[3] Кобилова С.Я. Обострение общественно-политической ситуации в Таджикистане в период перестройки: 1985 - 1991 гг. : дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / С.Я. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 187 с.

илҳомбахшони фаъоли маънавии бетартибиҳои омавӣ нишон дода шудааст. Илова бар ин дар рисола моҳият ва решаҳои иҷтимоии маҳалгароӣ, инчунин пайомадҳои таърихии ин воқеоти фоҷиабор таҳлил гардидаанд.

Умуман, воқеаҳои феврали соли 1990, ба назари мо рӯйдоди нангине маҳсуб меёбанд, ки бо мақсади намоиши нерӯ аз ҷониби ҷабҳаи бо ном «демократӣ» матраҳ шуда буданд. Ин нерӯҳои бо ном «демократӣ» бо назардошти ҳадафҳои сиёсии хеш воқеаҳои февралиро тарҳрезӣ намуда, мақсади касби обрую нуфуз дар ҷомеа, ғалаба дар интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои олии Тоҷикистон ва билохира, ба даст даровардани ҳокимияти сиёсиро доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки қабули Эъломияи истиқлолияти Чумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон марҳилаи навбатӣ дар роҳи ба даст даровардани Истиқлолияти комили давлатӣ маҳсуб меёбад. 24 августи соли 1990 иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум, Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии таҷдидёфта қабул намуд.[1] Пеш аз қабули эъломия, дар вақти муҳокимаи он аз ҷониби Шӯрои Олӣ, як гурӯҳ олимони соҳаи ҳуқуқ лоиҳаи дигареро дар ин боб тайёр карданд, ки лоиҳаи алтернативӣ буд. Ба андешаи журналист Б. Каримов: "Эъломияи алтернативӣ санади хеле муфассал ва аз нигоҳи мазмуну муҳтавиёти ҳуқуқии худ ба талаби истиқлолияти комили давлатӣ ҷавобгӯ буд, зеро муаллифони он дар тафовут аз мақомоти расмии онвақта фишору бархӯрдҳои ҳукумати марказиро камтар эҳсос мекарданд".[2]

Мавриди зикр аст, ки масоили марбут ба қабули Эъломияи истиқлолияти Чумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муаррихон, ҳуқуқшиносон ва сиёсатшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, назири И.Усмонов,[3] А.Холиқзода,[4] Д.Назриев ва И.Сатторов,[1] Ғ.Ғоибов[2], Н.Б.Ҳотамов,[3] Р.Набиева,[4]

---

[1] Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – С.10-11.
[2] Садои мардум. 27 ноябри соли 2002.
[3] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - 178с.
[4] Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А.Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 193 с.

Н.Ҳакимов,[5] Н.Давлатбеков,[6] инчунин асарҳои дастаҷамъии «Бунёди давлатдории навин»,[7] «Основа новейшей государственности»[8] ва «История таджикского народа»[9], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[10] инъикос гардидааст. Вале, мутаассифона, аксари муаллифони фавқуззикр танҳо аз қабули як Эъломияе дар санаи 24 августи соли 1990 ёдрас шудаанду бас. Ҳатто дар китоби дастаҷамъии «История таджикского народа»[11], ки ба назари мо масоили қабули Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ бояд ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ мегардид, ба ин масъала таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст. Дар адабиёти таърихӣ Эъломияи мазкур гуногун арзёбӣ мегардад. Масалан, ба ақидаи А. Холиқзода «ин ҳуҷҷати ноқис буд ва аз ягон соҳибихтиёрӣ дарак намедод».[12]

Бояд тазаккур дод, ки бар хилофи А.Холиқзода аксари муҳаққиқон Эъломияи истиқлолияти Чумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистонро мусбат арзёбӣ намуда, онро марҳилаи муҳим ҷиҳати ба даст даровардани истиқлолияти комил номидаанд. Масоили мазкур, алалхусус дар китоби «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[13] ва китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик"[1] хеле

---

[1] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости / Д. Назриев, И.Сатторов. – Душанбе,2002. - Т.1. – 337 с.

[2] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

[3] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[4] Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с.

[5] Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 492 с.

[6] Давлатбеков Н. Таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Давлатбеков. Душанбе, 2011. – 367 с.

[7] Бунёди давлатдории навин. – М., 2002. – 416 с.

[8] Основа новейшей государственности. – М., 2002. – 358 с.

[9] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С.438-488.

[10] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

[11] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С.438-488.

[12] Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А.Холиқзода. – Душанбе, 1997.- С.162.

[13] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш,

амиқ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Тибқи маълумоти ин манобеъ Эъломия ҳарчанд истиқлолияти комили мамлакатро таъмин карда натавониста бошад ҳам, барои истиқлолияти давлатии соли 1991 заминаи мусоид фароҳам овард. Ба ақидаи муаллифони китоби «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[2] "дар ин ҳуҷҷат ғояҳои яклухт будани мамлакат ва масъунияти он, ба даст овардани сарвати миллӣ, эълон намудани замин ва сарватҳои зеризаминӣ ва дигар намуди захираҳои табиӣ моликияти хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои сохтори нави бонкӣ ва мустақилона муайян намудани сиёсати молиявӣ бардошта шуда буд, ки ин аз ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ воридшавии арзишҳои нав шаҳодат медод".[3]

Лозим ба зикр аст, ки дар китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик"[4], ки барои донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ таълиф гардида, ба қалами олимони шинохта Н.Б.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов ва М.Исоматов мутаалиқ аст, ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир гаштааст. Агар дар дигар китобҳои дарсӣ ва адабиёти таърихӣ муаллифон аз қабули Эъломия танҳо ёдрас шуда бошанд, пас муаллифони китоби мазкур Эъломияи истиқлолияти давлатиро банд ба банд ва хеле амиқ таҳлил намуда, мусбат арзёбӣ кардаанд. Муаллифон матни Эъломияро таҳқиқ намуда, бо истинод ба ин матн, аз ҷумла қайд кардаанд, ки Шӯрои Олӣ «бо дарки амиқи масъулияти таърихӣ барои тақдири халқи тоҷик ва давлати миллии он», «бо назардошти ҳуқуқи дахлнопазири ҳар як халқ дар таъини сарнавишти худ», «бо эътирофи он, ки иттиҳоди озоду баробарҳуқуқи миллатҳо»-и Шӯравӣ дар ҳайати ИҶШС-и «таҷдидёфта зомини тараққиёти ҳамаҷонибаи онҳо мебошад», бо таъкиди эҳтиром ба шаъну эътибор ва ҳуқуқҳои намояндагони ҳамаи миллатҳои сокини Тоҷикистон, «ба хотири таъмини ҳаққи зиндагии шоиста

---

2016. – 463 с.

[1] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

[3] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 10.

[4] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

барои ҳар як инсон ва иродаи халқи»ҶШС Тоҷикистонро ифода намуда, истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистонро ботантана эълон мекунад ва изҳор медорад, ки «давлати демократии ҳуқуқбунёд барпо хоҳад кард».[1]

Муаллифони китоби мазкур моддаи 4-уми Эъломияро, ки дар он дараҷаи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ таҷассум ёфтааст, муҳим арзёбӣ кардаанд. Ба ақидаи онҳо дар он таъкид гардидааст, ки ҶШС Тоҷикистон «дар ҳудуди худ ҳамаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро, ғайр аз масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти ИҶШС «дода мешавад, мустақилона ҳал мекунад».[2] Ба назари муаллифон чунин вазифаҳо, ба амсоли мудофиа, бехатарии давлатӣ, авиатсияи шаҳрвандӣ, роҳҳои иттифоқӣ, энергетика ва электронӣ, саноати атомӣ, флоти баҳрӣ, барномаи иттифоқӣ оид ба мудофиа ва космонавтика минбаъд бояд ба ихтиёри Иттиҳоди нави таҷдидёфта гузарад.

Муаллифони китоби мазкур таҳқиқи Эъломияро идома дода, қайд менамоянд, ки моддаи 5-уми Эъломия амали ҳуҷҷатҳои ИҶШС-ро, ки ба ҳуқуқҳои дахлнопазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, боз медорад, ки ин хеле муҳим буд. Моддаи 15-уми Эъломия, ки ба муносибат бо давлатҳои хориҷа бахшида шудааст, бастани шартномаҳои иқтисодӣ, маданӣ ва илмию техникиро дар назар дорад. Ба ақидаи онҳо "ҳуқуқи имзои шартномаҳои сиёсиро ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ ихтиёран ба уҳдаи Иттиҳоди таҷдидёфтаи Шӯравӣ мегузоранд".[3]

Ба назари мо низ қабули Эъломияи истиқлолияти давлатӣ дар ҳайати Иттиҳоди таҷдидёфтаи Шӯравӣ дар санаи 24 августи соли 1990, сарфи назар аз ноқисиҳои он хеле муҳим буда, қадами зарурӣ ва устувор дар роҳи ба даст даровардани истиқлолияти комили давлатӣ маҳсуб меёбад. Вале, мутаассифона, Иттиҳоди озоду баробарҳуқуқи миллатҳои Шӯравӣ, ки ҷиҳати созмон додани он

---

[1] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 451.

[2] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 452.

[3] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 452.

президенти нахустини ИҶШС М.Гобачёв бо сарварони 9 ҷумҳурии собиқ Шӯравӣ дар моҳҳои апрел-майи соли 1991 гуфтушунид гузаронида буд, бунёд наёфт ва нуқтаҳои асосии Эъломияи мазкур низ дар амал татбиқ нагардиданд. Минбаъд 9 сентябри соли 1991 дар рӯзи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Эъломия тағйироту иловаҳои зарурӣ дохил карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки 9 сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум баргузор гардида, дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Точикистон якчанд ҳуҷҷатҳои муҳимми таърихӣ, аз чумла: «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ду қарори махсусро қабул кард ва дар асоси қонуни қабул кардааш ба Конститутсияи (Қонуни асосии) амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Изҳороти қабулгардида, ба ақидаи Н.Б.Ҳотамов бо назардошти тағйироти дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омада, Истиклолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон карда, аз таъсисёбии давлати нави соҳибистиқлоли ҷаҳонӣ дар заминаи яке аз ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ дарак медод. Дар натиҷа дар харитаи ҷаҳонӣ боз як давлати нави мустақил бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон падид омад.[1]

Бояд қайд кард, ки Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, ки зикрашон дар боло рафт ва китобҳои бунёдию дарсӣ инъикос гардида, мусбат арзёбӣ шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқони таърихи сиёсии Тоҷикистон Изҳороти мазкур агар аз як тараф истиқлолияти комили давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон карда бошад, аз ҷониби дигар боназардошти умумияти иқтисодии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ таъкид менамояд, ки Чумҳурии Тоҷикистон кӯшиши собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқиро «оиди аз нав барқарор намудани муносибатҳои байни ҳамдигарӣ эҳтиром намуда, … бастани Шартнома дар барои Иттиҳоди давлатҳои соҳибхтиёр…» - ро дастгирӣ менамояд.

---

[1] Ҳотамов Н. Таърихи халқи точик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 457.

Гузашта аз ин, ба ақидаи муаллифони китоби дарсии “Таърихи халқи тоҷик” “Изҳорот сиёсати ояндаи мустақилонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, таъкид менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд дар муносибатҳои байналхалқӣ «ба сифати субъекти мустақили ҳукуқи байналхалқӣ» баромад мекунад”.[1]

Мавриди зикр аст, ки оид ба таърихи сиёсии солҳои аввали даврони истиқлолият, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ ва нақши ин созмонҳо дар равандҳои сиёсии ҷомеа рисолаҳои номзадӣ низ дифоъ гардидаанд, ки онҳо паҳлуҳои гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистонро фаро мегиранд. Масалан, диссертатсияи доктории О.Қ.Каримов[2], гарчанде ки асосан таърихи илми таърихи Тоҷикистонро дар замонҳои қадим, асрҳои миёна, нав ва даврони шӯравӣ фаро гирад ҳам, дар он муаллиф ба таърихнигории солҳои 90-уми асри XX низ то андозае дахл кардааст. Мавсуф дар зимни таҳқиқоти хеш вазифаҳои илми таърихнигориро дар даврони истиқлолият мушаххас намуда, тавсияҳои худро ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ пешниҳод кардааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии И.Р.Абдуллоев[3] шароитҳои таърихӣ ва сабабҳои ташаккулёбӣ ва рушди ҳаракатҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ инъикос гардидааст. Рисолаи диссертатсионии А.Абдуқодиров[4] ба масоили инъикоси ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон дар саҳифаҳои матбуоти русии кишвар бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Р.Furthermore Бобоҷонова[5] нақши матбуоти даврии Россия дар инъикоси ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст. А.А.Муродов[6]

---

[1] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 457.

[2] Каримов О.К. История исторической науки Таджикистана: дис. … доктора ист. наук: 07.00.09 / О.К. Каримов. – Душанбе, 2002. – 353 с.

[3] Абдуллоев И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – 179 с.

[4] Абдукадыров А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995гг.) : автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / А. Абдукадыров. – Душанбе, 1997. – 24 с.

[5] Бободжанова Р. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России (1990-1995 гг): автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Р.М. Бободжанова. – Худжанд,1998. – 22 с.

[6] Муродов А.А. Освещение политической ситуации Таджикистана 1989-1997 гг. в периодической печати Республики: автореферат диссертации кандидата исторических наук:

рисолаи номзадии хешро ба масоили инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистон (солҳои 1989-1997) дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ бахшидааст.

Умуман, ба назари мо истиқлолият беҳтарин неъмат ва гаронмоятарин арзиш барои ҳар давлату миллат буда, омили аслии рушду тараққӣ ва заминасозӣ ҳузур дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Истиқлолияте, ки орзуи ҳамешагии ҳар миллати озода аст, маҳз бо қабули Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии  Тоҷикистон” дар санаи 9 сентябри соли 1991 ба миллати тоҷик насиб гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

---

07.00.02 / А.А. Муродов. – Душанбе,2004. – 24 с.

## 1.2.Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри ХХ дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил дохил мешуд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Вале мутаассифона, давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониён қурбон ва ҳазорҳо нафари дигар бехонумон шуда, хазинаи давлат касоду миллати тоҷик парешон гардид.

Роҷеъ ба инъикоси воқеоти сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии солҳои 90-уми асри ХХ, аз ҷониби муаррихон, сиёсатмадорон, журналистон, ҳуқуқшиносон ва умуман аҳли илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифоти зиёде ба табъ расидааст, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошанд. Дар байни онҳо, махсусан асарҳое, ки ба инъикоси саҳифаҳои мудҳиши таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол – ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) бахшида шудаанд, мавқеи муҳим доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар инъикоси солҳои аввали даврони истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он, пеш аз ҳама, гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манбаъи муҳим ва хеле арзишманд маҳсуб меёбанд[1]. Сарвари давлат ҳанӯз 31

[1] Раҳмон Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ: Иборат аз се ҷилд /мураттиб С.Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 512 с.; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳѐи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

декабри соли 1992 дар зимни суханронии табрикотиашон ба муносибати таҷлили соли нави мелодӣ вазъи вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоиеро, ки Тоҷикистони азизро фарогир буд, чунин ифода карда буданд: «Нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан моҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд»[1].

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри XX як силсила тадқиқоте рӯи кор омаданд, ки дар инъикоси маҷмуии бархӯрди сиёсӣ дар ҷумҳурӣ (1991-1997) манбаъи асосӣ ба ҳисоб меравaнд.[2] Муаллифони онҳо кӯшиш намудаанд, ки вазъияти сиёсии Тоҷикистонро дар солҳои 90-уми асри XX, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, созмон ёфтани нахустин маҳфилҳои сиёсӣ, заминаҳои ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳои асосии сулҳи тоҷикон, нақши Россия ва дигар давлатҳои ҳамсояи минтақа дар раванди баҳамоии тоҷикон, инчунин нақши ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷиконро инъикос намоянд.

Дар зимни таҳқиқу баррасии масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[3]-ро, ки дар он мавзӯи таҳқиқотии мо низ баррасӣ гардидааст, қайд кардан бамаврид аст. Вале бояд зикр кард, ки дар ин таҳқиқот масоили солҳои аввали истиқлолият, маҳз

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Чилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 18-19.
[2] Бушков В.П. Анатомия гражданской войны в Таджикистане. Монография / В.П. Бушков, Д.В. Микульский – М., 1996. – 160 с.; Каюмов Н.К. «Локомотивы» преодоления системного кризиса в Таджикистане / Н.К. Каюмов // Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана: материалы семинара. – Душанбе, 1996; Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета. Монография / А. Мамадазимов. – Душанбе, 1996. – 180 с.; Масов Р.М. Россия и Таджикистан / Р.М. Масов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе, 1998. – 156 с.
[3] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.

таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) хеле фишурда ва ноқис инъикос ёфта, амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, асари мазкур муҳимтарин манбаъ дар боби омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX маҳсуб меёбад. Дар он ба баъзе масоили баҳсноки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, ба амсоли оғози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мегардид, хотима гузошта шудааст. Муаллифони асари мазкур, барҳақ воқеотеро, ки санаи 5 майи соли 1992 дар қаламрави Оли Совети ноҳияи Ленин рух дода, дар натиҷаи он се кас кушта ва чанд нафари дигар захм бардоштанд, инчунин дар назди бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони номаълум кушта шудани намояндаи халқ, сардабири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шералиев ва иштирокчии гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» Холиқ Ҷурабоевро оғози ҷанги шаҳрвандӣ медонанд[1].

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси воқеаҳои солҳои аввали истиқлолият-ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, на танҳо муаррихон, балки зиёиёни касбу корҳои гуногун, аз ҷумла журналистон, сиёсатшиносон ва шоҳидони воқеаҳо низ даст заданд. Асарҳои аксари онҳо характери ҳикоятӣ ва ёддоштӣ дошта, бо сабабҳои гуногун ба муаллифон муяссар нашудааст, ки воқеаҳои таърихиро илман таҳлил намоянд. Ҳадафи таълифи ингуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳамияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Сарфи назар аз камбудию костагиҳо ин таълифот аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор буда, дар инъикоси таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаъи муҳим маҳсуб меёбанд. Ба ин гуруҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров[2], С. Кенҷаев [3], Н. Дӯстов[1], Б. Каримов[2], Х. Насриддинов[3], М. Амиршо[4], С.А. Нури[5], О.

---

[1] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т. 6. - С. 444.

[2] Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.

[3] Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. –

Панфилов[6], Х. Турачонзода [7] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз бисёр чиҳат муаллифони ин рисолаҳо аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Дар фарқият аз асарҳои ёддоштии зикршуда, мақолаҳои Р.Абулҳаев[8] воқеан чанбаи илмӣ дошта, муаллиф дар онҳо чанги шаҳрвандӣ ва давраҳои гуфтушуниди миёни тоҷиконро инъикос намудааст. Ӯ сабабҳои дохилӣ ва берунии чанги шаҳрвандиро бо назардошти методологияи илмӣ таҳқиқ намуда, яке аз сабабҳои дохилии сар задани онро дар мансабталошӣ ва кӯшиши табдил додани низоми давлатдории дунявӣ ба динӣ мебинад[9].

Дар монографияи Г. Ҳайдаров ва М. Иномов таҳти унвони "Таджикистан: трагедия и боль народа"[10] вазъияти чумҳурии чавону мустақили Тоҷикистон, ки халқаш ғайри хоҳиши худ гирифтори чанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардида буд, инъикос шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ҳодисаҳоро сари вақт таҳлил карда, ҳақиқати ин фочиа, заминаҳои он, нерӯҳои ҳаракатдиҳанда ва гунаҳкорони асосиро ошкор созанд. Дар монография гунаҳкорони асосии фочиаи тоҷикон

---

Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.

1 Дӯстов Н. Захм бар чисми Ватан: Хотира ва андешаҳо / Н. Дӯстов.– Душанбе: Ирфон, 1994. – 336 с.

2 Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.

3 Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.

4 Амиршо М. Раненные страницы / М. Амиршо. – М., 2001. – 304 с.

5 Нурӣ С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе: Нодир, 2001. – 360 с.

6 Панфилов О. Горячие точки Таджикистана: журналисты на гражданской войне (1992 – 1997 гг.). Монография / О. Панфилов. – М: Права человека, 2003. – 564 с.

7 Тӯрачонзода Ҳ. А. Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтем / Ҳ. А. Тӯрачонзода. – Теҳрон, 1998. – 65 с.

8 Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии чанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 38-46; Абулҳаев Р. Даврахои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С. 47-110.

9 Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии чанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 39.

10 Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.

тасвир гардида, бо санадҳои амиқ омӯхташуда чеҳраҳои аслии онҳо нишон дода шудааст.

Дар мавриди муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон аксари кули муҳаққиқони таърихи навини тоҷикон, назири Г.Х. Ҳайдаров[1], И. Усмонов[2], Р. Абулҳаев[3], Ғ. Ғоибов[4], А.И. Кузмин[5], А Ғафуров[6] ва дигарон ду омилро ҷудо кардаанд: омили берунӣ ва дохилӣ. Ба ақидаи А.И. Кузмин, ки худ шоҳиди бархӯрди сиёсии солҳои аввали истиқлолият буд, омили дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) тезутунд шудани масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, қабл аз ҳама афзоиши аҳолӣ дар шароити норасоии замин, афзалият доштани кишти пахта, рушди нобаробари минтақаҳо, роҳандозии сиёсати ғалати кадрӣ, ки манфиати намояндагони баъзе минтақаҳоро нодида мегирифт ва боиси вусъат пайдо кардани падидаи номатлуби маҳалгароӣ гардида буд, маҳсуб меёбад. Ба сифати яке аз омилҳои асосии берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, мавсуф қазияи Афғонистонро ном бурдааст. Ба назари ӯ ғалабаи муҷоҳидон дар Афғонистон ёрии мустақими онҳоро ба бунёдгароёни исломии Тоҷикистон (таъмини яроқу аслиҳа, омода гардонидани ҷангиёни тоҷик, ба сифати «зархарид» иштирок кардани муҷоҳидон дар амалиётҳои ҷангӣ) ба маротиб афзоиш дод ва боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) гардид[7].

---

1 Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: ХХ век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.

2 Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.

3 Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 39.

4 Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

5 Кузьмин А. И. Таджикистан. Причины и уроки гражданской войны / А.И. Кузьмин // Постсоветская Центральная Азия. Потери и обретения. – М., 1998.–23 с.

6 Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М. Гафуров [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.02.2019).

7 Кузьмин А. И. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А.И. Кузьмин [Электронный ресурс]. URL: http: / militaryarticle.ru/obozrevatel/1993-obozrevatel/12799/ (дата

Бояд зикр кард, ки воқеан ҳам дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX роҳбарияти Тоҷикистон, дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва инчунин Россия ҷиҳати муқобилияти шадид ба омили афғонӣ омода набуданд. Афғонистони хатарзо, ворид шудани бунёдгароёни исломӣ ба Тоҷикистон вазъиятро дар тамоми Осиёи Марказӣ муташанниҷ мегардонд. Аз ин лиҳоз ҷумҳуриҳои пасошӯравии минтақаро лозим буд, ки муттаҳид шуда, дар ҳамкорӣ бо Россия ҳифзи боэътимоди марзҳои ҷанубии ИДМ-ро таъмин намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони номбурда дар радифи омили афғонӣ рақобати ниҳонии абарқудратони минтақа, амсоли Эрон, Покистон, Туркия ва пешсафи ҷаҳони арабӣ-мусулмонӣ – Арабистони Саудиро ҷиҳати ба фазои таъсири хеш табдил додани Осиёи Марказӣ омили дигари сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ном бурдаанд.

Масоили марбут ба сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) дар китобҳои дарсӣ[1] низ ботафсил баррасӣ гардидаанд. Бахусус дар китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик»[2], ки барои ихтисосҳои ғайритаърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст, ин масоил амиқ таҳлилу баррасӣ гардида, дар он муаллифон панҷ сабаби асосии сар задани ҷанги шаҳрвандиро, амсоли сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мансабталошӣ, маҳалгароӣ ва инчунин муносибати ғалати Ҳукумати Шӯравӣ нисбат ба дин муайян кардаанд.[3]

Бояд зикр кард, ки дар самти омӯзиши амиқи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон саҳми муҳаққиқон Д. Назриев ва И.Сатторов хеле бузург аст. Таҳқиқоти онҳо - «Республика Таджикистан: история независимости»[4]

---

обращения: 01.02.2019).

[1] Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов. Ҷ.2. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 492 с., Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с., Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[2] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[3] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – С. 460.

[4] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.; Назриев Д. Республика Таджикистан: история

(«Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърихи истиқлолият») унвон дошта, аз се ҷилд таркиб ёфтааст. Муаллифони таълифоти мазкур воқеоти муҳимми дар тӯли солҳои 1991, 1992, 1993 дар ҷумҳурӣ ба вуқуъ пайвастаро бо дарназардошти тартиботи солномавӣ муфассал инъикос намудаанд.

Яке аз воқеаҳои муҳимме, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваста, дар рафти он дигаргунии амиқ ворид намуд ва ба таърихи давлатдории навини тоҷикон ибтидо гузошт, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин иҷлосияи тақдирсоз дар таърихи 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ сурат гирифта, самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар оянда муайян кард. Дар ин иҷлосия роҳбари нави давлати тоҷикон, сарвари 40-солаи вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов интихоб гардид, ки ҳангоми савгандёдкунӣ ба вакилони халқ ва мардуми тоҷик чунин ваъда дод: «…фаъолияти худро ман аз барпо намудани сулҳ оғоз менамоям…»[1] ва ӯ ба ваъдаи хеш вафо кард. Баъд аз гузашти 10 сол яке аз вакилони иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Малик Қурбонов ин воқеаи таърихиро ба ёд оварда, чунин қайд мекунад: «ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз бо туфайли ҷаҳду талоши Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин муболиға не, балки таҳлили вазъи даҳсолаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо мебошад. Ин ҳамон ҳақиқате мебошад, ки онро тамоми ҷаҳон ва аксарияти ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд»[2].

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Қариб тамоми сохторҳои давлати навини тоҷикон маҳз аз ин иҷлосия сарчашма мегиранд. Мавриди зикр аст, ки дар омӯзишу баррасӣ, ташвиқу тарғиби аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи мазкур асару

---

независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2005.-Т.2. - 737 с.; Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.3.-904 с.

[1] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.23.

[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.24.

мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар манбаъи хеле арзишманд маҳсуб меёбанд[1]. Сарвари давлат аҳамияти бузурги таърихӣ доштани иҷлосияи мазкурро дар яке аз паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода кардаанд: «Роҳи мо ба сӯи чунин низом аз баргузории иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози наҷоти миллати мо аз вартаи парокандагӣ ва гузоштани аввалин хишти бинои сулҳ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон буд, ибтидо мегирад»[2].

Аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, теъдоди зиёди муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир намудаанд. Роҷеъ ба иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он шумораи зиёди китобҳо ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Муаллифони аксари онҳо иштирокчиёни бевоситаи иҷлосия буда, лаҳзаҳои мушаххаси воқеаҳои иҷлосияро баррасӣ намудаанд.

Лозим ба зикр аст, ки ҷиҳати инъикоси иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсозу паёмадҳои он асарҳои И.Усмонов[3], Г.Ҳайдаров[4], К.Абдулов[5], инчунин асарҳои бунёдии

---

[1] Раҳмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт ҷилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.
[2] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20.04.2006 / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2006. – 22 апрел.
[3] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
[4] Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993. – 122 с.; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.
[5] Абдулов К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Ҷ.6. Монография / К. Абдулов. – Хуҷанд: Ношир, 2002. – 438 с.

«Бунёди давлатдории навин»[1], «История таджикского народа»[2] ва "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол"[3], Д.Назриев ва И.Сатторов[4], З.Акрамӣ[5] нақши бориз доранд. Муаллифони мазкур иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро рӯйдоди муҳим ва сарнавиштсоз номида, аҳамияти таърихӣ ва паёмадҳои он, аз ҷумла ба тариқи райъпурсӣ қабул шудани Конститутсияи Тоҷикистон дар соли 1994, интихоби Раиси Ҷумҳур ва билохира ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар санаи 27 июни соли 1997 таҳлил ва баррасӣ намудаанд.

Ба ақидаи муҳаққиқи таърихи сиёсии даврони истиқлолият И.Усмонов аҳамияти таърихии иҷлосия қабл аз ҳама аз он иборат аст, ки ин иҷлосия "тавонист роҳбариятеро интихоб намояд, ки давлат ва сарзаминро аз парокандашавӣ ва миллатро аз худкушӣ наҷот диҳад"[6].

Доктори илмҳои таърих З.Акрамӣ дар рисолаи хеш заминаҳои ташаккулёбии давлатдории муосири тоҷикон ва паҳлӯҳои гуногуни иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо диди нав мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Мавсуф дар рисола, махсусан аз назари мантиқи таърихӣ ҷойгоҳ ва ё мақоми иҷлосияи мазкурро хеле возеҳу рӯшан нишон дода, дар ин маврид чунин навиштааст: "Маҳз қарорҳои таърихии иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони нави мамлакатро имкон доданд, ки масоили муҳими ҳаётро ҷиҳати манъи ҷанги бародаркуш, бозгашти гурезагон ба ватан, дарёфти роҳҳои гуфтушунидҳо ба Иттиҳоди мухолифини тоҷик, бунёди давлатдории нав ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳал намоянд"[7].

---

[1] Бунёди давлатдории навин. Монография – М., 2002. – 416 с.
[2] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С.438-488.
[3] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.7-47.
[4] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.
[5] Акрамӣ З. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих / З. Акрамӣ. – Душанбе, 2017. – 80 с.
[6] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С.87.
[7] Акрамӣ З. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих / З. Акрамӣ. – Душанбе, 2017. – С.18.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати батанзимдарории сиёсии мунокишаи байни тоҷикон иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон накши тақдирсоз дорад. Ба ақидаи доктори илмҳои таърих Ф. Абдурашитов маҳз дар ин иҷлосия масъалаи муроҷиат намудан ба давлатҳои ИДМ ҷиҳати ворид кардани неруҳои сулҳхоҳ ба минтақаи даргир ҳалу фасл гардида, масоили мубрам, амсоли таъсиси артиши миллӣ, ба расмият даровардани ҳизбҳои сиёсӣ, пароканда намудани гуруҳҳои ғайриқонунии ярокнок, тақвият додани ҳифзи марзҳои давлатӣ баррасӣ гардиданд.[1]

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ ҳамчун иҷлосияи сарнавиштсоз ва наҷотбахш тавсиф мешавад. Аммо, ба ақидаи И.Усмонов на ҳама ин фикрро ҷонибдоранд. Ӯ дар таҳқиқоти хеш – "Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол" аз рисолае зери унвони "Пантуркизми коммунистӣ", ки дар соли 1993 паҳн шуда буд, чунин иқтибос меорад: "Дар сессияи XVI як ҳукумати пантурккоммунистӣ таъсис ёфт. Сессияи мазкур сессия набуд, давоми ҳамон турктозиҳову юришу яғмо буд, ки охируламр ба ифрот гаравид"[2]. И. Усмонов муаллифи ин рисоларо зери тозиёнаи танқид қарор дода, андешаҳои ботил ва бепояи ӯро собит сохтааст.

Ба андешаи мо низ иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти бузурги таърихӣ буда, давлату миллати тоҷикро аз парокандагӣ эмин дошт ва санади ба даст омадани Истиқлолияти Давлатиро дар амал тасдиқ намуд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар таърихнигории ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст, даврабандии ин рӯйдоди мудҳиши ҳарбӣ-сиёсӣ маҳсуб меёбад. Муҳаққиқоне, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ё умуман ба даврабандӣ кардани ин воқеоти нангин даст назадаанд, ва ё дар даврабандӣ кардани он ба назари мо ба иштибоҳот роҳ додаанд. Масалан, дар

[1] Абдурашитов Ф.М. Миссия Коллективных миротворческих сил СНГ в период гражданской войны в Таджикистане / Ф.М.Абдурашитов // Диалог. Международный научно-аналитический журнал Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ. – 2018. - №4 (11). – С. 26.
[2] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С.88.

таҳқиқоти диссертатсионии М.Г. Ганҷакова[1], ки боби аввали он бевосита ба инъикоси ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 марбут аст ва ба амсоли ин мақолаҳои зиёде, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таълиф гардидаанд, ҷанги шаҳрвандӣ умуман даврабандӣ нашудааст. Муаллифони асари дастаҷамъии “История таджикского народа”[2] таърихи ҷанги шаҳрвандиро ба ду давра ҷудо кардаанд. Ба ақидаи онҳо давраи аввал аз 5 майи соли 1992 то моҳи декабри соли 1992 ва давраи дуюм аз моҳи январи соли 1993 то 27 июни соли 1997 идома кардааст. Дар китоби дарсии “Таърихи халқи тоҷик”[3], ки барои донишҷӯёни макотиби олӣ таълиф гардидааст, муаллифон таърихи ҷанги шахрвандиро ба се давра ҷудо кардаанд. Ба ақидаи эшон давраи аввали ҷанги шахрвандӣ “аз воқеаҳои фоҷиавии моҳи феврали соли 1990 сар шуда, то 25-уми марти соли 1992”[4] идома кардааст. Муаллифони китоби мазкур давраи дуюмро ба моҳи майи соли 1992 то моҳи декабри ҳамон сол ва давраи сеюмро ба моҳи январи соли 1993 то 27-уми июни соли 1997 нисбат додаанд[5]. Вале, мутаассифона, ба назари мо ин гуна даврабандӣ барои таърихи ҷанги шаҳрвандӣ мувофиқ нест. Зеро воқеаҳои нангини моҳи феврали соли 1990 ба ҳеҷ ваҷҳ оғози ҷанги шаҳрвандӣ буда наметавонанд, ки ба ин муҳаққиқони зиёд низ ишора кардаанд. Гузашта аз ин, ба хотири муайян намудани ҷойгоҳи «воқеаҳои февралӣ» ва мушаххас намудани он, ки оё «воқеаҳои февралӣ»-ро дар чаҳорчӯби «ҷанги шаҳрвандӣ» ғунҷонидан мумкин аст, бояд қабл аз ҳама ба таъбири «ҷанги шаҳрвандӣ» рӯшанӣ андозем. Ба истинод ба манбаъҳо ва луғатҳои мавҷуда бо итминон гуфтан мумкин аст, ки «ҷанги шаҳрвандӣ» - ин муқовимати низомии ду ва ё зиёда гуруҳҳои мухолиф дар дохили як кишвар аст, ки даъвои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсиро доранд. Вале «воқеаҳои февралӣ» як тазоҳурот, як ошӯбе беш набуд. Ин воқеот

[1] Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[2] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С.438-488.

[3] Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с.

[4] Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – С.210.

[5]Набиева Р.Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – С.210.

муқовимати як гурухи ҷиноятпеша аст, ки аз ҷониби чанд нафар мансабталош ба хотири ғасби мансаб роҳандозӣ шуда, ба муқобили ҳукумати давр равона шуда буд. Аз ин лиҳоз, «воқеаҳои февралӣ»-ро ба ҷанги шаҳрвандӣ мансуб донистан, ба назари мо иштибоҳе беш нест.

Муҳаққиқи рус О.Х.Шарафиева низ, ки боби дуюм ва сеюми таҳқиқоти ӯ маҳз ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), сабабҳо, рафти ҷанг ва давраҳои асосии он бахшида шудааст, мутаассифона, оғози ҷанги шаҳрвандиро аз воқеаҳои февралӣ медонад. Гузашта аз ин, мавсуф боби дуюми таҳқиқоти хешро «Оғози мунокиша ва марҳилаи «шиддатнок»-и ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1990-1994)» номгузорӣ карда, марҳилаи якуми амалиётҳои ҷангиро дар Тоҷикистон ба моҳи апрел -11 майи соли 1992 нисбат медиҳад. Умуман, О.Х.Шарафиева таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро ба чор давра ҷудо кардааст. Ба ақидаи ӯ давраи дуюм аз 11-уми майи соли 1992 то 11-уми декабри соли 1992, давраи сеюм аз моҳи январи соли 1993 то моҳи апрели соли 1994 ва давраи чорум аз моҳи апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 идома кардааст[1]. Ба андешаи мо, дур аз Тоҷикистон, дар ҳудуди кишвари Россия анҷом ёфтани таҳқиқоти мазкур ва бо муҷиби огоҳӣ надоштани муаллиф аз таълифоти муҳаққиқони тоҷик чунин иштибоҳот дар мавриди муайян кардани давраҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) иттифоқ афтодааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши маводи дастрас ва нигоҳи интиқодӣ ба таълифоти мавҷуда ба назар чунин мерасад, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро метавон ба ду давра ҷудо кард. Давраи аввал аз санаи 5-уми майи соли 1992, ки аксари кули муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, оғоз шуда, то моҳи декабри ҳамон сол, яъне то ба анҷом расидани иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ низ таҳавулот ворид кард, давом кардааст. Давраи мазкур марҳилаи аз ҳама шиддатноки ҷанги шаҳрвандӣ буда, дар ин муддат қариб 50 ҳазор нафар тоҷикистониён қурбон гардиданд. Тибқи маълумоти Комиссариати олии СММ

[1] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.

оид ба масоили фирориён, 600 ҳазор, яъне даҳяки аҳолии мамлакат маҷбур шуданд, ки ҷои истиқомати доимии худро дигар кунанд. 80 ҳазор нафар дар марзи Афғонистон паноҳ бурданд[1]. Хисороти иқтисодие, ки ба ҷумҳурӣ расонида шуд, тахминан 300 млрд. рублро ташкил медод. 80% нерӯи саноатии мамлакат аз кор бозмонд, ҳаҷми даромади миллӣ дар соли 1992 дар муқоиса ба соли 1991 31 % кам гардид[2]. Дар охири соли 1992 иқтисодиёти мамлакат як ҳолати ногуворро дошт. Эҳтимолияти аз ҷумҳурӣ ҷудо шудани вилояти Ленинобод ба миён омад. Роҳбарияти Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод кард. Хатари ҳамчун давлат аз байн рафтан Тоҷикистонро таҳдид мекард.

Давраи дуюм аз моҳи январи соли 1993, яъне баъд аз анҷоми иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе ба кор шурӯъ намудани роҳбарияти тозаинтихоби давлат оғоз ёфта, то 27 июни соли 1997 – ба имзо расидани "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" давом кардааст. Давраи дуюмро ба назари мо метавон ба ду марҳила ҷудо кард. Марҳилаи аввал аз моҳи январи соли 1993 то моҳи апрели соли 1994, оғози даври аввали гуфтушуниди байни тоҷикон (5-19 апрели соли 1994)-ро, ки дар дили мардуми тоҷик шӯълаи оштии миллӣ ва сулҳу амониро афрӯхт, фаро мегирад. Марҳилаи дуюм аз моҳи апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 давом карда, бо имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" ба анҷом расидааст.

Лозим ба зикр аст, ки дар инъикоси лаҳзаҳои алоҳидаи ҷанги шаҳрвандӣ нақши мақолаҳои илмии дар нашрияҳои гуногун ва матбуоти даврӣ ба табъ расида[3] назаррас аст. Онҳо баъзе масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар

---

[1] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 446.

[2] Кузьмин А. И. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А.И. Кузьмин [Электронный ресурс]. URL: http: / militaryarticle.ru/obozrevatel/1993-obozrevatel/12799/ (дата обращения: 01.02.2019).

[3] Абдуллаев Н.Гражданская война в Таджикистане / Н.Г. Абдуллаев // Мир и политика. – 1994. - № 1; Абдуллоджанов А. Мы не правительство реванша / А. Абдуллоджанов // Новое время. – 1993. – 10 марта. - № 10 (2488); Дубнов А. Дети станут моджахедами. Если выживут. И не вернутся / А. Дубнов // Новое время. – 1993. – 11 марта. - № 11 (2489); Дубнов А. Продам БТР,

Тоҷикистон (1992-1997)-ро хеле амиқ таҷассум кардаанд. Дар онҳо ва дигар маводи матбуоти даврӣ маълумоти ҷамъбастӣ оид ба заминаҳо ва сабабҳо, рафт, инчунин натиҷаҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) оварда шудааст. Алалхусус мақолаҳои А. Руденко[1] ва А. Дубнов[2] дар инъикоси давраи аввали ҷанги шаҳрвандӣ хеле ҷолибанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла муаррихони Россия низ саҳм доранд. Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский[3], А. Гушер[4], М. Хрусталев[5], Н. В. Солоник[6], Р.Бобохонов[1],

---

куплю дом в России / А. Дубнов // Новое время. – 1992. – 3 октября. - № 43 (2469); Зубов А. Между райкомом и мечетью / А. Зубов // Новое время. – 1992. – 5 декабря. - № 50 (2476); Кива А. Жизнь политической жизни… / А. Кива // Новой время. – 1992. – 23 июня. - № 23 (2449); Ниязи А. Таджикистан: конфликт регионов / А. Ниязи // Восток. – 1997. - №2; Шукуров Р. После Набиева. Смогут ли новые власти пережить военное противостояние с югом и разногласия в своих рядах? / Р. Шукуров // Новое время. – 1992. – 8 сентября. - №38 (2464); Шукуров Р. Медленный бунт на площади / Р. Шукуров // Новое время. – 1992. – 20 мая. - № 20 (2444); Миррахимов М. Тёмные мысли. Ответ на статью «Вопросы и сомнения» Аюбзода С. и «Принесут ли надежду «Колокола надежды»?» / М. Миррахимов // Коммунист Таджикистана. – 1990. – 26 июня. - №144. (18067). Руденко А. Почему мы воюем? / А.Руденко // Народная газета. – 1993. – 4 февраля. - № 19 (18724); Понфилов О. К переговорам готовы и власть, и оппозиция. Кого они представляют / О.К. Понфилов // Независимая газета. – 1994. - 30 марта. - №25; Муҳаммадато С. Чӣ ҳол дорӣ гуреза? / С. Муҳаммадато // Ҷумҳурият. – 1994. - 19 январ. - №15; Меморандуми Бишкек / МИТ Ховар // Ҷумҳурият. – 1997. - 24 май. - №58; Эъломияи Техрон // Ҷумҳурият. – 1997. - 25 июн. -№76.

[1] Руденко А. Почему мы воюем? / А.Руденко // Народная газета. – 1993. – 4 февраля. - № 19 (18724).

[2] Дубнов А. Дети станут моджахедами. Если выживут. И не вернутся / А. Дубнов // Новое время. – 1993. – 11 марта. - № 11 (2489); Дубнов А. Продам БТР, куплю дом в России / А. Дубнов // Новое время. – 1992. – 3 октября. - № 43 (2469).

[3] Бушков В.И. О некоторых аспектах межнациональных отношений в Таджикской СССР / В.И. Бушков. – М., 1990; Бушков В.И. Таджикское общество на рубеже тысячелетий / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков В.И. Таджикистан: что происходит в республике / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1993; Бушков В.И. Общественно-политическая ситуация в Таджикистане: январь 1992 г. / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1992; Бушков В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[4] Гушер А. Война и мир в современном Таджикистане /А.Гушер // Азия и Африка сегодня. – 1998. - №3. – С. 6-13.

[5] Хрусталёв М. Гражданская война в Таджикистане: истоки и перспективы / М. Хрусталёв. – М., 1997. – 74 с.

[6] Солоник Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане / Н.В. Солоник // Вестник Пермского государственного технического университета. – Пермь, социально-экономические науки. – 2011. - №11. – С. 25-41.

В.В.Дронов[2] ва В.Носов[3] таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар монографияҳои муаррихони рус В.И. Бушков ва Д.В. Микульский «Анатомия гражданской войны в Таджикистане" ва "Таджикская революция и гражданская война( 1989-1994 гг.)»[4] бештар ба ҷанбаҳои этникӣ ва иҷтимоии воқеоти сиёсии Тоҷикистони ибтидои солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Бар асоси ҷанги шаҳрвандӣ онҳо муборизаи манфиатҳои табақавӣ-минтақавиро, ки шаклҳои гуногунро касб карда буд, қарор додаанд. Бо назардошти ин нукта, муҳаққиқи воқеоти сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX - И.Р.Абдуллоев ба хулосае омадааст, ки аксар олимони россиягӣ ба ҷанбаҳои бархӯрди сиёсӣ бештар аз нигоҳи зиддияти қавмӣ ва муборизаи минтақаҳо баҳогузорӣ карда, ба муборизаи назарҳои наву пешоҳанг бо ақоиди кӯҳна кам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.[5]

Боиси зикр аст, ки дар мақолаи Р. С. Бобохонов (Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки) сабабҳо, рафт ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) тасвир ва таҳлил гардидаанд. Аммо ба назари мо бо назардошти он ки ӯ намояндаи яке аз гуруҳҳои

---

[1] Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3; Бобохонов Р.С. Некоторые вопросы историографии Таджикистана нового и новейшего времени / Р.С. Бобохонов. – М., 2012. – 82 с.

[2] Дронов В.В. Международное содействие становлению политической системы независимого Таджикистана: автореф. дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / В.В. Дронов.- М. – 2011. – 26 с.

[3] Носов В. Гражданская война в Таджикистане / В. Носов. - М. – 2012. – 76 с.

[4] Бушков В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.

[5] Абдуллоев И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – С. 5.

«этноминтақавӣ» (ғармиҳо) (таъбири Р.С.Бобохонов – муаллиф) маҳсуб меёбад, мавқеи ӯ дар инъикоси ҳодисаю воқеаҳо воқеъбинона нест. Р.С.Бобохонов худ шоҳиди бисёр воқеоти ҳарбӣ-сиёсии дар Тоҷикистон рухдода набуд (дар шаҳри Москва зиндагӣ ва фаъолият мекард), ва гарчанде ки «маводи зиёд, аз ҷумла нақли шоҳидон, сӯҳбат бо қумандонҳои саҳроӣ ва арбобони динӣ»[1]-ро истифода карда бошад ҳам, ба назари мо бештари ин мавод аз ҷониби муҳолифин пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур на бо санадҳои воқеӣ, балки бештар бо нақли шоҳидони як ҷониб, ҷониби мухолифин асоснок гардидааст.

Р.С.Бобохонов дар мақолаи хеш дар зимни таҳлили сабабҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба хулосаи ботил расида, чунин овардааст: «Президент Набиев (қавми ленинободӣ) ба тазоҳуроткунандагони кӯлобӣ яроқ (тахминан 2000 автомат) тақсим намуд… Ин хатои маҳз буд, ки ҳукумат ҳангоми муқовимати осоишта содир кард. Маҳз ҳамин хатои ҳукумат ҷамъияти тоҷиконро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашид»[2].

Аввалан, бояд қайд кард, ки 1майи соли 1992 Президенти мамлакат Р.Набиев «Дар бораи баталёни алоҳида дар ҳайати Бригадаи фаъолияташ махсус» фармоиш содир карда, ба ҷонибдорони хеш 1800 автомат тақсим намуд. Ҳамин тавр, ӯ бо мақсади хотима додани ҳамоиши мухолифин ва ҳифзи Президенти қонунии мамлакат, дар асоси қонун «гвардияи миллии президентӣ» таъсис дод[3].

Сониян, ҳанӯз 24 апрели соли 1992, вақте ки гирдиҳамоии ҷонибдорони ҳукумат дар майдони «Озодӣ» оғоз ёфт, тарафдорони мухолифин ба майдони «Шаҳидон» баргаштанд ва яке аз доъиёни онҳо – Саид Қиёмиддини Ғозӣ иброз дошт, ки «мо гуруҳҳои силоҳбадаст дорем. То имрӯз 27 ҳазор кас номнавис шудааст. Бояд қайд кард, ки ин кор, яъне ташаккули тафаккури исломӣ… имрӯз оғоз нашудааст. Ба ин кор мо 15 сол боз, яъне аз лаҳзаи таъсисёбии ҳизби наҳзати

---

[1] Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3. - С.55.
[2] Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3. - С.56.
[3] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. – С. 444.

исломӣ машғулем»[1]. Аз гуфтаҳои Саид Қиёмиддини Ғозӣ бармеояд, ки ҷонибдорони мухолифин ҳанӯз дар давраи гирдиҳамоии 50-рӯза, дар ибтидои моҳи апрели соли 1992, яъне қабл аз таъсисёбии «гвардияи миллии президентӣ» гуруҳҳои силоҳбадаст созмон дода буданд ва шабонгоҳҳо ба машқи ҳарбӣ машғул мешуданд, ки дар ин хусус мабаъҳои зиёд гувоҳӣ медиҳанд[2].

Муаллифи мақола таҳлили сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро идома дода, дар ҷои дигар чунин овардааст: «Дар маҷмӯъ ҷамъияти тоҷикон аз лиҳози сиёсӣ ба ду гуруҳи номутаносиб ҷудо шуд: гуруҳи ленинобод (хуҷанд), ки дар сари қудрат буд, аз як тараф ва гуруҳҳои ғарм, кӯлоб, помир – аз дигар тараф. Аммо қавми ленинободӣ, ки дар бунбасти сиёсӣ қарор гирифта буд, баҳри нигоҳ доштани ҳокимият мубориза бурда, ба тарафи худ ҷалб намудани нерӯҳои се қавми мухолифро оғоз кард. Ба онҳо муяссар гардид, ки қисмате аз қавми кӯлобиҳоро ба ҷониби худ моил гардонанд. Маҳз ана ҳамин мавқеи духӯраи қавми кӯлобӣ ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боис гардид»[3].

Аввалан, ин ки бо чунин гуруҳбандии ҷамъияти тоҷикон дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ бо муаллиф ҳамфикр будан мушкил аст. Зеро аз ибтидои бархӯрди сиёсӣ қавми кӯлобӣ бо ленинободиҳо дар мухолифат қарор надошт ва табиист, ки барои ҷалби онҳо зарурияте набуд.

Дувум, ин ки аз ибтидои бархӯрди сиёсӣ қавми кӯлобӣ мавқеи мушаххасу устувори сиёсии худро дошт. Онҳо бо мақсади монеъ шудан ба таъсисёбии давлати исломӣ ба ҳифзи Президенти легитимӣ ва сохти конститутсионӣ бархеста буданд.

Умуман, мақолаи Р.С.Бобохонов бо вуҷуди он, ки баъзе паҳлӯҳои ҷанги шаҳрвандиро инъикос намояд ҳам, ба назари мо бештар аз санадҳои ғайривоқеӣ таркиб ёфта, назари муаллиф ба аксар масоили умдаи муноқишаи байни тоҷикон воқеъбинона нест.

---

[1] Садои мардум. – 1992. – 25 апрел. - №83.
[2] Кузьмин А. И. Таджикистан. Причины и уроки гражданской войны / А.И. Кузьмин // Постсоветская Центральная Азия. Потери и обретения.– М., 1998. -232 с.
[3] Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3. - С.62.

Мавриди зикр аст, ки дар омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри ХХ муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ саҳм гирифта, паҳлӯҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандиро дар асару мақолоти хеш таҷассум кардаанд. Таълифоти муҳаққиқони хориҷиро олими тоҷик Н.Т Раҳимов дар брошюрае таҳти унвони «Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы»[1] (Маводҳо ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997): Тавсифи адабиёти хориҷӣ) ба таври умумӣ тавсиф кардааст. Дар он маводҳои таълифоти сиёсатмадорон ва таҳлилгарони хориҷӣ, ки масоили умдаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ба амсоли сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии мунокишаи байни тоҷикон, рафти ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи кишвар дар солҳои аввали истиқлолият, тавсифи ҷонибҳои даргир ва раванди баҳамоии тоҷиконро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд, инъикос гардидааст. Ба ақидаи ӯ дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ИМА муҳаққиқони зиёд, назири Даря Фейн, Ричард Фрай, Ҷон Шоберлейн-Энгел, Борис Румер, Марта Б. Олкотт, Иден Неби ва дигарон дар масоили таърих, фарҳанг, сиёсат ва иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистон таҳқиқот гузаронидаанд. Таълифоти инъикоскунандаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 низ хеле зиёд аст.[2] Ин гуна таълифот аз ҷиҳати ҳаҷм, доираи таҳқиқот, аҳамият ва дигар меъёрҳо аз ҳамдигар тафовут доранд, вале дар таърихнигории Тоҷикистон, бешак, мавқеи муҳимро касб кардаанд. Мавсуф маҷмӯаи мақолаҳоро таҳти унвони «Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение»[3] (Осиёи Марказӣ. Мунокиша, роҳи ҳал, тағйирот), ки таҳқиқоти бузурги дастаҷаъмонаи олимон ва сиёсатшиносони амрикоӣ ва рус ҷиҳати таҳлили равандҳои этносиёсӣ дар Осиёи Миёна махсуб меёбад, аз ҷумлаи чунин таълифот медонад. Бояд зикр кард, ки маҳаки таҳқиқоти муаллифони маҷмӯаро заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ташкил медиҳад. Аксари муаллифони мақолаҳои ин маҷмӯа ба

[1] Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–60 с.
[2] Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–С. 5.
[3] Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.

масоили вазъи сиёсии Тоҷикистон каму беш дахл кардаанд, вале чор мақола, аз ҷумла мақолаҳои С. Гретский,[1] Д. Худойназаров,[2] А. Тураҷонзода[3] ва О. Руа,[4] ба ақидаи Н. Т. Раҳимов, бевосита ба воқеаҳои сиёсии Тоҷикистони солҳои 90-уми асри XX бахшида шудаанд.

Н. Т. Раҳимов тавсифи адабиёти хориҷиро дар мавриди ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) идома дода, қайд менамояд, ки дар нашриёти «Чэлизд пабликэйшн» аз соли 1994 ба табъ расонидани силсилаи нашрияҳои маълумотдиҳанда оғоз ёфт, ки ба давлатҳои мустақили Осиёи Миёна ва Моварои Кавказ бахшида шудаанд. Ин силсиларо китоби И.Нэби «Таджикистан»[5] ҳусни оғоз бахшидааст. Тибқи маълумоти Н. Т. Раҳимов муаллиф дар ин китоб Тоҷикистони давраи ҷанги шаҳрвандиро ба таври умумӣ тасвир намуда, дар фасли «Таърих» тасалсули муфассали ҳодисаҳоро аз моҳи январи соли 1992 то моҳи январи соли 1994 (саҳ. 43-69) замима намудааст.[6] Аммо, ба ақидаи Н. Т. Раҳимов ба таҳқиқи воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) боҷиддият Шаҳрбону Тоҷибахш машғул буда, дар ин мавриди якчанд мақолаҳо ба табъ расонидааст. Яке аз мақолаҳои ӯ таҳти унвони «Таджикистан: забытая гражданская война»[7] дар ҳаммуаллифӣ бо Насим Ҷавод таълиф гардида, дар он муаллифон дар радифи таҳлили сабабҳои авҷгирии ҷанги шаҳрвандӣ, тавсияҳои хешро дар масоили баргардонидани фирориён, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ғайраҳо пешниҳод кардаанд.[8]

Мавриди зикр аст, ки Н. Т. Раҳимов дар фарҷоми китоби хеш феҳристи

---

[1] Грецкий С. Гражданская война в Таджикистане: причины, развитие и перспективы мира / С. Грецкий // Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.

[2] Худойназаров Д. Конфликт в Таджикистане: вопросы регионализма / Д. Худойназаров // Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.

[3] Тураджонзода А. Религия – опора общества / А. Тураджонзода // Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.

[4] Руа О. Роль ОБСЕ в мирном процессе в Таджикистане / О. Руа // Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.

[5] Нэби И. Таджикистан / И. Нэби. – Бенсон, Вермонт, 1994. – 148 с.

[6] Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–С. 6.

[7] Таджибахш Ш. Таджикистан: забытая гражданская война / Ш. Таджибахш, Н. Джавад [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.03.2019).

[8] Рахимов Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т.Рахимов.– Худжанд, 2002.–С. 7.

адабиёти иловагиро оид ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), ки то ибтидои соли 1997 бо забони англисӣ ба табъ расидаанд, пешниҳод менамояд, ки ба назари мо хеле ҷолиб буда, ҷиҳати таҳқиқи бунёдии ҷанги шаҳрвандӣ мароқангез ва муфид маҳсуб меёбад.

Оид ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ низ дифоъ гардиданд, ки дар онҳо ҷабҳаҳои алоҳидаи бунёди давлати соҳибистиқлол таҳқиқ шудаанд. Масалан, дар рисолаи номзадии М.Ганҷакова[1] масъалаҳои вазъи сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX, муборизаҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, таъсиси созмону маҳфилҳо ва ҳизбҳои ҷамъиятӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф ба масъалаи бархӯрди сиёсӣ дар Тоҷикистон, ки тайи солҳои 1991 – 1997 идома дошт, диққати ҷиддӣ дода, заминаҳо ва сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ҳадафу мароми ҷонибҳои даргир, инчунин марҳилаҳои ба сулҳ расидани тоҷиконро бодиққатона таҳлил кардааст. Ӯ махсусан аҳамияти таҷрибаи ба сулҳу ваҳдат расидани тоҷиконро қайд карда, зарурияти истифодабарии ин таҷрибаро дар муноқишаҳои сиёсии дигар давлатҳо таъкид мекунад. Рисолаи М. Ганҷакова боз аз он ҷиҳат ҷолибаст, ки он нахустин тадқиқоти маҷмуӣ дар инъикоси вазъияти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Д.Урунова[2] низ ба таҳқиқи вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, дар он масъалаҳои барқароршавии низоми сиёсии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлолият баррасӣ гардидаанд.

О. Х. Шарафиева[3] таҳқиқоти хешро бевосита ба омӯзиши ҷанги шаҳрвандӣ бахшида, дар он сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Вале бо мӯҷиби ба муҳаққиқ дастрас набудани

[1]Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[2] Урунова Д.А. Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Д.А. Урунова. – Душанбе, 1998. – 26 с.

[3] Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.

таҳқиқоти олимони тоҷик, ки аксаран шоҳиди ҳол буданд, ӯ натавонистааст, ки сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандиро воқеъбинона ва ботафсил инъикос намояд. Мавсуф ҳатто иштибоҳан оғози ҷанги шаҳрвандиро ба соли 1990 нисбат медиҳад ва ин дар ҳолест, ки аксари кули муҳаққиқон санаи 5-майи 1992-ро оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон эътироф кардаанд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ғ.Р. Мирзоев[1] дар таҳқиқоти номзадии хеш сабабҳои дар Тоҷикистон сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳои асосии он ва бо кӯмаки кишварҳои кафили минтақа, ба амсоли Россия ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба даст омадани сулҳу суботро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Вале ба ақидаи О. Х. Шарафиева, Ғ.Р. Мирзоев, ки худ иштирокчии фаъоли даргириҳои низомии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри ХХ, яке аз қумандонҳои бонуфузи Ҷабҳаи халқӣ маҳсуб меёфт, табиист, ки таҳқиқоти ӯ воқеъбинона набуда, бештар бо назардошти манфиати як ҷониб ба анҷом расидааст.

Муҳаққиқи ҷавон Равшанзод Маликфаридун[2] дар таҳкиқоти номзадии худ заминаҳо, сабабҳо, рафти ҷанг, давраҳои асосӣ, марҳилаҳои шиддатноки ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳофарии тоҷиконро дар солҳои 90-уми асри ХХ хеле хуб инъикос намудааст. Бояд зикр кард, ки нахустин мақолаи дар мавриди таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ таълифгардида низ ба қалами ин олими ҷавон таалуқ дошта, «Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон»[3] номгузорӣ шудааст. Вале, мутаассифона, мавсуф дар зимни таълифи мақола бо таҳлили чанд асари ёддоштӣ ва китобҳои дарсӣ иктифо намуда, ба назари мо, масоили асосии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ накардааст.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ

---

[1] Мирзоев Г.Р. Преодоление конфликтной ситуации в Республике Таджикистан. Россия и восстановление мира (90-е годы ХХ века): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / Г.Р. Мирзоев. – М., 2004. – 192 с.

[2] Равшанзод М. Гражданское противостояние и миротворческий процесс в Республике Таджикистан в 90-е годы ХХ века.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / М. Равшанзод. – Душанбе, 2019. – 26 с.

[3] Равшанзод М. Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон / М. Равшанзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - №3/1 (194). – С. 65-68.

дар Тоҷикистон (1992-1997) аз он шаҳодат медиҳад, ки  сарфи назар аз таҳқиқоти фаровон дар ин самт, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин рӯйдоди мудҳиши сиёсӣ-низомӣ, ки ҷони ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониёнро ба гирдоби фано кашида буд, чандон равшан нест ва ҷиҳати барқарор намудани ин саҳифаҳои нангин дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқонро заҳмати бепоён  ва таҳқиқоти фаровон дар пеш аст.

## 1.3. Тадқиқи масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар солҳои 90-уми асри ХХ диққати муаррихон ва умуман аҳли ҷамоаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда буд, раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 ба ҳисоб меравад. Ин раванд пеш аз ҳама аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа бомуваффақиятона анҷом пазируфтааст.

Дар давоми солҳои 1994 – 1997 байни ҳукумати расмии Точикистон ва иттиҳоди мухолифин 8 даври мулоқот ва якчанд вохӯрӣ дар сатҳи олӣ – миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмонов ва роҳбари иттиҳоди мухолифин С.А.Нурӣ баргузор шуданд. Ин гуфтушунидҳо таҳти назари СММ ва бо ширкати давлатҳои кафил – Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон сурат гирифта, натиҷаи мусбат доданд.

Раванди ноил гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бунёди шароитҳои мусоид баҳри мӯътадил гардонидани авзои сиёсии ҷомеъа, аз ҷумлаи мавзӯоте буданд, ки таваҷҷӯҳи олимони ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва соири муаллифонеро, ки дар таҳқиқи масоили ризоияти миллӣ ва сулҳ - ҳамчун падидаи демократикунонии ҷомеъа саҳм гирифтаанд, ба худ ҷалб кард. Мавзӯоти мухталифи масоили мазкур дар асарҳои маҷмӯӣ ва баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон[1] ва раиси Комиссияи оштии миллӣ С.А. Нурӣ[2] таҷассум ёфтаанд. Маҳз Президенти кишвар ба ҳайси ташаббускори асосии роҳандозии Консепсияи ризоияти миллӣ дар

[1] Рахмонов Э. Ш. Юбилей независимости и второй форум таджиков / Э. Ш. Рахмонов – Душанбе, 1993; Рахмонов Э. Ш. Таджикистан на пороге будущего / Э. Ш. Рахмонов // Сборник выступлений Президента РТ в СМИ России. – М., 1997; Рахмонов Э. Ш. Независимость Таджикистана и возрождение нации (в 8 т.) / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе, 1998; Рахмонов Э. Ш. Наша цель – национальное единство / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе, 1997; Рахмон Э. Ш. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмон. – Душанбе: Ирфон, 2006.

[2] Нурӣ С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе, 2001. – 360 с.

Тоҷикистон баромад карда, тамоми нерую заковат ва сабру суботи хешро баҳри истиқрори сулҳи комил равона сохт.

Масоили марбут ба гуфтушуниди миёни тоҷикон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, пеш аз ҳама дар асари бунёдии «История таджикского народа»[1] ва асарҳои дастаҷамъии «Бунёди давлатдории навин»[2], «Очеркҳои таърихи тоҷикистони соҳибистиқлол»[3] хеле дақиқназарона таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки асарҳои характери илмӣ ва публисистидошта, ки ба раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон баҳри истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ рабт доранд, хеле муҳим ва ҷолибанд. Дар байни онҳо бахусус асарҳои В.Бушков ва Д. Микулский[4], Р.Масов[5], Е.Белов[6], С.Махонина[7], Р. Абулҳаев[8] А.Достиев[9], И.Усмонов[10], К.Абдулов[11], Ш.С.Саъдиев[1] ва дигарон

---

[1]История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011. – Т.6. - С. 457-487.

[2] Бунёди давлатдории навин. Монография / – М., 2002. – 416 с.

[3]Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 48-126.

[4] Бушков В. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994гг.) / В.Бушков, Д. Микульский. – М., 1994. - 310 с.

[5]Масов Р. Евразия – наш общий дом в СНГ / Р. Масов // Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа (Статьи и выступления). – Душанбе: Пайванд, 2005. – С. 244-250.

[6]Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993 – 1997гг.) / Е.В.Белов. - Душанбе: Шарқи озод, 1998. - 156 с.

[7] Махонина С.В. Военно – политическое сотрудничество Таджикистана и России (1994-1997гг.) / С.В.Махонина. - Душанбе, 1998. – 168 с.

[8] Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р.Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С.47-110.

[9] Достиев А. Аз худ натвон гурехтан. Маҷмӯи мақолаҳо, сӯҳбатҳо, баромадҳо ва ёдномаҳо / А. Достиев. – Душанбе: Адиб, 2001. – 204 с.; Достиев А. Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.; Достиев А. Ситораи ғолиб / А. Достиев. – Душанбе: Матбуот, 2006. - 159 с.

[10] Усмонов И. Сулҳнома / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. - 552 с.; Усмонов И. Соли Набиев / И. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.; Усмонов И. Чор рӯз ва рӯзҳои дигар / И. Усмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 336 с.; Усмонов И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир / И. Усмонов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 106 с.

[11] Абдулов К. Роҳи беҳбуд / К. Абдулов. – Душанбе, 1995. – 175 с.; Абдулов К. Бахти таърихӣ. Эҳдо ба 10-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон / К. Абдулов. – Душанбе, 2001. – 40 с.; Абдулов К. Дар ин дунё. Давлат ва давлатдорӣ / К. Абдулов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2000. - Ҷ. 5. – 425 с.; Абдулов К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз / К.Абдулов.– Хуҷанд: Ношир, 2002. – Ҷ.6. – 438 с.

арзиши баланди илмӣ дошта, лаҳзаҳои муҳимми раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳи деринтизорро инъикос кардаанд.

Роҷеъ ба масоили истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он таълифоти зиёде рӯи кор омаданд. Махсусан, ба ин масъала муаррихон диққати ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Боиси қайд аст, ки дар рисолаи номзадии собиқ сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Е.В.Белов[2], мақолаи Р. Абулҳаев[3] масъалаҳои раванди гуфтушунидҳои байни тоҷикон, махсусиятҳои ин гуфтушунидҳо, ширкати давлатҳои кафил – Эрон, Афғонистон, Қирғизистон, Узбекистон, Қазоқистон ва Покистон дар ин раванд, ҳадафу мароми онҳо ва махсусан нақши СММ ва Россия дар раванди баҳамоии тоҷикон хеле дақиқназарона таҳқиқ гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки гуфтушунидҳои миёни тоҷикон, ки бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва давлатҳои кафили минтақа дар тӯли солҳои 1994 – 1997 сурат гирифта будаанд, натиҷаи дилхоҳ ба бор оварданд. 27 – июни соли 1997 дар шаҳри Москва созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ, ки ҷони ҳазорҳо тоҷик ва тоҷикистониро ба гирдоби фано кашида буд, хотима ёфт. Дар асоси ин созишнома 4 – июли соли 1997 Комиссияи Оштии Миллӣ дар ҳайати 26 нафар олимони шинохтаи Тоҷикистон ва таҳти сарварии Саид Абдуллои Нурӣ созмон дода шуд. Комиссияи Оштии Миллӣ 15 – сентябри соли 1997 дар шаҳри Душанбе ба кор

---

[1] Саъдиев Ш.С. Таджикистан: путь к миру и согласию / Ш.С.Саъдиев. - Душанбе, 2002. – 28 с.; Саъдиев Ш.С. О некоторых особенностях «таджикской» модели урегулирования внутренних конфликтов. Таджикистан и современный мир / Ш.С.Саъдиев // Вестник Центра стратег. исслед. при Президенте РТ. - 2004. - № 1(4). – С.37-38.; Саъдиев Ш.С. Достижение мира и согласия в Республике Таджикистан – уникальный опыт для межцивилизационного диалога / Ш.С.Саъдиев // Материалы международной конференции «Межцивилизационное взаимодействие на евроазиатском пространстве: история, современные тенденции и перспективы» (г. Душанбе,13 февраля 2015г.РТСУ). – Душанбе, 2015, –С. 236-241.; Саъдиев Ш.С. Аз таҷрибаи таърихии музокироти тоҷикон оид ба сулҳсозӣ дар Тоҷикистон / Ш.С.Саъдиев // Осор. Ҷилди 4. – Душанбе, 2017. – с. 419-475.

[2] Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993 – 1997гг.) / Е.В.Белов. - Душанбе: Шарқи озод, 1998. - 156 с.

[3] Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р.Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С.47-110.

оғоз кард. Мақсаду мароми Комиссияи мазкур амалигардонии шартҳои созишнома ва таҳкими сулҳи деринтизор буд. Комиссия дар тӯли қариб се сол вазифаҳои дар наздаш истодаро бомуваффақиятона ба сомон расонида, 1 – уми апрели соли 2000 – ум фаъолияташро қатъ кард. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон сулҳи комил пойдор гардид.

Ҳамаи ин масъалаҳои зикршуда дар як қатор тадқиқот аз қабили «Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон)»[1], асарҳои И.Усмонов[2], М.Тоштемиров ва З.Саидов[3] ботафсил дарҷ гардидаанд. «Роҳи сулҳ» характери таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ дошта, дар он ҳуҷҷатҳои муҳим оид ба раванди гуфтушунидҳои миёни тоҷикон гирд оварда шудааст. Таҳқиқоти И.Усмонов, М.Тоштемиров ва З. Саидов асосан ба мунокишаи байни тоҷикон, раванди гуфтушунидҳо, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин нақши созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои ИДМ дар ба даст омадани ин сулҳ бахшида шудаанд.

Бояд зикр кард, ки дар байни адабиёти ба табърасида махсусан китоби И.Усмонов «Сулҳнома»[4], ки дар он масоили гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти КОМ дар солҳои 1997-2000 инъикос гардидаанд, мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Асари мазкур, пеш аз ҳама аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он ҷанбаҳои сиёсии фаъолияти КОМ дақиқназарона таҳлил гардидаанд.

Таълифоти таҳлилӣ ва таҳқиқотии иштирокчиёни бевоситаи ҳамаи даврҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва Комиссияи оштии миллӣ – ҷонишини Раиси КОМ А.Достиев[5], А.Амирбеков[6] (раиси «Лаъли Бадахшон», намояндаи ИМТ),

---

[1] Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). – Душанбе, 1997. – 236 с.

[2] Усмонов И.К. Роль международных организации в развитии мирного процесса в Таджикистане / И. К. Усмонов // Материалы 3-ой международной научно-практической конференции «Интеграция Таджикистана в мировое сообщество». – Душанбе, 1997.

[3] Тоштемиров М. Дорогой мира и согласия / М. Тоштемуров, З. Саидов. – Душанбе, 1997. – 152 с.

[4] Усмонов И. Сулҳнома / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 552 с.

[5] Достиев А. Мавқеъ / А.Достиев. - Душанбе: Шарки озод, 1999.– 294 с.; Достиев А. Аз худ натвон гурехтан. Маҷмӯи мақолаҳо, сӯҳбатҳо, баромадҳо ва ёдномаҳо / А. Достиев. – Душанбе: Адиб, 2001. – 204 с.; Достиев А. Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.

[6] Амирбеков А. Первый главный инструмент восстановления мира в Таджикистане / А.Амирбеков. - Душанбе, 2002. - 137 с.

раиси зеркомиссияи ҳуқуқи КОМ М.Ҳимматзода[1] ҷиҳати омӯзиши масоили марбут ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти пурсамари КОМ хеле муҳиманд. Муаллифони мазкур дар раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳми бориз дошта, аз он дар ёддоштҳои хеш ёдрас шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносонро ба худ ҷалб кардааст, инъикоси сабақҳои таърихӣ ва аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷикон аст. Дар ин ҷода низ асару мақолоти зиёд рӯи кор омадаанд. Аз ҷумла мақолаи муштараки муҳаққиқи муносибатҳои байналхалқӣ Х.Самиев ва Ф.Мудатова фарогири ин масоил буда, ба омӯзиш ва таҳлили сабақҳои таърихӣ ва байналмилалии сулҳи тоҷикон бахшида шудааст. Муаллифон кӯшиш кардаанд, ки дар асоси истифодаи манобеи расмиву давлатӣ, хотираҳо, ёддоштҳои иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон ва таҳлили протоколу созишномаҳои имзошуда сабабҳо ва омилҳои хотимаи оташбас ва муқовимати байни гуруҳҳои даргир, оғози гуфтушунидҳоро ошкор ва таҳлил намоянд. Бахусус, дар мақола махсусият ва нишонаҳои фарқкунандаи раванди гуфтушунид, методика ва 120 механизми дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин вижагиҳои тарҳи сулҳ дар Тоҷикистон, ки метавон онро дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ истифода кард, инъикоси худро ёфтаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузурги байналхалқӣ дорад. Онҳо аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷиконро, пеш аз ҳама, дар нуктаҳои зайл мебинанд: «а) эътимоди қавии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон чун ба давлате, ки бунёди ҷомеаи демократиро ихтиёр кардааст ва дар ин азм устувор аст, пазироии он ба анҷумани хеш ва ниҳодҳо ва созмонҳои бузурги сиёсӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ; б) эътирофи Тоҷикистон ҳамчун кишвари воқеан ҳам тарафдори таҳким ва тавсеаи арзишҳо ва муқаррароти байналмилалӣ ва фаъол дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва глобалӣ; в) эътирофи Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун шахсият ва сиёсатмадори сатҳи

[1] Ҳимматзода М. Дар ҷустуҷӯи ҳақиқат / М.Ҳимматзода. - Душанбе, 2001. - 60 с.

ҷаҳонӣ, ки андеша, рафтор ва равиши давлатдории ӯ метавонад чун намунаи давлатмардони замони нав хидмат намояд»[1].

Ҳамчунин сиёсатшиносони тоҷик ба масъалаи оштии миллии тоҷикон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар доираи китобу рисолаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни воқеаҳои солҳои 90-умро таҳқиқ намудаанд.

Аз ҷумла профессор А.Н.Маҳмадов дар китоби «Тоҷикистон дар масири истиқлолият» масъалаҳои умдатарини идеологияи раванди музокирот, вазъи нави геополитикӣ дар Осиёи Миёна ва Консепсияи амнияти миллиро ҳамчун ҳуҷҷати муттаҳидсози нерӯи миллат мавриди таҳлил қарор додаст. Ӯ қайд менамояд, ки «Дар натиҷаи кушишҳои зиёди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва гуфтушунидҳои сиёсӣ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳукумати Тоҷикистон тавонист Созишномаи сулҳи асоснокро ба имзо расонад, ки он тағйироти сохтори коиститутсионӣ, ҳалли масъалаҳои низомӣ, ҳуқуқӣ ва проблемаҳои гурезагонро пешбинӣ намуда буд. Баробари ба фаъолият шуруъ намудани Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ), татбиқи созишномаҳои имзогардида ва ҳамкории мунтазами он бо Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси қатъи амалиётҳои низомии доманадор ва ба эътидол омадани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ гардид.[2]

Дар асари дастаҷамъии «Межтаджикский конфликт: путь к миру» («Муноқишаи байни тоҷикон: роҳ ба сӯи сулҳ»)[3], ки дар заминаи натиҷаҳои конфронси байналхалқӣ ба табъ расидааст, баромади муҳаққиқони тоҷик низ роҷеъ ба масоили алоҳидаи муноқишаи байни тоҷикон гирд оварда шудааст. Монографияи дастаҷамъии «Таджикистан: испытание независимостью» («Тоҷикистон: озмоиши истиқлолият») – ро, ки дар он ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳарбии таърихи муосири Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд, ҳамчун кӯшиши босамари таҳлили ҳамаҷонибаи муноқишаи байни тоҷикон унвон додан мумкин аст[4]. Дар таҳияи монография 11 нафар таҳлилгарони соҳаҳои гуногуни илм

---

[1] Самиев Х. Сабақҳои таърихӣ ва байналмилалии сулҳи тоҷикон / Х.Самиев, Ф.Мудатова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №3/6. С.116-120.

[2] Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият (таҷрибаи таҳлили низоъ ва раванди иҷтимоию сиёсӣ) / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе, 2009. – с. 4.

[3] Межтаджикский конфликт: путь к миру. – М., 1998. – 144 с.

[4]Tajikistan: The Trials of Independence / Ed. By Mohammad-Reza Djalili et al. – Richmond: Curzon,

ширкат варзида, дар таҳқиқот пайдарҳамии мантиқии мавзуъ амиқ мушоҳида мегардад. Ҳар як қисмати китоб ба мавзуоти алоҳида, ба амсоли масоили худогоҳӣ ва худмуайянкунии миллӣ ва андозаҳои гуманитарии муноқиша бахшида шудааст. Ҳар як боби дохили фаслҳои монография яке аз ҷанбаҳои масоили тадқиқшавандаро рӯшан месозад.

Масоили марбут ба гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти КОМ дар таҳқиқоти Н.Салимов[1], М.Тоштемиров ва З.Саидов[2], С.Фаттоев[3] низ инъикос гардидаанд. Муҳаққиқони мазкур ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX Тоҷикистонро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, саҳми созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ – СММ, САҲА ва давлатҳои кафили минтақаро дар танзими муноқишаи байни тоҷикон нишон додаанд. Гузашта аз ин, дар таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ва роҳбари ИМТ- раиси КОМ С.А.Нурӣ дар ба даст омадани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат бараъло таҷассум ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати таҳлилу баррасии воқеии раванди ба даст омадани сулҳи тоҷикон ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналхалқӣ, ки дар ҷараёни танзими муноқиша дар Тоҷикистон ширкати фаъол доштанд, манбаъи арзишманд ва беназир маҳсуб меёбанд. Дар ин раванд, алалхусус, намояндаи махсуси Котиби генералии СММ, ки вазъиятро дар Тоҷикистон амиқ пайгирӣ намуда, бо усули «дипломатияи мусолиҳатомез» дар байни ҷонибҳои даргир, инчунин кишварҳои ҳамҷавор амал мекард ва дар бораи вазъи сиёсии Тоҷикистон пайваста маърӯза пешниҳод менамуд, нақши бориз дошт[4].

---

1998. – р.

[1] Салимов Н. Фалсафаи давлати миллӣ / Н.Салимов. - Душанбе, 2000. – 135 с.

[2] Тоштемиров М. Президент Рахмонов: человек и политик / М.Тоштемиров, З.Саидов. - Алма-Аты, 1997. - 79 с.

[3] Фаттоев С. Социально-политические конфликты в современном обществе (Опыт Таджикистана) / С.Фаттоев. - Душанбе, 2001. - 127 с.

[4] Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане,16 августа 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N93/453/73 /IMG/ N 9345373 (дата обращения: 09.10.2019); Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, ноября 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/633/81/PDF/N9363381 (дата обращения: 09.10.2019); Решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сил в Республике

Бояд зикр кард, ки дар танзими муноқишаи байни тоҷикон кишварҳои узви ИДМ, бахусус Россия нақши муҳим доштанд. Аз ин лиҳоз, ҳуҷҷатҳое, ки ба вазъияти Тоҷикистон рабт дошта, дар зимни вохӯриҳои сарони давлатҳои ИДМ ба тасвиб расидаанд, низ манбаъи нодир маҳсуб меёбанд.

Ҳуҷҷатҳои мувофиқавӣ, ки дар рафти гуфтушуниди байни тоҷикон ба имзо расидаанд, барои муҳаққиқон аҳамияти бузург доранд. Гуфтушунидҳо дар марҳилаи аввал бо душворӣ сурат мегирифтанд, бо вуҷуди ин баъд аз ҷамъбасти ҳар давр Коммюникеи муштараки гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ ба табъ мерасид, ки дар онҳо масоили муҳокимашуда ва дар ҳолати муваффақ шудан, шартномаҳои ба имзо расида сабт мегардиданд[1].

Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи хеле мураккаб, ҳассос ва тақдирсози таърихи муосири кишвари мо сурат гирифт. Аз натиҷаҳои фаъолияти ин комиссия на танҳо рушди минбаъдаи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, балки ояндаи миллат вобаста буд. Комиссияи Оштии Миллӣ тавонист, ки ҳамаи вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба иҷро расонад ва рушди босуботи кишварро дар самти демократикунонии ҷомеа таъмин намояд.

Бояд тазаккур дод, ки оид ба масоили гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри XX рисолаҳои номзадӣ дифоъ гардиданд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масоили мазкур таҷассум ёфтаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии А.А.Абдуқодиров[2] ва Д.А.Урунова[1] масоили барқароршавии

---

Таджикистан [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/ UNDOC/ GEN/N94/194/82/PDF/N9419482 (дата обращения: 10.10.2019); Учредительный договор о создании Фонда помощи Республике Таджикистан, Москва, 15 апреля 1994 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/ N94/194/82/PDF /N9419482 (дата обращения: 10.10.2019); Совместное коммюнике по итогам третьего раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению 31 октября 1994 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/ GEN/N94/433/70/PDF/N 9443370 (дата обращения: 10.10.2019).

[1] Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане, августа 1995 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/245/72/PDF/N9524572 (дата обращения: 12.10.2019); Протокол по политическим вопросам, Бишкек, 18 мая 1997 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/132/49/PDF/N9713249 (дата обращения: 12.10.2019).

[2] Абдукадыров А.А. Освещение общеполитической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995 гг.): автореферат диссертации кандидата исторических наук:

низоми сиёсии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлолият тадқиқ гардида, мутаносибан сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳизбҳои амалкунандаи мухолифин, раванди баҳамоии Ҳукумат ва ИМТ нишон дода шудаанд.

Баъди солҳои 2000-ум олимону муҳаққиқони мамлакат паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва заминаҳои асосии сулҳи тоҷиконро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар доираи таҳқиқоти илмӣ рисолаҳои алоҳида омода намудаанд. Пеш аз ҳама, дар самти омӯзиши масъалаҳои мазкур нақши муаррихон ва сиёсатшиносон хеле калон аст. Аз ҷумла, муаррихи тоҷик Саъдуллоев И.И.[2] дар таҳқиқоти худ фаъолияти Комиссияи оштии миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши онро дар таҳкими сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон нишон додааст. Ғайр аз ин, муҳаққиқи дигар Ганҷакова М.Г.[3] дар рисолаи илмии худ таърихи сиёсии солҳои 90-умро таҳқиқ намуда, дар доираи таҳқиқоти худ паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро баррасӣ кардааст. Муҳаққиқи дигар Саймуддинов Ш.[4] дар рисолаи илмии худ раванди ба вуқуъ омадани оштии миллӣ дар Тоҷикистон ва аҳамияти онро таҳлил намуда, бештар ба омилҳои дохилии ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ғайр аз ин, ҷанбаҳои сиёсии оштии миллӣ ва ваҳдати миллӣ дар рисолаи илмии Восиев Ф.К.[5] таҳлил гардидааст. Дар рисолаи илмии мазкур ҳарчанд масъалаҳои оштии миллӣ ва раванди ҳалли низоъҳои сиёсии байни тоҷикон таҳқиқ гардида бошанд ҳам, онҳо дар доираи масъалагузории илмҳои

07.00.02 / А.А.Абдукадыров. - Душанбе, 1997. – 24 с.

[1] Урунова Д.А. Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Д.А. Урунова. – Душанбе, 1998. – 26 с.

[2] Саъдуллоев И.И. Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. .. канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. –Душанбе, 2006. – 159 с.

[3] Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г.Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.

[4] Саймуддинов Ш. Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Ш.Саймуддинов. –Душанбе, 2002.–152 с.

[5] Восиев Ф.К. Национальное примирение и национальное единство: проблемы становления и развития (Опыт Таджикистана): дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Ф.К.Восиев. – Душанбе, 2010. – 165 с.

сиёсӣ сурат гирифтаанд, ки барои соҳаи таърих норасогиҳои методологӣ ва хронологӣ дорад.

Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ба марҳилаи нав дар давлатдории Тоҷикистон ибтидо гузоштанд. Ин марҳила дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо махсусиятҳо ва фаровонии ҳаводисе, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ба вуқуъ пайваст, аз бисёр ҷиҳат аз давраҳои қаблии таърихи Тоҷикистон фарқ мекунад. Ба имзо расидани созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, татбиқи амалии шартномаҳои ба имзо расида тавассути Комиссияи оштии миллӣ, бахусус ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия (Сарқонун) – и Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи алтернативии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фаъолияти озоди ҳизбҳои мухолифин такроран иҷозат додан, дар ҷумҳурӣ таъсис додани парламенти дупалатагӣ аз ҷумлаи ҳаводиси таърихие маҳсуб меёбанд, ки ба ин давра марбутанд. Ин ҳодисаҳои таърихӣ, ки дар муддати нисбатан кутоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ омаданд, ба марҳилаи ниҳоят душвор мувофиқ меоянд. Бо дарназардошти шароитҳои баамаломада, эҳтимоли ҳар лаҳза зери хатар қарор гирифтани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба миён омада буд. Гузашта аз ин, ба саҳнаи муқобилияти гурӯҳҳои даргир табдил ёфтани пойтахти ҷумҳурӣ низ яке аз масъалаҳои асосии дар солҳои фаъолияти КОМ ба вуҷуд омада маҳсуб меёфт. Ҳамаи нерӯҳои солими мамлакат – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ), ҷамоаи ҷаҳонӣ ва бахусус СММ, инчунин давлатҳои кафили сулҳи тоҷикон ҷиҳати ҳифзи идеяи сулҳ ва ваҳдат матонат ва масъулият зоҳир намуда, ба аз нав аланга гирифтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ имкон надоданд.

Хусусияти дигари марҳилаи мазкур ба фаъолияти озод иҷозат додани ҳизбҳо ва ҳаракатҳои манъшудаи ИМТ, ба амсоли Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Созмони мардумии «Растохез» ва ташкилоти «Лаъли Бадахшон» маҳсуб меёбад. Баъд аз изҳороти роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик (3 августи соли 1999) дар хусуси пароканда кардани гурӯҳҳои

ҳарбии худ имконият баҳри муборизаи озодӣ сиёсӣ, ғолибан бо нигоҳ доштани роҳи осоиштаи танзими муноқиша фароҳам омад.

Бояд тазаккур дод, ки бо дарназардошти масоили зикршуда, муҳаққиқи тоҷик И. И. Саъдуллоев дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳти унвони «Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.)» («Нақши Комиссияи оштии миллӣ дар барқароршавии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (с. 1997-2000)»)[1] тамоми ҷузъиёту ҷанбаҳои фаъолияти ҳамаи чор зеркомиссияи КОМ, гуруҳҳои кориро омӯхта, ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва ҷараёни татбиқи онҳоро таҳлил намуда, раванди парокандашавии гуруҳҳои яроқбадаст ва бозгашти фирориёнро ба ватан хеле дақиқназарона таҳқиқ кардааст.

Ба ақидаи ӯ, ҳуҷҷатҳои чор зеркомиссияи КОМ ниҳоят беназир буда, ҷанбаҳои ҳам мусбат ва ҳам манфии онҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Воқеияти ҷолиб он аст, ки институтҳои ҷаҳонӣ оид ба таҳқиқи муноқишаҳо, махсусан дар Аврупо, солҳост, ки таҷрибаи барқароршавии сулҳи тоҷиконро омӯхта истодаанд, ки ин ҳолат аз бузургии арзиш ва аҳамияти таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва фаъолияти КОМ дарак медиҳад.

Бояд қайд кард, ки новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқон ба мавзӯи мазкур, дар инъикоси фаъолияти КОМ масоили ҷиддии ҳалталаб мавҷуданд. Яке аз чунин масоил, ба назари мо, то кунун ба гардиши илмӣ ворид нагардидани ҳуҷҷатҳои зиёд аз бойгонии КОМ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва марҳилаи хотимавии он - амалигардонии шартномаҳои ноилгардида, дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад. Аз ин лиҳоз, ин раванд ба объекти таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва мутахxасисони ватанӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст.

Аз ибтидои солҳои 2000-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи рушду нумӯъ

[1] Саъдуллоев И.И. Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.): дис. .. канд. ист. наук: 07.00.02 / И.И.Саъдуллоев. –Душанбе, 2006. – 159 с.

ворид гардид, ки ба ин чуноне қаблан ишора шуд, гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ гувоҳӣ медиҳанд[1]. Ин давраест, ки равандҳои таҳкими сохторҳои сиёсии кишвар, пешрафти босуботи иқтисодиёт, болоравии сатҳи некуаҳволии халқ тавассути суръат бахшидани корҳои бунёдкориву созандагӣ ва татбиқи ислоҳоти фарогир дар ҳама соҳаҳо, амалӣ гардиданд. Мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои осоиштаи кишвар ба татбиқи барномаи рушди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан ба се самт: таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти комуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ нигаронида шуда буд, пардохтанд.

Роҷеъ ба марҳалаи аввали давраи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол (соли 2001 – 2016) низ таҳқиқоти алоҳида, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, ки фарогири ҳамаи самтҳои барномаи рушди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонанд, ба табъ расидаанд. Оиди ин мавзӯъ махсусан Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ маводи ҳуқуқмуайянкунанда ба ҳисоб рафта, ба рушди низоми сиёсии ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд. Илова бар ин, як силсила таҳқиқоти алоҳида[2], инчунин мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ рӯи кор омадаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни рушду нумӯъи Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд ва ба назари мо бояд мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор дода шаванд.

Дар ин марҳилаи рушди давлатдории тоҷикон саҳми бузург ва нақши бунёдкорона ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таалуқ дорад. Маҳз бо ташаббус ва талошҳои пайвастаи ӯ бuҳрони миллии солҳои 90-уми асрии XX ҳалли сиёсии хешро пайдо кард. Роҳбарияти сиёсии кишвар таҳти сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон, дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҷамъияти тоҷикон нақши бориз

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -22.12.2016.

[2] Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.

доранд. Қабули Конститутсияи нав, ки ба меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ аст ва дар партави он таъсис ёфтани парламенти доимоамалкунандаи дупалатагии касбӣ қадами ниҳоят муҳимми амалӣ дар ин самт маҳсуб меёбад.

Мавриди зикр аст, ки масоили муҳимми сиёсии марҳилаи аввали рушд, ба амсоли таъсиси палумони дупалатагӣ, ҷорӣ кардани асъори миллӣ, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина таҳкими сохтори сиёсии мамлакат, интихоботи озоду алтернативии Сарвари давлат (с. 2006), интихобот ба парлумони кишвар, болоравии нуфузи сиёсии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, амалӣ гардидани се вазифаи стратегии давлат дар аксар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидаанд.

Дар ин росто, китобҳои бунёдии “История таджикского народа”[1], “Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол”[2] – ро махсус қайд кардан зарур аст. Дар онҳо тағйироти сифатии низоми сиёсии ҷамъияти Тоҷикистон инъикос гардидаанд. Ба ақидаи муаллифони ин китобҳо пойгоҳи ҳуқуқии ин гуна тағйироти сиёсии ҷомеа қабули Конститутсия (Сарқонун)-и нав дар санаи 6 ноябри соли 1994 маҳсуб меёбад. Конститутсия ба ҷаҳониён аз мавҷудияти давлати ҷавон, соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон – узви баробарҳуқуқи иттиҳоди ҷаҳонӣ дарак дод. Ворид кардани тағйироту иловаҳо ба ин Конститутсия (Сарқонун) ва дар ин замина таҳкими сохтори сиёсии мамлакат низ мавриди таҳлилу баррасии муаллифони китобҳои мазкур қарор гирифтааст. Ба ақидаи онҳо, интихоботи озоду алтернативии Сарвари давлат дар моҳи ноябри соли 2006 аҳамияти муҳимми сиёсӣ дошт. Дар интихобот 90% интихоботкунандагон ширкат карданд, ки аз суботи ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.[3]

Бояд тазаккур дод, ки 18 ҷилди силсилакитобҳои дар ҳаммуаллифӣ таълиф

---

[1] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 468-487.
[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.
[3] История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 487.

намудаи А.Шарифзода[1] ҷиҳати омӯзиши ҳаёти сиёсии марҳилаи аввали давраи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаъи муҳим ва арзишманд маҳсуб меёбанд. Дар онҳо муаллифон сиёсати ҳамасолаи муваффақи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эмомалӣ Раҳмон ва ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро инъикос кардаанд.

Умуман, таҳлилу баррасии адабиёти мавҷуда собит менамояд, ки Тоҷикистон дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа дар ду даҳсолаи аввали асри XXI ба дастовардҳои бузург ноил гардида, аз ибтидои соли 2017 ба марҳилаи нав – давраи рушди устувор собитқадамона ворид гардид.

---

[1] Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳалаи созандагӣ / А.Шарифзода, С.Фаттоев. – Душанбе, 2011. – 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва соле, ки ба қарнҳо баробар аст / А.Шарифзода, С. Шамсиддинов. – Душанбе, 2011. – 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва 20-солагии истиқлол / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2012. – 392 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва Қасри Арбоб / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон: интихоби мардум / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 366 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Мавлоно Ҷомӣ / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2015. – 368 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва 3000-солагии Ҳисор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ, С.Айниддин. – Душанбе, 2017. – 368 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва 25 соли Истиқлолияти давлатӣ / А.Шарифзода, С.Айниддин, С. Шамсиддинов. – Душанбе, 2019. – 368 с.

# БОБИ 2. ИНЪИКОСИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

## 2.1. Таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол сиёсати хориҷӣ мебошад. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст омадани истиқлолият Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили байналхалқӣ ба низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ ворид гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ ҳисоб меёбад. Ҳанӯз солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистон аз ҷониби зиёда аз 40 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шомил гардид. Аммо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ, ки баҳори соли 1992 оғоз ёфт, халал ворид намуд. Раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, кам будани мутахассисони касбии дипломатӣ ва нарасидани таҷрибаи кофӣ барои муайян намудани дурнамои сиёсати хориҷӣ амалӣ мегардид.

Сарфи назар аз он, ки оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуҷҷат ва қарордодҳо хеле зиёданд, ташаккул ва рушди муносибатҳои хориҷӣ дар адабиёти таърихии ватанӣ нокифоя инъикос ёфтааст. Таълифоти маҷмӯию ҷамъбастӣ оид ба ин масъала ҳанӯз рӯи кор наомадааст. Бо вуҷуди он, дар таълифоти мавҷуда паҳлуҳои алоҳидаи муносибатҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд. Таҳлили нахустини сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз тарафи З. Саидов[1], А. Сабуров[2], А.

---

[1]Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003. -224 с.; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе: Авасто, 2001. – 112 с.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2004. – 592 с.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Контраст, 2009.; Саидов З. Внешняя политика РТ на современном этапе (1992-2005гг.) / З.Саидов. – Душанбе, 2006. – 560 с.

[2] Сабуров А. Таджикистан: внешняя политика и массовая информация (1993-1995гг.) / А.Сабуров, З. Саидзода. – Душанбе: Шарқи озод, 1997. – 71 с.

Шарипов[1], К. Юлдошев[2], М. Тоштемиров[3] пешниҳод гардидааст. Саҳми ин муаллифон алалхусус дар гирдоварии маҷмӯи зиёди маводҳои санадӣ оид ба муносибатҳои хориҷӣ буда, дар онҳо раванди шаклгирии тамоюлҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва вазъи нооромӣ ҷаҳонӣ инъикос ёфтаанд. Камбудии баъзе таълифоти нахустин, аз ҷумла асари якҷояи А. Сабуров ва З. Саидзода дар он аст, ки ҳарчанд маводи зиёди санадиро роҷеъ ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва ахбороти оммавии солҳои 1993-1995 фаро гирад ҳам, дар он таҳлил ва хулосаҳои илмӣ кам ба назар мерасанд.

Дар таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол асарҳо, гузориш, дастуру мақолаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо дастовардҳои асосии халқи тоҷик дар солҳои аввали истиқлолият таҷассум ёфта, самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар муайян гардидаанд, мавқеи асосиро ишғол менамоянд[4]. Дар онҳо Роҳбари давлат масоили консептуалии сиёсати хориҷӣ ва тамоюлҳои асосии онро дар муносибатҳои байналхалқӣ возеҳан муайян намудааст.

Барои вусъат гирифтани сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар охири солҳои 90-ум, торафт баланд шудани нуфузи байналхалқии Президенти кишварамон таъсири ҳалкунанда бахшид. Соли 1999 ӯ аввалин шуда аз ҷумлаи роҳбарони давлатҳои ИДМ маҷлиси ифтитоҳии иҷлосияи 54-уми Ассамблеяи Генералии СММ-ро роҳбарӣ кард. Бояд қайд кард, ки дар байни сиёсатмадорони ҷаҳон нахустин шуда бо «Ситораи тиллоӣ»-и Алберт Швейтсер мукофотонида шуда, ба

[1] Шарифзода А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество / А.Шарифзода, З. Косими. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.
[2] Юлдошев К. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К.Юлдошев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 95 с.
[3] Тоштемиров М. Президент Рахмонов: человек и политик / М.Тоштемиров, З.Саидов. – Алмата: КИТК, 1997. - 79 с.; Тоштемиров М. По меридианам дружбы. Политика открытых дверей Эмомали Рахмона / М.Тоштемиров. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 247 с.
[4] Рахмонов Э. Ш. Юбилей независимости и второй форум таджико / Э.Ш.Рахмонов. – Душанбе,1993.; Рахмонов Э. Ш. Таджикистан на пороге будущего / Э.Ш.Рахмонов // Сборник выступлений Президента РТ в СМИ России. – М., 1997.; Рахмонов Э. Ш. Наша цель – национальное единство / Э.Ш.Рахмонов. – Душанбе, 1997.; Рахмонов Э. Ш. Таджики в зеркале истории / Э.Ш.Рахмонов. – Душанбе, 1998.; Рахмонов Э. Ш Независимость Таджикистана и возрождение нации (в 8 т.) / Э.Ш.Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006.

дараҷаи олии профессори фалсафаи Академияи Умумиҷаҳонии Тиб дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ сазовор дониста шуд.

Дар иртибот ба ин, дар адабиёти таърихӣ ва илмии кишвар таҳқиқоте рӯи кор омаданд, ки ба инъикоси фаъолияти муваффақи сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудаанд. Дар байни онҳо махсусан асарҳои З. Сайидзода[1], З. Саидов[2], А. Шарипов[3], М. Тоштемиров[4], К. Юлдошев[5] хеле ҷолибанд. Дар онҳо муаллифон на танҳо паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмонро мавриди таҳлили воқеӣ қарор додаанд, балки мушкилот ва монеъаҳоеро, ки давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳангоми коркарди сиёсати хориҷии хеш дар солҳои аввали истиқлолият рӯ ба рӯ омада буд, инъикос намудаанд. Ин мушкилот бахусус дар китоби Карим Юлдошев «Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана»[6] муфассал таҷассум ёфтааст. Дар он муаллиф аз ҷумла қайд менамояд, ки ташаккули сиёсати мустақили хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои нав ва комилан норавшани фаъолияти ҳукумат маҳсуб меёфт. Дар шароити низоми шӯравӣ Тоҷикистон аз имконияти мустақиман фаъолият намудан дар ин самт маҳрум буд. Аз ин рӯ ба ниҳодҳои давлатӣ, шумораи зарурии дипломатҳо ва мутахассисони соҳа эҳтиёҷ надошт. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки дар тамоми давраи мавҷудияти ҳокимияти Шӯравӣ дар муассисаҳои таълимии дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамагӣ 10 нафар намояндагони ҷумҳурӣ

---

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[2] Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 396 с.

[3] Шарифзода А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество / А.Шарифзода, З.Косими. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

[4] Тоштемиров М. Президент Рахмонов: человек и политик / М.Тоштемиров, З.Саидов. – Алмата: КИТК, 1997. – 79 с.; Тоштемиров М. По меридианам дружбы. Политика открытых дверей Эмомали Рахмона / М.Тоштемиров, З.Саидов. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 247 с.

[5] Юлдошев К. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К.Юлдошев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 95 с.

[6] Юлдошев К. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К.Юлдошев. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 34.

таҳсил намуда, дар сафоратхонаҳои хориҷии давлати Шӯравӣ фаъолият мекарданд. Танҳо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ имконияти васеъи наздикшавии дипломатиро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам овард. Ин нуктаро аксари муҳаққиқони таърихи муносибатҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар таҳқиқоти хеш иброз доштаанд.

Дар тадқиқоти дастаҷамъии З. Саидов ва А. Сабуров[1], инчунин А. Шарифзода ва С. Фаттоев, С. Шамсиддинов, З. Қосимӣ[2] тамоми самту санадҳои муҳимтарини фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти кишвар – Эмомалӣ Раҳмон воқеъбинона таҳлил гардидаанд. Дар ин ҷода китоби А. Шарифзода ва А. Ғафуров «Наҷотбахши миллат»[3] - ро махсус қайд кардан ба маврид аст. Муаллифон ба фаъолияти Президенти мамлакат - асосгузори сиёсати хориҷии кишвар баҳои баланд дода, қайд кардаанд, ки маҳз бо ибтикори Роҳбари давлат муносибатҳои судманд ва дуҷониба дар минтақа ва дар ҳудуди ИДМ, инчунин бо кишварҳои хориҷи дур таҳкиму густариш ёфтаанд. Дар китоби дигари А.Шарифзода ва З.Қосимӣ, ки дар соли 2014 ба табъ расида, ба фаъолияти пурсамари ҳаррӯзаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 бахшида шудааст, муаллифон солҳои роҳбарии Сарвари давлатро ба тариқи зайл даврабандӣ кардаанд: «Агар солҳои роҳбарии Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро шартан ба 4 давра тақсим намуда, солҳои 1992-1997-ро даврони «Наҷоти давлату миллат аз вартаи фано», 1998-2000-ро даврони «Таҳкими сулҳу суббот» ва 2001-2006-ро «Оғози бунёдкорию созандагӣ» номем, пас солҳои 2007-2013-ро метавон «Оғози фатҳи қуллаҳо» номид».[4]

Дар зери таҳрири Вазири кунунии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии

---

[1] Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.

[2] Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон…(10 ҷилд) / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. –Душанбе, 2013.–336 с.

[3] Шарифзода А. Наҷотбахши миллат / А.Шарифзода, А. Ғафуров. – Душанбе, 2012. – 336 с.

[4] Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон: интихоби мардум / А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 366 с.

Тоҷикистон Сироҷидин Аслов дар соли 2016 китобе таҳти унвони «25 қадам дар паҳнои олам»[1] ба табъ расид, ки дар он паҳлӯҳои гуногуни нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳандозии сиёсати хориҷии кишвар, ривоҷ додани робита бо кишварҳои хориҷӣ, марҳилаҳои рушди равобити байналмилалии Тоҷикистон, самтҳои муҳим дар сиёсати хориҷии мамлакат, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ташаббусу ибтикороти Роҳбари давлат, дарёфти ҷойгоҳи ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, ташаккули асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии кишвар инъикос ёфтааст. Китоби мазкур, ки ба истиқболи 25-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, бозгӯкунандаи муносибот ва ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо давлатҳо ва ташкилоту созмонҳои гуногуни ҷаҳон буда, маълумоти арзишмандеро оид ба сиёсати хориҷӣ ва равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ ҷой додааст.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз афзалиятҳои муҳаққиқони таърихи муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар он аст, ки эшон аксаран вазифаҳои давлатиро ба ӯҳда дошта, дар амалӣ намудани сиёсати хориҷии кишвар мустақиман ширкат доранд. Масалан, муаллифи асари «Дипломатияи муосири тоҷик»[2] Т. Назаров, ки хусусиятҳои хоси дипломатияи тоҷикро инъикос намудааст, дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон, солҳои вазнини шаклгирии сиёсати хориҷӣ Вазорати корҳои хориҷиро роҳбарӣ мекард. Дар соли 2010 китоби собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ «Многовекторная дипломатия Таджикистана»[3] аз чоп баромад, ки дар он мақолаҳо, гузоришҳо ва солномаи воқеаҳою ҳодисаҳо гирд оварда шудаанд. Муаллифи таълифоти зиёд оид ба сиёсати хориҷӣ З. Сайидзода солҳои тӯлонӣ роҳбари департаменти иттилоотии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби матбуотии Президенти

---

[1] 25 қадам дар паҳнои олам // зери назари Сироҷидин Аслов. - Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 с.
[2] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.
[3] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифӣ. – Душанбе: Офсет, 2010. – 352 с.

кишвар, директори Агентии ахборотии «Ховар» буда, аз моҳи феврали соли 2008 мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда дорад. Муаллифони номбурда, ки чи тавре ишора рафт, дар роҳандозии сиёсати хориҷии кишвар бевосита ширкат доранд, санаду сарчашмаҳои муътамадро васеъ мавриди истифода қарор додаанд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, дар сиёсати хориҷии хеш муносибатҳои дутарафа ва бисёрсамтаи босуботу судмандро пеш аз ҳама бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил густариш дод. Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолият Э. Раҳмонов дар яке аз мусоҳибаҳо бо рӯзноманигори маҷалаи «Россия» Ю. Кушко инкишофи бемайлони муносибатҳои байналхалқиро дар доираи давлатҳои пасошӯравӣ барои Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида, чунин таъкид мекунад: «Тоҷикистон ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Россия аҳамияти хоса зоҳир менамояд»[1]. Сипас Сарвари давлат Э. Ш. Раҳмонов дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид дар солҳои 1993-1997 баромад намуда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кард. Ҳамчунин 30-юми сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои ИДМ иброз дошта, аҳамияти ду самти фаъолияти ҳукуматро дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъкид кард, ки манзури ӯ муносибатҳои муштараку судманд бо Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ буд[2].

Масъалаи таҳким ва тавсеаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои ИДМ, бахусус Россия, пеш аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

---

[1] Рахмонов Э.Ш. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко / Э.Ш. Рахмонов // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – С.253.

[2] Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А.Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. - С.128.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1], таълифоти Т.Назаров[2] ва Ҳ.Зарифӣ[3], асари бунёдии «История таджикского народа», ки як боби он ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аз ҷониби муҳаққиқи намоён В.В. Дубовитский[4] ба анҷом расидааст, инчунин дар аксар таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст. Маводи ин таълифот бештар ба масоили умдаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ марбут буда, дар онҳо раванди таъсисёбии давлатҳои соҳибистиқлол ва эълони истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон, бунёди низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ таҷассум ёфтаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои хеш афзалиятнок будани муносибатҳои Тоҷикистону Россияро таъкид карда, дар зимни вохӯрӣ бо Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин 1 августи соли 2013, аз ҷумла чунин иброз дошт: «Россия ва Тоҷикистонро муносибатҳои иттифоқчигӣ ва шарики стратегии аз ҷониби вақт озмудашуда, ки омили муҳими устуворӣ ва амниятӣ дар

[1] Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов / Э.Рахмон. - Лондон, 1999; Раҳмон Э. Точикистон: дар рохи чомеаи мутамаддин / Э.Раҳмон. - Душанбе, 1996; Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах / Э.Раҳмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996 г., январь / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с; Рахмон Э. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

[2] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Минск, 2002.; Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. - Душанбе, 2003.; Назаров Т.Н. Таджикистан:экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе, 2004.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе, 2007.; Назаров Т.Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения) / Т.Н. Назаров. - Душанбе 2013.; Назаров Т. Современная дипломатия Таджикистана / Т.Назаров, А.Сатторзода. - Душанбе, 2006 ва ғ.

[3] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х. Зарифи. - Душанбе, 2010.; Зарифӣ Ҳ. Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз / Ҳ.Зарифӣ. - Душанбе, 2009.

[4] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В. Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

Осиёи Марказӣ махсуб меёбад, бо ҳам мепайвандад»[1].

Т. Назаров муаллифи мақолаҳо ва таълифоти зиёдест, ки ба масоили барқароршавӣ ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд. Муаллиф дар асарҳои худ рӯйдодҳо ва санадҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият ба тариқи муфассал тасвир ва таҳқиқ намуда, ҷабҳаҳои гуногуни дипломатияи тоҷикро дар марҳилаи кунунӣ баррасӣ менамояд.

Дар инъикоси равобити дуҷонибаи судманди Тоҷикистону Россия таҳқиқоти Ҳ.Зарифӣ: «Многовекторная дипломатия Таджикистана» ва «Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз»[2] низ нақши бориз доранд. Дар таҳқиқоти мазкур собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи Тоҷикистону Россия дар чорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ баҳои сазовор додаст.

Доктори илмҳои таърих В.В.Дубовитский дар боби «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (1991-2010)»-и ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[3] ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар даврони истиқлолият диққати бештаре зоҳир намуда, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи густурдаи ин кишварҳоро мавриди таҳлил қарор додаст. Гуфтан ҷоиз аст, ки таълифоти мазкур нахустин таҳқиқоти нисбатан комил дар боби равобити Тоҷикистону Россия маҳсуб меёбад.

---

[1] Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов / Э.Рахмон. - Лондон, 1999; Раҳмон Э. Точикистон: дар рохи чомеаи мутамаддин / Э.Раҳмон. - Душанбе, 1996; Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах / Э.Раҳмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳѐи миллӣ. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996 г., январь / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с; Рахмон Э. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

[2] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010.; Зарифӣ Ҳ.Дипломатияи Точикистон: дируз ва имруз / Ҳ.Зарифӣ. - Душанбе, 2009.

[3] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В. Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

Дар инъикоси равобити судманду домангустурдаи Тоҷикистону Россия махсусан асару мақолаҳои Р. Масов[1], С. В. Махонина[2], Б. В. Белов[3], Ҳ. Пирумшоев[4], М. Наимов ва А. Сатторов[5], С.Сафаров[6], Н.М. Мирзоев[7], З. Сайидзода[8], А.Сатторзода[9], П. А. Пирназарова[10] ва бисёр дигаронро ном бурдан мумкин аст. Муаллифони мазкур дар асарҳои хеш бо назардошти он, ки кишварҳои аъзои ИДМ дар гузаштаи начандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, таъкид кардаанд, ки дар ин марҳилаи барои Тоҷикистон мураккаб, нигоҳ доштан ва тавсеа бахшидани муносибатҳо бо соири давлатҳои аъзои ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия хеле муҳим буд.

Роҳбарони давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон шароитҳои таърихии ба вуқӯъ пайвастаро хуб дарк карда, ҳанӯз 21 декабри соли 1991 ба аъзогии ИДМ, ки 8 декабри ҳамон сол дар зимни як нишасти сарони се давлати собиқ Шӯравӣ – Россия, Украина ва Белорусия дар бешазори Беловежск созмон ёфта буд, шомил гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия бошад, ҳанӯз аз 8 апрели соли 1992 муносибатҳои дӯстонаи дипломатӣ барқарор кард. Дар тули солҳои 1992 – 2017 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия анқариб

---

[1] Масов Р. Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа / Р.Масов. – Душанбе, 2005. – 288 с.

[2] Махонина С. В. Военно-политическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 годы / С.В.Махонина. – Душанбе, 1999.- 168 с.

[3] Белов Б. В. Россия и межтаджикское урегулирование / Б.В.Белов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 156 с.

[4] Пирумшоев Х. Таджикистан – Россия: Исторический опыт сотрудничества в 90-е годы и его перспективы / Х. Пирумшоев // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. (Сборник статей). Часть 1.– Душанбе: Ирфон, 2014. – 528 с.

[5] Наимов М. Россия и Таджикистан / М.Наимов, А.Сатторов. – Душанбе, 2004. – 235 с.

[6] Сафаров С. Г. Рука об руку с Россией / С.Г. Сафаров. – М., 2006. – 256 с.

[7] Мирзоев Н.М. Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 46-51.

[8] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[9] Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии) / А.Сатторзода. - Душанбе, 2014. - 520 с.

[10] Пирназарова П. А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего / П.А.Пирназарова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 200 с.

250 шартномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ, ки ҳамкориҳоро дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба танзим медароранд, ба имзо расид. Ба ақидаи В.В.Дубовитский ҳуҷҷати муайянкунандаи муносибатҳои Тоҷикистону Россия «Шартнома оиди дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ», ки 25 майи соли 1993 ба имзо расида, минбаъд дар «Шартнома оид ба ҳамкории муштарак миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 1999 такмил ёфта буд, маҳсуб меёбад[1].

Лозим ба зикр аст, ки яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои миёни Тоҷикистон ва Россия ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода сухан ронда бояд қайд кунем, ки дар зимни тақсимоти Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон бенасиб монда буд. Ҷониби Тоҷикистонро лозим омад, ки ба таври фавқуллода, танҳо бо ёрии бевоситаи Федератсияи Россия Артиши Миллии хешро созмон диҳад. Илова бар ин, ба ақидаи академик Р.Масов ширкати ҳарбии Россия барои ташкил ва неруманд намудани қувваҳои мусаллаҳи миллӣ шароитҳои мусоид фароҳам овард[2].

Бояд тазаккур дод, ки афзалияти ширкати ҳарбии Россияро дар Тоҷикистон ҳанӯз соли 1998 академик Р.Масов дар мақолаи хеш «Россия и Таджикистан»[3] қайд карда буд. Ба ақидаи ӯ ҳузури ҷузъу томҳои артиши Россия Тоҷикистонро аз ҳуҷуми эҳтимолии хориҷӣ наҷот дод[4].

Роҷеъ ба муҳимияти нигоҳдошти муносибатҳои дуҷониба бо Россия Ҳ. Пирумшоев барҳақ қайд кардааст, ки ҳарчанд Тоҷикистони соҳибистиқлол аз мадди назари созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, махсусан СММ дур намонда бошад ҳам, дар ин вазъияти барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин, ки хавфи аз байн рафтани давлат ва якпорчагии ҳудудӣ ба миён омада буд, нигоҳ доштани

---

[1] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011. - С.620.

[2] Масов Р. Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа / Р.Масов. – Душанбе, 2005. – С.218.

[3] Масов Р. М. Россия и Таджикистан / Р.М.Масов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 156 с.

[4] Масов Р. М. Россия и Таджикистан / Р.М.Масов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. –С.25.

ҳамкориҳои зич бо Россия хеле муҳим ва тақдирсоз буд[1].

Ба масъалаҳои ҳамкории ҳарбии Тоҷикистон ва Россия дар солҳои аввали истиқлолият монографияи С.В.Махонина[2] низ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин асари худ аз ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистону Россия сухан ронда, нақши Россияро дар пешгирӣ кардани муноқишаҳои ҳарбӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон инъикос кардааст.

Ба нақши ширкати ҳарбии Россия дар солҳои аввали истиқлолият баҳои баланд дода, З. Сайидзода аз ҷумла чунин қайд менамояд: «Ҳузури неруҳои ҳифзи сулҳи Россия ва сарҳадбонони россиягӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон боло гирифтани хушунатро дар мамлакат ҷилавгирӣ намуд»[3]. Ӯ равобити дуҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ҳамкориҳои мустақим ва густурдаи Тоҷикистонро бо ҳар яке аз ин давлатҳо мушаххасан инъикос намудааст[4].

П. А. Пирназарова дар таълифоти «Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего»[5] шароитҳои таърихӣ ва омилҳои асосиеро, ки Тоҷикистонро бо Федератсияи Россия мепайваст ба инобат гирифта, аз ҷумла қайд менамояд, ки барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Федератсияи Россия қадами қонунӣ на танҳо дар роҳи эмин доштани якпорчагии ҳудудӣ ва дигар хатарҳои беруние, ки Тоҷикистонро баъд аз ба даст овардани истиқлолият пайгирӣ мекарданд, маҳсуб меёбад, балки барои таҳкими алоқаҳои бисёрасра ва таърихӣ дар байни халқҳои ду давлати бародар низ кӯмак мерасонад. Маҳз бо миёнаравӣ

[1] Пирумшоев Ҳ. Таджикистан – Россия: Исторический опыт сотрудничества в 90-е годы и его перспективы / Ҳ.Пирумшоев // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. (Сборник статей). Часть 1.– Душанбе: Ирфон, 2014. –С.252.

[2] Махонина С. В. Военно-политическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 годы / С.В.Махонина. – Душанбе, 1999.- 168 с.

[3] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.74.

[4] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.72-110.

[5] Пирназарова П. А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего / П.А.Пирназарова. – Душанбе: Ирфон, 2011. -200 с.

ва ёрии бевоситаи Федератсияи Россия ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид, сулҳ барқарор гардид ва фирориён ба ватан баргаштанд. Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол Россия иттифоқчӣ ва шарики асосии стратегӣ ба ҳисоб меравад[1]. Дар ҷои дигар муаллиф овардааст, ки дар ҳамҷоягӣ бо Россия амал карда, Тоҷикистон метавонад аз хатари берунӣ – тероризми байнахалқӣ, экстремизм, қочоқи маводи нашъаовар ва дахолати ҳарбии гуруҳҳои экстремистӣ аз ҷониби Афғонистон эмин бошад[2], ки ҳақ ба ҷониби ӯст. Зеро баъд аз баромадани артиши Шӯравӣ аз ҳудуди Афғонистон дар соли 1989, қисмати зиёди Афғонистонро гуруҳҳои экстремистӣ ва ифратгарои «Толибон» ба зери тассаруфи худ даровარданд. Ноҳияҳои шимолии Афғонистонро ҷангиёни Аҳмадшоҳи Масъуд, Гулбиддин Ҳикматёр ва генерал Дустум дар ихтиёр доштанд. Муҷоҳидони афғон кайҳо орзуи таъсиси давлати «Тоҷикистони Бузург» - ро, ки бояд Афғонистон, Тоҷикистон ва ноҳияҳои тоҷикнишини Узбекистону Чинро фаро мегирифт, доштанд. Бо ин мақсад дар ноҳияҳои сарҳадӣ шумораи зиёди ҷангиён ва дигар гуруҳҳои экстремистию ифротгаро гирд омада буданд. Ба ақидаи сарвазири онвақтаи Тоҷикистон А. Абдуллоҷонов дар Афғонистон 10 лагер барои тайёр кардани ҷангиёни тоҷик мавҷуд буд[3]. Хавфи дахолати бевоситаи ҳарбии муҷоҳидони афғон ба миён омада буд. Танҳо мавҷудияти ҷузъу томҳои артиши Россия ҳаракати минбаъдаи муҷоҳиддинро ба хоки Тоҷикистон нигоҳ медошт.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистону Россия самти дигари равобити ин давлатҳо маҳсуб ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия С.Сафаров[4], профессорон А.Сатторзода[5], М.Н.Наимов[6], Ҷ.Л.Латифов[1], Ш.Менглиев[2], Н.М.Мирзоев[3] ва

---

[1] Пирназарова П. А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего / П.А.Пирназарова. – Душанбе: Ирфон, 2011.- С.5.

[2] Пирназарова П. А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего / П.А.Пирназарова. – Душанбе: Ирфон, 2011.- С.7.

[3] Кузьмин А. И. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А.И. Кузьмин [Электронный ресурс]. URL: http: / militaryarticle.ru/obozrevatel/1993-obozrevatel/12799/ (дата обращения: 01.02.2019).

[4] Сафаров С. Г. Рука об руку с Россией / С.Г.Сафаров. – М., 2006. – 256 с.

[5] Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии) / А.Сатторзода. -Душанбе, 2014. - 520 с.

[6] Наимов М.Н. История дружбы и сотрудничества / М.Н.Наимов. – Душанбе, 2014. – 280 с.

дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар монографияи собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия (с.2001-2006) С.Сафаров[4] самтҳои муҳими ҳамкориҳои ду давлат инъикос ёфтааст. Дар он, алалхусус маводҳое, ки роҷеъ ба омодасозии масоили муҳокимашавандаи корпусҳои дипломатӣ, оид ба чорабиниҳои тиҷоратӣ-иқтисодии дар солҳои 2001-2006 гузаронидаи сафоратхонаи Тоҷикистон дар шаҳрҳои Россия маълумот медиҳанд, хеле арзишманданд.

Таҳқиқоти калонмиқёс ва пурмӯҳтавои профессор А.Atторзода таҳти унвони «Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии)» дар охири соли 2014 ба табъ расидааст. Ин таҳқиқот фарогири маводи зиёд роҷеъ ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст, ки аз ҷониби муаллиф дар давоми солҳои 1999 – 2012, ҳангоми муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори идораи сиёсати хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҷумҳурӣ ифои вазифа карданаш гирдоварӣ шудааст.

Монографияи профессор М.Н.Наимов[5] ба инъикоси ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистону Россия, аз ҷумла таҳлили ҷабҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-техникии ин ҳамкориҳо бахшида шудааст. Дар он муаллиф вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россияро дар соҳаи гидроэнергетика, муҳоҷират, технология махсус қайд менамояд.

Бояд зикр кард, ки асарҳои профессорон Ҷ.Л.Латифов[6], Ш.Менглиев[7],

---

[1] Латифов Дж.Л. Проблемы беженцев и вынуждённых переселенцев / Дж.Л.Латифов. – М., 1994. – 213 с.

[2] Менглиев Ш. Место Республики Таджикистан, в Содружестве Независимых Государств / Ш.Менглиев // Материалы 2-ой международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международномпорядке». - Душанбе: ПРООН, НАНТ, 1997. – 341с.

[3] Мирзоев Н.М.Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М.Мирзоев. - Душанбе, 1993.; Мирзоев Н.М. Таджикистан - Шанхайская Организация Сотрудничества: Векторы сотрудничества / Н.М.Мирзоев.-Душанбе, 2014. -192 с.

[4] Сафаров С. Г. Рука об руку с Россией / С.Г.Сафаров. – М., 2006. – 256 с.

[5] Наимов М.Н. История дружбы и сотрудничества / М.Н.Наимов. – Душанбе, 2014. – 280 с.

[6] Латифов Дж.Л. Проблемы беженцев и вынуждённых переселенцев / Дж.Л.Латифов. – М., 1994. – 213 с.

[7] Менглиев Ш. Место Республики Таджикистан, в Содружестве Независимых Государств / Ш.Менглиев // Материалы 2-ой международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международномпорядке». - Душанбе: ПРООН, НАНТ, 1997. – 341с.

Н.М.Мирзоев[1], ки равандҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат, масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар маркази диққати онҳо қарор дошт, ҷиҳати инъикоси ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоииТоҷикистону Россия мавқеи хоса доранд.

Самти дигари ҳамкориҳои густурда миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар охири асри XX – ибтидои асри XXI, ки таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро бештар ба худ ҷалб кардааст, ҳамкориҳои фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Бояд зикр кард, ки дар ин ҷода низ асару мақолоти зиёде рӯи кор омадаанд, ки паҳлӯҳои гуногуни ин ҳамкориҳои фароху домангустурдаи фарҳангиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Масоили марбут ба ҳамкории фарҳангии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар таҳқиқоти М.Наимов ва А.Сатторов[2], Ҳ.Пирумшоев ва М. Маликов[3], Н.Мирзоев[4] ва П.Пирназарова[5] хеле возеҳ инъикос ёфтаанд. Дар ин росто, бахусус асару мақолоти доктори илмҳои таърих Н.М. Мирзоевро ёдрас шудан бамаврид аст. Ӯ дар мақолаи «Ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Россия дар даврони истиқлолият»[6] қайд мекунад, ки дар низоми ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия ҳамкориҳои гуманитарӣ мавқеи хоса доранд. Ба ақидаи мавсуф асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Россияро Шартнома миёни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи фарҳанг, илм ва техника, иттилоот, варзиш ва саёҳӣ аз 19 сентябри соли 1995, ки баҳри нигоҳдошти фазои ягонаи илму маориф, фарҳанг ва гуманитарӣ миёни ин кишварҳо равона шудааст,

---

[1] Мирзоев Н.М.Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М.Мирзоев. - Душанбе, 1993.; Мирзоев Н.М. Таджикистан - Шанхайская Организация Сотрудничества: Векторы сотрудничества / Н.М.Мирзоев.-Душанбе, 2014. -192 с.

[2] Наимов М. Россия и Таджикистан / М.Наимов, А.Сатторов. – Душанбе, 2004. – 235 с.

[3] Пирумшоев Х. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений / Х.Пирумшоев, М.Маликов. – Душанбе, 2009.

[4] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 46-51.

[5] Пирназарова П.А. Таджикистан – Россия: горизонты исторического взаимодействия в гуманитарной сфере / П.А.Пирназарова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 66-71.

[6] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 46-51.

ташкил медиҳад[1].

Бояд тазаккур дод, ки дар асоси ин Шартнома муносибатҳои муштараки фарҳангии Тоҷикистону Россия боз ҳам ҷонноктар гардида, даҳаҳои фарҳанг ва адабиёт, ки рисолати муаррифии фарҳангу адабиёти ғании ин кишварҳоро бар душ доранд, солҳои 1997, 1999, 2004, 2005, 2008, 2014 ва 2016 баргузор гардиданд.

Ба ақидаи Н.М.Мирзоев Россия дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи санъати театрӣ ва синамо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои густурда дошта, шаҳрвандони ин кишварро ҷиҳати таҳсил кардан дар донишгоҳҳои олии фарҳанг ва санъати Россия сафарбар месозад[2].

Лозим ба зикр аст, ки ба масъалаи ҳамкориҳои густурдаи Тоҷикистону Россия дар соҳаи синамо ва санъати театрӣ муҳаққиқи ҷавон П.А.Пирназарова низ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар мақолаи «Тоҷикистон – Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг»[3] қайд менамояд, ки бо муҷиби ҷанги шаҳрвандӣ синамои тоҷикро дар охири асри ХХ буҳрони шадид фаро гирифта, чеҳраҳои мондагори синамои тоҷик, аз ҷумла В.Аҳадов, Б.Содиқов, Б.Худоназаров, М.Юсупова, П.Ахматов, Ҷ.Усмонов, С.Солиев, М. Қосимова, Ҷ.Мансуров, Ф.Абдуллоев, Р.Аҳадов ва бисёр дигарон маҷбур шуданд, ки Тоҷикистонро муваққатан тарк намоянд[4]. Дар ҳақиқат, «Тоҷикфилм», ки дар даврони шӯравӣ рисолати истеҳсоли филмҳоро бар душ дошт, амалан дигар филм истеҳсол намекард. Илова бар ин, базаи техникии «Тоҷикфилм» ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ набуд. Ҳолати ба амал омада Президенти кишварро низ ба ташвиш оварда буд, ки ӯ дар зимни вохӯрӣ бо зиёиён - 20 марти соли 2001вазъи

---

[1] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 48.

[2] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 48.

[3] Пирназарова П.А. Таджикистан – Россия: горизонты исторического взаимодействия в гуманитарной сфере / П.А.Пирназарова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 66-71.

[4] Пирназарова П.А. Таджикистан – Россия: горизонты исторического взаимодействия в гуманитарной сфере / П.А.Пирназарова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 66.

ба амал омадаро таъкид намуда, аз Ҳукумати ҷумҳурӣ қотеъона талаб кард, ки ҷиҳати барқарор намудани синамои тоҷик пайваста талош варзад.

Ба ақидаи П.А.Пирназарова рушди минбаъдаи синамои тоҷик танҳо баъд аз таъсис ёфтани киностудияҳои ғайридавлатӣ, ки аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бархӯрдор буданд ва ҳамкории онҳо бо ширкатҳои синамои Россия, аз ҷумла «Ввысь» имконпазир гардид[1]. Муаллиф марҳилаҳои рушди синамои тоҷикро дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои синамои Россия баён намуда, қайд менамояд, ки синамогарони тоҷик тӯли 20 сол дар фестивалҳои байналхалқӣ ва Россия ширкат дошта, соҳиби ҷоизаҳо гардиданд. Айни замон синамогарони тоҷик кӯшиш доранд, ки дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои синамои рус кинофилмҳое истеҳсол намоянд, ки на танҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ, балки дар як қатор кишварҳои хориҷи дур низ мақбул гарданд.

Бояд зикр кард, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Россия соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки аз назари муҳаққиқон дур намондааст. Ба ин масъала муҳаққиқон В.В. Дубовитский[2] ва Н.М. Мирзоев[3] таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ҳамкориҳои фароху гуногунпаҳлӯи Тоҷикистону Россияро дар соҳаи маориф таҳқиқ ва баррасӣ намудаанд. Ба ақидаи онҳо дар заминаи ин ҳамкориҳо ҳанӯз дар соли 1996 дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард, ки алъон чор ҳазор донишҷӯро аз рӯи 13 ихтисос ба таҳсил фаро гирифтааст[4]. Омили дигари таҳкими ҳамкориҳои густурдаи муштарак дар соҳаи маориф, дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кардани филиалҳои Донишгоҳхои пешбари Россия – Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, Донишгоҳи технологии «МИСИС», Донишкадаи

---

[1] Пирназарова П.А. Таджикистан – Россия: горизонты исторического взаимодействия в гуманитарной сфере / П.А.Пирназарова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 67.

[2] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

[3] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 46-51.

[4] Мирзоев Н.М.Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М.Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 48.

энергетикии Москва ба ҳисоб меравад.

Лозим ба зикр аст, ки масоили умдаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар даврони истиқлолият, инчунин дар рисолаҳои номзадии олимони тоҷик ва рус инъикос гардидаанд. Дар ин росто рисолаҳои У.А. Бобоҷонова[1], С.А. Қурбонов[2], И.Х. Афандихонов[3], А.В. Архангельский[4], Р.Х. Мирзоев[5], Г.В. Коваленко[6], В.В. Егозарян[7], П.А. Пирназарова[8], Ф. Розиков[9] ва Ҷ.Ҷураев[10]-ро ном бурдан ҷоиз аст. Муҳаққиқони мазкур дар рисолаҳои хеш самтҳои гуногуни равобити густурдаи Тоҷикистону Россияро мавриди таҳлил қарор додаанд. Масалан, масоили ҳуқуқие, ки ба санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳамкории ҳарбии Тоҷикистону Россия дахл доранд, аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ И.Афандихонов ва номзади илмҳои сиёсӣ В.Егозарян, асосҳои байналхалқии ҳуқуқии амнияти дастаҷамъонаи давлатҳои ИДМ - дар таҳқиқоти А.Архангелский таҳлил гардидаанд. Равандҳои таносухӣ дар рушди робитаҳои иқтисодии Тоҷикистону Россия дар марҳилаи ислоҳоти куллии бозорӣ дар рисолаи С.Қурбонова мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Масоили вижагиҳои

---

[1] Бабаджанова У.А. Российско-таджикские отношения в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / У.А.Бабаджанова.- М., 2006.

[2] Курбонов С.А. Экономическое развитие Таджикистана и его внешнеэкономические связи с Российской Федерацией в период рыночных преобразований: автореф. дисс. ...на соиск. учен. степ. канд. эк. наук / С.А.Курбонов. - М, 2011.

[3] Афандихонов И. Х. Правовые основы военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / И.Х.Афандихонов. - М., 2006.

[4] Архангельский А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук / А.В.Архангельский. -М. 2003.

[5] Мирзоев Р.Х. Специфика и закономерности таджикско-российских миграционных процессов: дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Р.Х.Мирзоев. - Душанбе, 2006.

[6] Коваленко Г.В. Энергетический фактор в современном развитии российско-таджикских отношений: автореф. дис. ... на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Г.В.Коваленко. - М., 2012.

[7] Егозарьян В.В. Военно-политическое сотрудничество России со странами СНГ как фактор интеграции: дис… на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / В.В.Егозарьян. - М., 2001.

[8] Пирназарова П.А. Взаимоотношение Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере образования, науки и культуры (1991-2011 гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / П.А.Пирназарова. - Душанбе, 2013.

[9] Розиков Ф. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана и России в период независимости культуры (1991-2011гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Ф.Розиков. - Душанбе, 2013.

[10] Джураев Дж.Г. Торгово-экономические отношения Республики Таджикистан с Российской Федерацией в годы независимости (1991 – 2013 гг.): автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Дж.Г.Джураев. -Душанбе, 2013.

муҳоҷират ва пойгоҳи қонунгузории фаъолияти муҳоҷирони тоҷик дар Россия дар таҳқиқоти Р.Мирзоев инъикос гардидаанд. Ҳамкориҳои энергетикии Тоҷикистону Россия объекти таҳқиқоти Г. Коваленкоро ташкил додаанд. Рисолаи П.А.Пирназарова ба масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти Ф.Розиқов робитаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар даврони истиқлолият таҷассум ёфтаанд. Рисолаи номзадии Ҷ.Ҷураев ба масоили ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бахшида шуда, дар он муҳаққиқ сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар марҳилаи барқароршавӣ, рушд ва тавсеаи соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ кардааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки ҳамкориҳои муштараки сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Россия, ки ибтидои онҳо ба умқи асрҳо – давраи мавҷудияти давлати Сомониён ва Руси Киевӣ рафта мерасад, имрӯз низ дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад ва ин робитаҳоро марҳилаҳои наву созанда дар пеш аст.

Дар бораи афзалиятҳо дар равобити дуҷониба дар чаҳорчӯбаи ИДМ сухан карда, ба ғайр аз Россия афзалияти равобити сиёсӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои Осиёи Марказиро зикр кардан бомаврид аст. Умумияти манофеи таърихӣ ва фарҳангӣ, мавҷудияти якҷояи халқҳое, ки дар минтақа сукунат доранд ва дар ҳайати Империяи рус ва ИҶШС дар давраи дароз шомил буданд, ҳамзистии якҷояи миллатҳои унвонӣ дар ҳудуди кишварҳои ҳамсоя – ҳамаи ин робитаҳои зич, бисёрҷабҳа ва устувор ва аксаран истиқрорёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон муайян мекард. Дар миёни гурӯҳи мазкур тавсифи мураккабтарро равобит бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон доро мебошад. Дар даврони истиқлолият даҳҳо масоили равобити дуҷониба бо ин кишвар дар асосҳои ҳуқуқӣ роҳандозӣ шуда буданд. 4 январи соли 1993 таоҳудномаи калонмиқёс оид ба дӯстӣ байни ду кишвари ҳамсоя ба имзо расид. Ин таоҳудномаи калонмиқёси аввалин оид ба дӯстӣ буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари хориҷӣ баъди ба даст овардани истиқлолият баста буд. Вохӯриҳои

бисёркаратаи сарвари давлат Э. Раҳмон бо симоҳои аввали давлати Ӯзбекистон барои ҳалли масоили зиёди сиёсию иқтисодӣ мусоидат намуданд. Аммо, мутаассифона, зикр кардан зарур аст, ки муддати мадиде дар муносибатҳои дуҷонибаи ин ду ҳамсоякишвар як навъ карахтӣ ва сардӣ роиҷ гардида, дар ин равобит зуҳуроти муайяни номатлуб ба мушоҳида мерасиданд. Масалан, монеаҳо баҳри таҷдиди алоқаҳои мӯътадили ҳавоӣ, роҳиоҳанӣ ва автомобилӣ, махсусан мусофиркашонӣ, байни ду кишвар бартараф нашуда буданд, ки ин дар навбати худ бо созишномаҳо ва таоҳудот мухолиф мебошад. Паиҳам қатъ кардани манобеи барқ барои ба таври мӯътадил фаъолият кардани маҷмӯи хоҷагиҳои ҷумҳурӣ мушкилот ба вуҷуд оварда ба он зиёни иқтисодӣ мерасонд.

Хушбахтона, тайи солҳои охир, баъд аз сарвари давлати Ӯзбекистон интихоб гардидани Шавкат Мирзиёев, бо талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳо миёни ин ду ҳамсоякишвар аз нав рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар таърихи 09 марти соли 2018 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти он 27 санаду созишнома имзо гардид, ба равобити босуботи дуҷониба миёни ин кишварҳо ҳусни оғоз бахшид.

Бояд тазаккур дод, ки ба равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият, бо назардошти он, ки муддати зиёде дар ҳоли рукуд қарор дошт, муҳаққиқон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир накардаанд. Аз ин лиҳоз, ин масоил дар таърихнигории ватанӣ камтар омӯхта шуда, таҳқиқоти маҷмӯӣ дар ин самт танҳо солҳои охир таълиф гардиданд. Бо вуҷуди ин, ҷабҳаҳои гуногуни ин равобит дар асару мақолаҳои муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ хеле возеҳ таҷассум ёфтаанд. Дар байни онҳо, алалхусус асарҳои собиқ вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Назаров[1] ва Ҳ.Зарифӣ[2], ки дар онҳо муаллифон дар

[1] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Минск, 2002; Назаров Т.Н.Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. – Минск, 2003; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2007; Назаров Т.Н. Дипломатияи муосири точик / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2006.
[2] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010; Зарифи Х.

қатори масъалаҳои зиёд, борҳо ба масоили муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дахл кардаанд, мавқеи хосаро ишғол менамоянд.

Масоили марбут ба равобити дуҷониба ва бисёрсамтаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[1] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[2] низ инъикос гардидааст. Дар боби «Сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол»-и ин таълифот таърихи барқароршавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият, ҳамкориҳои судманд дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, сардшавии равобити дуҷониба дар охири солҳои 90-уми асри XX ва эҷоди монеъаҳо аз ҷониби Ӯзбекистон ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ба масоили равобиту ҳамкориҳои ин ҳамсоякишварҳо дар даврони истиқлолият мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Сайидзода[3] дар таълифоти бешумори хеш ҳадалимкон дахл карда, дар онҳо марҳилаҳои рушди сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ва муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро, ки бо душворӣ ҷараён мегирифтанд, мавриди таҳлил қарор додаст.

Барои омӯзиши таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар доираи

---

Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи. – Душанбе, 2014; Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе, 2012.

[1] История таджикского народа. Т.VI / дар зери таҳрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / дар зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

[3] Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе,2001. – 112 с; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. - Душанбе, 2000. – 162 с; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003. – 224 с; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан / З.Саидов. – Душанбе, 2006.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. - Душанбе, 2005.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2010. – 444 с; Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков, -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2011. – 624 с; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. - 7-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2014.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. - Душанбе, 2015; Сайидзода З.Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ асарҳои сиёсатшинос А. Искандаров[1] нақши бориз доранд. Дар таҳқиқоти ӯ рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият, махсусиятҳо ва марҳилаҳои асосии таҷдиди онҳо мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои минтақа, инчунин таъсири онҳо ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳамгироӣ тадқиқ гардидаанд.

Рисолаи номзадии Ф. Бобозода таҳти унвони «История становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в период независимости (1991 – 2006гг.)» («Таърихи барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият (с.1991 – 2006)»)[2] нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар риштаи ҳамкориҳои муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон буда, дар он муҳаққиқ ҷанбаҳои асосии барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар солҳои аввали истиқлолият, раванди 15-сола (1991-2006)-и муносибатҳои сиёсӣ-дипломатии ду кишвар, ҳамкориҳои муштарак дар чорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дар риштаҳои иқтисодӣ ва амниятӣ, инчунин ҳамкориҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангиро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Мутаассифона, таҳқиқоти мазкур фарогири танҳо 15-соли аввали даврони истиқлолият буда, бо инъикоси ҳамкориҳои муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соли 2006-ум ба анҷом мерасад.

Бояд зикр кард, ки равобити дуҷонибаи судманд бо кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар маркази таваҷҷӯҳи коршиносон қарор дошт. Ба ин равобит сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 17 августи соли 2018 ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар зимни он 26 санади давлатӣ ба имзо расид, такони тоза бахшид. Як натиҷаи муҳими ин сафар, ба қавли сарвари давлати

[1] Искандаров А. Государства Центральной Азии в интеграционных процессах / А.Искандаров. – Душанбе, 2006; Искандаров А. Интеграция в Центральной Азии: политические аспекты / А.Искандаров. – Душанбе, 2007.

[2] Бобозода Ф.История становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в период независимости (1991 – 2006гг.): автореферат диссертации кандидата исторических наук / Ф.Бобозода. – Душанбе, 2016. – 26 с.

тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон, имзои Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ байни ду кишвар аст. То ҳоли ҳозир Тоҷикистон танҳо бо Россия, Чин, Эрон, Туркманистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон созишномаҳои шарикии стратегӣ ба имзо расонидааст. Хулоса, равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон имрӯз дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дошта, сокинони ин ду ҳамсоякишварро рӯзҳои нек дар пеш аст.

Дар низоми равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ аз минтақаи Осиёи Миёна, ҷойи дуюмро баъди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷумҳурии Қирғизистон ишғол менамояд. Равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар таърихи 14 январи соли 1993 барқарор шуданд, дар маҷрои ҳамсоягии нек ва дӯстии суннатӣ рушд меёфтанд. Ҳарду ҷониб омодагии пурраро дар рушди минбаъдаи онҳо, робитаҳои байни ҳукуматӣ ва байни идоравиро аз рӯи дастгирии масоили дуҷониба зоҳир мекарданд. Равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон дар даврони истиқлолият дар таърихнигории ватанӣ ба таври кофӣ омӯхта нашуда, таҳқиқоти маҷмӯӣ дар ин самт ҳанӯз вуҷуд надоранд. Бо вуҷуди ин паҳлуҳои гуногуни равобити дуҷонибаи судманд дар чорчӯбаи ИДМ, ҳамкориҳои ҳасанаи иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Қирғизистон дар таълифоти зиёд, аз қабили асарҳои собиқ Т.Назаров[1] ва Ҳ.Зарифӣ[2], ки дар онҳо муаллифон дар қатори масъалаҳои зиёд, борҳо ба масоили муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[3] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[4], инчунин таълифоти бешумори

---

[1] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Минск, 2002; Назаров Т.Н.Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. – Минск, 2003; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2007; Назаров Т.Н. Дипломатияи муосири точик / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2006.

[2] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010; Зарифи Х. Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи. – Душанбе, 2014; Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе, 2012.

[3] История таджикского народа. Т.VI / дар зери таҳрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[4] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / дар зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

З. Сайидзода[1] инъикос гардидааст. Дар асари бунёдии «История таджикского народа»[2] таърихи барқароршавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Қирғизистон дар даврони истиқлолият, ҳамкориҳои судманд ва бисёрсамтаи ин кишварҳо дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи З. Сайидзода самтҳои асосии ҳамкориҳои муштараки ду кишварро «Аҳднома оид ба асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ», ки 12 июли соли 1996 имзо шудааст ва «Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва мушорикат», ки 26 майи соли 2004 ба имзо расида буд, муайян месозанд.[3] Пояҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро 88 аснод, ки дар давраи солҳои 1993-2014 ба имзо расидаанд, ташкил медиҳанд.

Бояд зикр кард, ки дар ҳоли ҳозир, тибқи созишномаҳои ҳосилшудаи миёни ду кишвар, ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, маориф, илм, фарҳанг, варзиш, ҳифзи ҳуқуқ сурат мегиранд. З. Сайидзода тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро дар ҳавзаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бештар дар бахшҳои ҳамлу нақли автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, энергетикаи обӣ, афзорҳои хонадорӣ мебинад. Ба андешаи мавсуф равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии

[1] Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе,2001. – 112 с; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. - Душанбе, 2000. – 162 с; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003. – 224 с; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан / З.Саидов. – Душанбе, 2006.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. - Душанбе, 2005.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2010. – 444 с; Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков, -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2011. – 624 с; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. - 7-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2014.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. - Душанбе, 2015; Сайидзода З.Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[2] История таджикского народа. Т.VI / дар зери таҳрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[3] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С. 96.

Қирғизистон дар заминаҳои фарҳангию инсонӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва дигар самтҳо низ дорои тамоюли мусбат мебошад.[1]

Яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон дар фазои пасошӯравӣ, дар доираи ИДМ Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Равобити Тоҷикистон ва Қазоқистон аз 7 январи соли 1993, ки ҳар ду кишвар созишномаи марбутро ба имзо расониданд, ибтидо мегирад. Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи миёни Тоҷикистону Қазоқистон дар фазои дӯстӣ ва барои тарафҳо муфид сурат гирифта, гарчанде ки таҳқиқоти маҷмӯӣ дар ин самт ҳанӯз вуҷуд надошта бошад ҳам, паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳо дар чорчӯбаи ИДМ, ҳамкориҳои ҳасанаи иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Қазоқистон дар таълифоти зиёд, аз қабили асарҳои Т.Назаров[2] ва Ҳ.Зарифӣ[3], ки дар онҳо муаллифон дар қатори масъалаҳои зиёд, борҳо ба масоили муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[4] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[5], инчунин таълифоти бешумори З. Сайидзода[6] инъикос гардидааст. Доктори илмҳои таърих В.В.Дубовитский дар

---

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С. 98-99.

[2] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Минск, 2002; Назаров Т.Н.Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. – Минск, 2003. - 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2007. - 204 с.; Назаров Т.Н. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2006. – 224 с.

[3] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010; Зарифи Х. Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи. – Душанбе, 2014; Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе, 2012.

[4] История таджикского народа. T.VI / дар зери тахрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[5] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / дар зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

[6] Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе,2001. – 112 с; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. - Душанбе, 2000. – 162 с; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003. – 224 с; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан / З.Саидов. – Душанбе, 2006.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. - Душанбе, 2005.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2010. – 444 с; Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков, -4-е доп. изд. / З.Саидов. -

боби «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и асари бунёдии «История таджикского народа»[1] таърихи барқароршавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Қазоқистонро дар даврони истиқлолият, ҳамкориҳои судманд ва бисёрсамтаи ин кишварҳоро дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди таҳлили амиқ қарор додаст.

Тибқи маълумоти З. Сайидзода бунёди ҳуқуқии равобити Тоҷикистону Қазоқистонро беш аз 75 санад ташкил медиҳанд. Мавсуф равобити ду кишварро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ, гумрукӣ, ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ мусбат арзёбӣ намудааст. Ба андешаи ӯ нуқтаи баландтарини ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон имзои созишнома оид ба «шарикии стратегӣ» дар санаи 14 сентябри соли 2015 ба ҳисоб меравад.[2]

Дар мавриди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолият рисолаҳои номзадӣ низ ба анҷом расидаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии А. Н. Шарипов таҳти унвони «Ҳамкориҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Қазоқистон: с. 1991-2006» («Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана с Казахстаном: 1991-2006 гг.»)[3] ба омӯзиши масоили умда, ба амсоли ҳамкориҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ бахшида шудааст. Тадқиқи заминаҳо, барқароршавӣ ва ташаккулёбии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон яке аз вазифаҳои афзалиятноки таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад. Диссертант

---

Душанбе, 2011. – 624 с; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. - 7-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2014.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. - Душанбе, 2015; Сайидзода З.Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[1] История таджикского народа. Т.VI / дар зери таҳрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[2] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С. 87-88.

[3] Шарипов А.Н. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана с Казахстаном: 1991-2006 гг.: дис. … канд. ист. наук: 07.00.15 / А.Н. Шарипов. – Душанбе, 2011. – 187 с.

махсусан ба саҳми Қазоқистон дар танзими муноқишаи байни тоҷикон тавҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. А. Н. Шарипов ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Тоҷикистону Қазоқистонро дар даврони истиқлолият (то соли 2006) ба се давра ҷудо карда, қайд намудааст, ки дар марҳилаи сеюм ( с. 2001-2006) муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон ба дараҷаи сифатан нав ташаккул ёфт. Ба ақидаи мавсуф ҳанӯз дар соли 2000 Қазоқистон яке аз шарикони асосии тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Мутаассифона, таҳқиқоти мазкур ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистонро то соли 2006 фаро мегирад.

Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Туркманистон яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Равобити ду кишвар аз таърихи 27 январи соли 1993 бо имзо шудани тавофуқнома «Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон ибтидо мегиранд. Дар натиҷаи талошҳои пайвастаи ҷонибҳо муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду кишвар дар самтҳои мухталиф, ба амсоли сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор доранд.

Масоили муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон ба таври амиқ ва шоиста то имрӯз омӯхта нашудаанд ва таҳқиқоти маҷмӯӣ низ дар ин самт вуҷуд надорад. Вале паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳо ҳаддалимкон дар таҳқиқоти муҳаққиқон М.Б.Бобохонов,[1] В.В.Дубовитский,[2] Ҳ. Зарифӣ,[3] А.И.Искандаров,[4] А.М.Мамадазимов,[5] Н.М.Мирзоев,[6] Р.М.Маҳмадшоев,[7] С.Р.Муҳиддинов,[1] Д.Х.Назриев,[2]

---

[1] Бабаханов М.История таджиков мира / М. Бабаханов.–Душанбе:Маориф,1999.-471с.

[2] Дубовицкий В.В. Таджики и таджикистанцы за рубежом / В.В. Дубовицкий, Д.Х. Назриев. – Душанбе: Ирфон, 2012.– 256 с.

[3] Зарифи Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х. Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 456 с.

[4] Искандаров А. И. Родники дружбы (Записки посла) / А. И. Искандаров. – М.: Международные отношения, 2000. – 296 с.

[5] Мамадазимов А. Великий шелковый путь (История становления, расцвета и распада) / А. Мамадазимов. – Душанбе: Сино, 2014. – 384 с.; Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2001. – 360 с.

[6] Мирзоев Н. Становление и развитие взаимоотношений Таджикистана с сопредельными странами зарубежного Востока (1945-1997) / Н.Мирзоев. - Душанбе, 1998.

[7] Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время. Очерки истории хозяйства и

Т.Н.Назаров,[3] Р.Ш. Нуриддинов,[4] М.А.Олимов,[5] З.Ш.Саидов,[6] С.С.Сафаров[7] ва дигарон, ки дар монографияҳо ва мақолаҳои хеш махсусиятҳои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Туркманистонро таҳлил кардаанд, инъикос гардидааст.

---

материальной культуры / Р. Махмадшоев. – Душанбе: Дониш, 2001.–184 с.

[1] Мухиддинов С.Р. Историко-культурный аспект межцивилизационного взаимодействия таджиков и туркменов в Мавераннахре и Хорасана период средневековья / С. Р. Мухиддинов // Материалы международной Межцивилизационное взаимодействие на евразийском пространстве: история, современные тенденции и перспективы (г. Душанбе, 13 февраля 2015 г.) – Душанбе, 2015. – С.150-165.; Мухиддинов С.Р. Таджикско-туркменские отношения (1991- 2001 гг.) / С.Р. мухиддинов // Новые государства Центральной Азии в условиях формирования полицентричного мира: Материалы Международной научной конференции (Душанбе, 16 марта 2017 г.). – Душанбе: РТСУ, 2017. – С. 154-166.

[2] Назриев Д. Республика Таджикистан: История независимости. 1991-й (хроника событий) / Д. Назриев., И. Саттаров. - Душанбе, 2002. – 337 с; Назриев Д. Республика Таджикистан: История независимости. Год 1992-й / Д. Назриев., И. Саттаров. – Душанбе: Полигр. фирме ООО Нур, 2005. – 737 с; Назриев Д. Республика Таджикистан: История независимости. Год 1993-й / Д. Назриев., И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 903 с.

[3] Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.; Назаров Т., Сатторзода А., Современная дипломатия Таджикистана / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

[4] Нуриддинов Р.Ш. Геополитика / Р. Ш. Нуриддинов. – Новосибирск.: СибАГС, 2007. – 184 с: Нуриддинов Р.Ш. Некоторые вопросы становления внешней политики Республики Таджикистан в годы независимости // Р.Ш. Нуриддинов., Т. Негматова // Сиёсати хориҷӣ. – Душанбе.– 2016. №1. – С. 68-84.

[5] Олимов М.А. Конфликты на границах в Ферганской долине: новые причины, новые участники / М.А.Олимов // Россия и новые государства Евразии, № I (XXXIV), НИИ Мировой экономики и международных отношений имени Е.М.Примакова РАН (ИМЕМО РАН). - М., 2017. - с. 21-55; Олимов М.А. Общественное мнение, демократия и авторитаризм в Центральной Азии / М.А.Олимов // Центральная Азия и Кавказ (Журнал социально-политических исследований), Том 17, выпуск 2, 2014, CA&CCPress, Швеция, Luleå, SWEDEN, www.ca-c.orgс. 158-178; Олимов М.А. Афганский фактор в реалиях Центральноазаатского региона / М.А.Олимов // Актуальные вопросы безопасности в Центральной Азии. X Ежегодная Алматинская конференция. Материалы конференции, Казахстанский институт стратегических исследований при Президенте Республики Казахстан. – Алматы, 2012. - с. 37 – 42; Олимов М.А. Внешнеполитические ориентации стран Центральной Азии: новый выбор / М.А.Олимов // Внешнеполитическая ориентация стран Центральной Азии в свете глобальной трансформации мировой системы международных отношений. - Бишкек, 2009.- С.29-33.

[6] Саидов З. Основные тенденции внешней политики Таджикистана на рубеже столетий / З. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2009. – 418 с.; Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З. Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.; Саидов З. Политика открытых дверей / З. Саидов. – Душанбе: Авасто-Шарқи озод, 2003. – 225 с.

[7] Сафаров С. Внешняя политика и ресурсный потенциал Туркменистана в условиях геополитической трансформации ЦАР /С. Сафаров, Г. Джамиева // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2014. – №1 (39). – С.9-24.

Сафири нахустини Тоҷикистон дар Туркманистон А. И. Искандаров таҳқиқоти хешро ба барқароршавӣ ва ташаккулёбии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистон бахшидааст.[1] Муаллиф дар он рӯйдодҳои муҳим ва санадҳои асосии муносибатҳои дӯстонаи ду кишварро тасвир намуда, хулосаҳои хешро дар мавриди муваффақиятҳо ва мушкилоти ин ҳамкориҳои домангустурда дар даврони истиқлолият баён кардааст.

Дар мақолаҳои илмии Ф.Б.Бобоев,[2] Ф. М. Абдурашитов,[3] А.Р.Раҷабов[4] ва К.Х.Раҷабова[5] масоили умдаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркманистон, инчунин алоқаҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва адабии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва туркманӣ баррасӣ гардидаанд.

Бояд зикр кард, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои домангустурдаи Тоҷикистону Туркманистон, махсусан дар доираи кишварҳои узви ИДМ муҳаққиқони туркман низ машғуланд. Дар таҳқиқоти С. Дурдыев[6] ва А. Медведев,[7] баъзе паҳлуҳои ҳамкориҳои густурдаи ду кишвар инъикос гардидаанд.

---

[1] Искандаров А. И. Родники дружбы (Записки посла) / А. И. Искандаров. – М.: Международные отношения, 2000. – 296 с.

[2] Бобоев Ф.Б. Нейтралитет Туркменистана и вопросы развития науки и культуры / Ф.Б.Бобоев // Научно-практической конференции «Нейтралитет Туркменистана: фактор мира, устойчивого развития и конструктивного сотрудничества», проводимой по случаю 20-летия Постоянного Нейтралитета Туркменистана (г.Душанбе, 12.05. 2015). Центр стратегических исследований при Президенте Республике Таджикистан. –Душанбе, 2015.

[3] Абдурашитов Ф.М. Взаимоотношение Таджикистана и Туркменистана в период независимости / Ф.М. Абдурашитов // Научно-практической конференции «Нейтралитет Туркменистана: фактор мира, устойчивого развития и конструктивного сотрудничества», проводимой по случаю 20-летия Постоянного Нейтралитета Туркменистана (г. Душанбе, 12.05.2015). Центр стратегических исследований при Президенте Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015.

[4] Раджабов А. Культурные связи Таджикистана и Туркменистана в годы независимости / А. Раджабов // Научно-практической конференции «Нейтралитет Туркменистана: фактор мира, устойчивого развития и конструктивного сотрудничества», проводимой по случаю 20-летия Постоянного Нейтралитета Туркменистана (г. Душанбе, 12.05.2015). Центр стратегических исследований при Президенте Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015.

[5] Раджабова К. Х. Отношение Махтумкули к персидской–таджикской литературе / К.Х. Раджабова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – 4/3(137). – С. 216-218.

[6]Дурдыев С. Внешняя политика Туркменистана / С.Дурдыев // Туркменистан. - №1-2(106-107), 2014; Дурдыев С. Универсальный язык нейтралитета / С.Дурдыев // Туркменистан. - №12(93), 2013; Дурдыев С. Европа: укрепление плодотворного диалога / С.Дурдыев // Туркменистан. - №8(53), 2009.

[7] Медведев А. Внешняя политика Туркменистана в 2007 году и перспективный прогноз на 2008г. / А.Медведев // http://ia-centr.ru/expert/293/ (дата обращения: 08.08.2018).

Мақолаи дастаҷамъонаи муҳаққиқи туркман А.М.Олжай ва ҳаммуаллифони турки ӯ Э.Эфегил ва Х.Кыдык ба омӯзиши ҳамкориҳои Туркманистон бо созмонҳои байналхалқӣ бахшида шудааст. Дар он масоили гуфтушуниди миёни тоҷикон, ки дар шаҳри Ашхобод баргузор гардида буд, ва сабақҳои он дар таҷрибаи ҷаҳонии сулҳофаринӣ инъикос гардидааст.[1]

Дар таҳқиқоти А. Кичиев, Г.К. Хонмуродова кӯшиш карда шудааст, ки сиёсати бетарафиро дар даврони истиқлолият бо арзишҳои миллии фарҳангии халқи туркман ва сулҳхоҳии он алоқаманд гардонанд. Муаллифон, махсусан ба нақши муҳим доштани сиёсати бетарафии туркманҳо дар муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Туркманистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд.[2]

Дар мақолаи Ҷ. Караҷаев муносибатҳои Туркманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2017 ва нақши Президенти Туркманистон Гурбонгулы Бердымуҳаммадов ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хориҷии кишварҳои хеш аз нуқтаи назари сиёсӣ тафсир гардидааст.[3]

Дар силсилаи мақолаҳои собиқ сафири Фавқулода ва мухтори Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Аманмурадов[4] масоили сиёсати хориҷӣ дар чорчӯбаи нейтралитети туркманӣ, саҳми Туркманистон дар раванди баҳамоии тоҷикон, рушди муносибатҳои дипломатӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо назардошти бунёди алоқаҳои нақлиётӣ миёни ду кишвар таҷассум ёфтаанд.

---

[1]Эфегил Э. Сотрудничество Туркменистана с международными региональными организациями / Э. Эфегил, А.М. Олжай, Х. Кыдык // Центральная Азия и Кавказ. - №5 (11), 2009. - С. 142-158.

[2]Кичиев А. Нейтралитет Туркменистана-гармония национальных духовных ценностей народа и стремительного развития государства / А.Кичиев // Научно-практической конференции. – Ашхабад, 2015.; Ханмурадов Г.Н. Политика нейтралитета и миролюбия исторический выбор независимого Туркменистана / Г.Н. Ханмурадов // Научно –практической конференции. – Ашхабад, 2015.

[3]Караджаев Дж. Визит и взаимовыгодное партнёрство / Дж.Караджаев // turkmenistan. gov. tm/?Id=6413 (дата обращения: 08.08.2018).

[4]Аманмурадов Н. Внешняя политика нейтрального Туркменистана в эпоху нового возрождения /Аманмурадов Н. // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2010. – №2 (25). – С. 100 – 110; Аманмурадов Н. Великий Шелковый путь и транспортная стратегия Туркменистана / Н.Аманмурадов // https: www.obozrevatel. com. (дата обращения: 08.08.2018); Аманмурадов Н.Транспортная политика как имидже образующий фактор внешнеполитической стратегии Туркменистана / Н.Аманмурадов // Научный журнал. - №2, 2016. – С.96-102.

Монографияи Г. Ҷомиева[1] ба раванди ташаккулёбии мавқеи бетарафии Туркманистон ва истиқрори муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Умуман, таҳлили тарихнигории адабиёти мавҷуда гувоҳи он аст, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар заминаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор доранд.

Равобити Тоҷикистон бо кишварҳои дигари ИДМ, аз ҷумла Украина, Белоруссия, Озорбойҷон, Арманистон ва Молдова дар таърихнигории ватанӣ ба таври кофӣ омӯхта нашуда, таҳқиқоти маҷмӯӣ ва алоҳида ҷиҳати равобити пайвастаи Тоҷикистон бо ҳар яке аз ин кишварҳо ҳанӯз вуҷуд надоранд. Зеро ин равобит бо фаъолнокии камтар ба мушоҳида расида, рушди худро танҳо дар соҳаҳои алоҳида пайдо кардаанд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқин ва коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ ба ин масоил таваҷҷӯҳи камтар зоҳир намудаанд. Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳо дар таълифоти Т.Назаров[2], Ҳ.Зарифӣ[3], В.В.Дубовитский[4], З.Сайидзода[5], А.Шарифзода[1], А.Ғафуров[2] инъикос гардидааст.

---

[1]Джамиева Г. Туркменистан в системе международных отношений в конце XX начале XXI веков / Г.Джамиева. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 152с.

[2] Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.; Назаров Т., Сатторзода А., Современная дипломатия Таджикистана / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

[3] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010; Зарифи Х. Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи. – Душанбе, 2014; Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе, 2012.

[4] Дубовицкий В. В. Внешная политика Республики Таджикистан / В. В. Дубовицкий // История таджикского народа. Т.VI.- Душанбе: Империал-Групп, 2011. – С. 590-688.

[5] Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. - Душанбе,2001. – 112 с; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. - Душанбе, 2000. – 162 с; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. - Душанбе, 2003. – 224 с; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан / З.Саидов. – Душанбе, 2006.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. - Душанбе, 2005.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2010. – 444 с; Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков, -4-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2011. – 624 с; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. - 7-е доп. изд. / З.Саидов. - Душанбе, 2014.; Саидов З.

Умуман, таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз афзалияти ҳамкориҳои фароху домангустурда бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад.

---

Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. - Душанбе, 2015; Сайидзода З.Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[1] Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон…(10 ҷилд) / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон / А.Шарифзода, С.Фаттоев, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. –Душанбе, 2013.–336 с.

[1] Шарифзода А. Наҷотбахши миллат / А.Шарифзода, А. Ғафуров. – Душанбе, 2012. – 336 с.

[2] Гафуров А.М. Научные связи Таджикистана и Украины в период независимости / А.М.Гафуров // Муаррих. – 2017. - № 1. – С. 12-21.

## 2.2. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар тадқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ

Самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки санаи 9 сентябри соли 1991 эълон дошта шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон «ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ»[1] ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардида, бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ равобит барқарор намуд. Дар ҳоли имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 51 созмони бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад, ки ногузир мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Вале дар ҳаҷми як параграф таҳқиқи дараҷаи омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кулли созмонҳои байналхалқӣ аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, мо қарор додем, ки таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо чанде аз ин созмонҳои бонуфуз, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол афзалият доранд, баррасӣ намоем.

Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад. Чи тавре маълум аст, СММ – бузургтарин ниҳоди ҷаҳонӣ буда, 193 кишвари дунёро муттаҳид месозад ва ба қавли собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ - Рашид Олимов «дар фаъолияти хеш чор ҳадафро пайгирӣ менамояд: нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди муносибатҳои аҳлона дар байни миллатҳо, татбиқи ҳамкории байналмилалӣ доир ба ҳалли мушкилоти байналхалқӣ ва қарор доштан дар маркази ба мусолиҳат омадани миллатҳо»[2].

Бояд зикр кард, ки 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе намояндагии СММ ифтитоҳ ёфт ва Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз

---

[1] Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – С.10-11.
[2] Алимов Р. Таджикистан – Организация Объединнёных Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы / Р.Алимов. – М.: Международное отношение, 2001. – С.13.

кард. Ҳадафи асосии ин ниҳод таъсир гузоштан ба раванди сулҳхоҳӣ, баҳогузорӣ ба вазъи ҳарбӣ дар кишвар ва бо ин васила вусъат бахшидани раванди сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон буд[1]. Бо туфайли фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар ҷумҳурӣ (21 январи соли 1993 – моҳи майи соли 2000 – МНСММТ (МНООНТ) муқаррароти асосии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон», ки 27 июни соли 1997 ба имзо расида буд, дар амал татбиқ гардиданд.

Таърихнигории сиёсати хориҷӣ, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ-ро инъикос менамояд, фарогири шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо мебошад. Ғановати асарҳои таърихӣ оид ба ин масъала аз мубрамият ва саривақтӣ будани масоили мазкур гувоҳӣ медиҳад. Дар байни осори илмӣ асарҳои олимон ва ҷомеашиносон, ки ба инъикоси фаъолияти СММ дар ба даст омадани сулҳ ва нақши сулҳофарии ин созмон дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ба андешаи иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон нақши СММ дар ҳалли ин муноқиша ниҳоят бузург аст.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати тадқиқи назариявии ташаккули сиёсати хориҷии кишвар, аз ҷумла ҳамкориҳо бо СММ суханрониҳо, паёмҳои ҳамасола ва осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[2] манбаъи арзишманд маҳсуб меёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ доир ба зарурияту аҳамияти пешбурди ҳамкориҳо бо созмонҳои байналхалқӣ дар пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари мо чунин ишора карда буд: "Иштироки густурдаи давлати мо

---

[1] Сотиров В. Роль ООН в достижении и упрочении мира в Таджикистане / В.Сотиров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №2(3). – С. 62-65.

[2] Раҳмон Э. Суханронӣ дар вохурӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 15 марти соли 2013. URL:http://www.prezident.tj/; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.12.2017. http://president.tj/.URL:http://www.prezident.tj/; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.02.2011. http://president.tj/ru/node/4960.

дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд; инчунин имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷалб намояд ”.[1]

Дар ҷилди шашуми асари бунёдии “История таджикского народа” олими шинохта В.В.Дубовитский [2] ҳамкориҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналхалқӣ, бахусус СММ тавсиф намудааст. Муаллиф бо инъикоси амалиётҳои сулҳофарии СММ иктифо накарда, ба тавсифи амалиётҳои ин ниҳоди ҷаҳонӣ ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ дар Тоҷикистон, ки аз давраи ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” то баргузории интихобот (марти с.2000) ба парламенти дупалатагии касбиро фаро мегирад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. В.В.Дубовитский ҷанбаи сулҳофарии фаъолияти СММ-ро ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди Кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) диққати ҷиддӣ додааст. Дар ин бахш санадҳои ҷолиб ҷиҳати талошҳои гуманитарии ЮНИСЕФ, ки ҳанӯз дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ яке аз аввалинҳо шуда ба Тоҷикистон дасти ёрӣ дароз намуда буд, оварда шудааст. Ба ақидаи В.В.Дубовитский ЮНИСЕФ ба ҷумҳурӣ кӯмаки гуманитарӣ ва техникӣ дар шакли доруворӣ, китобҳои дарсӣ барои хонандагон, кӯмаки воқеӣ ҷиҳати танзили бемориҳои сироятӣ, ба амсоли вараҷа, тиф, гепатит ва ғ. расонидааст.

Мавриди қайд аст, ки маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон З. Сайидзода: «Бисёре

---

[1] Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик / зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе, Ирфон, 2013. – С. 24.

[2] Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010гг.) / История таджикского народа. Т. 6. // зери таҳрири Р.Масов. – Душанбе, 2011. – С. 660-669.

аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани мунокишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард»[1]. Дар ҳақиқат таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, накши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Ҷабҳаҳои алоҳидаи ин масоил нахустин маротиба дар таҳқиқоти муштараки Р.Алимов, М.Лебедев ва Э.Касымов таҳти унвони «Таджикистан - ООН: история взаимоотношений» («Тоҷикистон – СММ: таърихи равобити дутарафа»)[2] баррасӣ гардидаанд. Муаллифони ин асари публисистӣ, дипломатҳои касбианд, ки дар ҳодисаҳои тасвир намудаи худ бевосита ширкат варзидаанд. Ин ҳолат ба онҳо имкон додааст, ки динамикаи рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СММ амиқан инъикос намоянд ва аз ҳама муҳим – ба як катор масъалаҳои ҳалталаб баҳои илмӣ диҳанд. Сарфи назар аз он, ки ин асарро таҳқиқоти маҳз ба миссияи сулҳофарии СММ бахшидашуда номидан мумкин нест, бо вуҷуди ин таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар боби таърихи бонизоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Муҳимтарин таълифот, ки оид ба масъалаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва умуман, ҳамкории Тоҷикистону СММ бахшида шудааст, китоби «Таджикистан – ООН» («Тоҷикистон – СММ»)[3] ба ҳисоб меравад. Муаллиф ва мураттиби ин асар низ собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов буда, дар он маҷмӯи маводҳое, ки фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ниҳоди ҷаҳонӣ аз соли 1992 то соли 2000 инъикос мекунанд, гирд оварда шудааст. Дар ин таълифот, инчунин баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои хориҷӣ ва Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ дар Ассамблеяи Генералӣ ва иҷлосияҳои Шӯрои Амнияти СММ ворид

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.170.
[2] Алимов Р. Таджикистан - ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р.Алимов, Э.Касымов, М.Лебедев. –М.: Знак, 1995.
[3] Алимов Р. Таджикистан – Организация Объединнёных Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы / Р.Алимов. – М.: Международное отношение, 2001. –376 с.

гардидаанд. Махсусан кӯшишу талошҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки ин созмони ҷаҳонӣ баҳри хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат ба анҷом расониданд, дар маркази диққат ва таваҷҷӯҳи муаллиф қарор ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бюллетени иттилоотии «Дипломатия Таджикистана» («Дипломатияи Тоҷикистон»)[1], ки аз ҷониби ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, мавқеи хосаро ишғол менамояд. Асоси бюллетенро баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири корҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд. Бахусус, инъикоси баъзе ҷанбаҳои ҳамкориҳои СММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бюллетени иттилоотӣ хеле арзишманданд.

Камбудии ин таълифот дар он аст, ки иттилоот ҷиҳати инъикоси ширкати СММ дар ҳалли масоили байналхалқӣ ва минтақавӣ, ҷанбаҳои гуманитарӣ дар рушди ҳамкориҳо, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир дар он мунтазам нестанд.

Дар таърихнигории тоҷик, ки равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ инъикос намудаанд, асарҳои Э.Раҳматуллоев[2] мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Монографияи ӯ «Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии» («Фаъолияти сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва дурнамои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ»)[3] ба таҳлили илмии муноқишаи байни тоҷикон – ҳамчун рӯйдоди вазнин, зиддиятнок ва фоҷиабор дар фазои пасошӯравӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он ба масоили муҳим, ба амсоли заминаҳои зуҳури ихтилофҳо дар байни ҷонибҳои даргир, нерӯҳои сиёсӣ ва мавқеи ҷойгиршавии тарафҳои

---

[1] Дипломатия Таджикистана. – Душанбе: МИД Республики Таджикистан, 2007-2010.

[2] Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э.Рахматуллаев. – М., 2001; Рахматуллаев Э. Таджикистан и международные организации: реалии перспективы / Э.Рахматуллаев // Интеграция Таджикистана в мировое сообщество: материалы III Международной научно-практической конференции. – Душанбе, 1997.

[3] Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э.Рахматуллаев. – М., 2001.

муқобил, рушди раванди сулҳофарӣ бо иштироки СММ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст.

Дар монографияи дуюми Э.Раҳматуллоев таҳти унвони «Превентивная дипломатия или мираж» («Дипломатияи пешгирикунанда ё хаёли хом»)[1], ки ба муносибати ҷашни 10-солагии имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба табъ расидааст, роҳи тадриҷан ташаккул ёфтани «дипломатияи пешгирикунанда» таҳқиқ гардидааст. Дар андешаронӣ ва хулосабарориҳои хеш, мавсуф ба санадҳои расмии СММ, инчунин ба санадҳо ва маводҳое, ки ба ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои ин ниҳоди бузурги байналхалқӣ марбутанд, такя намудааст.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши бисёрҷонибаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ба номи ин муҳаққиқ алоқаманд аст. Фазолати бекарон, донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, маҳорати пайвастани маводи санадии зиёд бо гузориши масоили ҳалталаб ба Э. Раҳматуллоев имкон доданд, ки асарҳои бунёдӣ дар боби ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди байналхалқӣ таълиф намояд.

Дар баробари таҳлили манбаъҳои тадқиқотие, ки дар дохили кишвар ба анҷом расидаанд, метавон самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибат бо созмонҳои байналхалқӣ муайян намуд. Масалан, дар асарҳои Ҳ. Зарифӣ ва он китобҳое, ки зери назари ӯ нашр шудаанд,[2] омилҳои асосие, ки барои ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш бозидаанд, инчунин муносибатҳои ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ, махсусан ЮНЕСКО таҳлил гардидаанд. Инчунин дар асарҳои дигари ӯ – усулҳо ва ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми он дар сиёсати гуногуни муносибатҳои ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Саҳми намояндагони СММ дар ҳалли мусбати мунокишаи байни тоҷикон

---

[1] Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия или мираж / Э.Рахматуллаев. – М.: КДУ, 2007.

[2] Эмомалӣ Рахмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / зери таҳрири Хамрохон Зарифӣ. - Душанбе, 2012; Зарифи Х. Республика Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х.Зарифӣ. - Душанбе, 2011.

дар асарҳои Ш.С.Саъдиев[1], С. Давлатов[2] ва И. Абдуллоев[3] низ инъикос гардидааст. Дар онҳо таъкид мешавад, ки ҳамкории СММ ва Тоҷикистон дар истиқрори бебозгашти раванди сулҳ дар кишвар унсури асосии фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст, дастовардҳои ноилгардидаи Тоҷикистон дар зимни ҳамкорӣ бо СММ мебошад, ки аз ҷониби аксари таҳлилгарони сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле возеҳ инъикос гардидааст. Масалан, З. Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо тамоми созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, бахусус СММ ботафсил баён намуда, дастовардҳои дар ин самт ноилгардидаи Тоҷикистонро гувоҳи афзоиши обрӯю эътибори кишвар дар арсаи байналхалқӣ арзёбӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ «дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби ин созмони ҷаҳонӣ пазируфта шудани се ибтикори кишвари мо – эълони Соли байналмилалии оби тоза дар соли 2003, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005-2015 ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 – нишонгари обрӯю эътибори афзуни Тоҷикистон дар арсаи сиёсати байналмилалӣ мебошад. Ба шарофати ибтикори Тоҷикистон аст, ки ҳамасола рӯзи 22 март чун Рӯзи байналмилалии об ҷашн гирифта мешавад»[4].

Дастоварди бузурги дигаре, ки Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо давлатҳои форсизабон ба он ноил гаштааст ва аз ҷониби кулли муҳаққиқон инъикос гардидааст, эълон шудани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз мебошад.

---

[1] Саъдиев Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта / Ш.С.Саъдиев // Маводхои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти с. 2012. – Душанбе, 2013, – С. 58-64 (тоҷ.)–С. 204-210 (русӣ), – С. 341-346 (анг.).

[2] Давлатов С. Роль ООН в восстановлении мира в Таджикистане / С.Давлатов // Шоҳроҳи ваҳдат: научно-информационный журнал. – Душанбе, 2003. – С. 34-39; Давлатов С. О национальном примирении / С.Давлатов // Вестник Педагогического университета.- Душанбе, 1997. - №5. – С. 42 - 46.

[3] Абдуллаев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диологе / И.Абдуллаев // Учен. зап. ХГУ. Гуманитарные науки. Вып. №1. – Худжанд, 2013. – С. 100-110.

[4] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.171.

Бояд зикр кард, ки роҷеъ ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва созмонҳои ҷаҳонӣ дигар муҳаққиқони ватанӣ низ таҳқиқот бурда, натиҷаҳои онро қаноатбахш ҳисобидаанд. Масалан, доктори илмҳои таърих Ф. Абдурашитов дар китоби «Феномен таджикского суверенитета»[1] ҳамкорӣ ва равобити густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои ҷаҳонӣ, махсусан бо Созмони Милали Муттаҳид хеле арзишманд арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҷамоаи ҷаҳонӣ тахти сарварии ин ниҳоди байналхалқӣ асосан дар се самт – мубориза алайҳи терроризм, қочоқи моводи мухаддир ва хатарҳои экологӣ амалӣ мегардад[2].

Масоили марбут ба фаъолияти СММ дар соҳаи амнияти минтақавӣ дар мақолаи Ш.Алимов[3] таҷассум ёфтаанд. Муаллиф дар мақолаи хеш маҷмӯи чорабиниҳоеро, ки СММ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи моводи мухаддир дар Тоҷикистон анҷом додааст, инъикос кардааст. Мавсуф қайд менамояд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 1996 16 лоиҳаҳои СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи моводи мухаддир татбиқ гардиданд, 13-тои онҳо бомуваффақият анҷом ёфтанд. Ба андешаи Ш.Алимов яке аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар соли 1999 бо дастгирии СММ таъсис ёфтани Агентӣ ҷиҳати назорат ба гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар равобити хориҷии Тоҷикистон ин ҳамкорӣ бо ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.

6 апрели соли 1993 Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони байналмилалии ЮНЕСКО расман аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 1994, таҳти № 305, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии

[1] Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М.Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.
[2] Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М.Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – С.108.
[3]Алимов Ш. О наркоситуации и мерах по борьбе с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан / Ш.Алимов // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы. – Душанбе, 2010. – С. 92-98.

Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 1994 то моҳи ноябри соли 2015 дар ҷаласаҳои Конфронси Генералӣ, ки дар муддати ду сол як маротиба гузаронида мешавад (аз ҷаласаи 27-ум то 38-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО), иштирок кард ва дар ин росто аз нахустин рӯзҳои ба узвият пазируфта шуданаш то инҷониб муносибатҳои ЮНЕСКО бо Тоҷикистони соҳибистиқлол мустаҳкам мегардад.

Бояд зикр кард, ки масоили мазкур пеш аз ҳама дар китоби дуҷилдаи "Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз", ки зери назари Ҳамрохон Зарифӣ нашр шудааст, амиқ инъикос гардидааст. Дар китоб марҳалаҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ ва рушди дипломатияи тоҷик дар солҳои мавҷудияти идораи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, бахусус дар давраи истиқлолияти давлатӣ, вазъи имрӯзаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО инъикоси худро ёфтаанд. [1]

Баъзе ҷанбаҳои назариявии масоили тадқиқшаванда, ки барои муайян кардани усулу равишҳои ҳамкориҳои кишварҳо бо созмонҳои байналхалқӣ мусоидат мекунанд, дар таълифоти муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои сиёсӣ Р.Ш.Нуриддинов таҷассум ёфтааст.[2]

Бояд қайд намуд, ки маром, ҳадаф, вазифаҳо, механизм ва вижагиҳои фаъолияти ЮНЕСКО дар таълифоти донишманди тоҷик Х. Самиев низ ҳадалимкон инъикос гардидаанд.[3]

Ҳамчунин дар тадқиқоти илмии доктори илмҳои таърих З. Ш. Саидов[4]

---

[1] Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / зери таҳрири Ҳамрохон Зарифӣ // Сиёсати хориҷии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2009.- 296 с.

[2] Нуриддинов Р.Ш. Основы политологии. Учебник / Р.Ш.Нуриддинов. - Душанбе, 2006; Нуриддинов Р.Ш. История государства и права зарубежных стран / Р.Ш.Нуриддинов. - Новосибирск: СибАГС, 2008.

[3] Самиев Х. Муқаддимаи фанни равобити байналмиллал / Х.Самиев. - Душанбе, 2011. – 176 с.; Самиев Х. Равобити байналмиллал. Раҳнамои донишҷӯ / Х.Самиев. –Душанбе, 2012. - 82 с.; Самиев Х. Тақдири таърихии зиёиёни тоҷик / Х.Самиев. - Душанбе , 2014. - 140 с.; Самиев Х. Гуфторҳо дар бораи назарияи равобити байналмилал / Х.Самиев, Т. Муҳитдинов. – Душанбе, 2014. - 251 с.

[4]. Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей».Монография / З.Саидов. – Душанбе, 2015; Саидов З. Таджикистан: Внешняя политика и массовая информация (1993-1995гг.) / З.Саидов. –

масъалаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО васеъ таҳлил гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ЮНЕСКО дар тадқиқоти Т.Н.Назаров[1], В.В.Дубовицкий[2], К.А.Юлдошев[3], А. Шарифзода[4], Р.Қ.Олимов[5], Э.Раҳматуллоев[6], И.К.Усмонов[7] таҳлили худро ёфтаанд. Қобили зикр аст, ки дар адабиёти зикргардида, махсусан марҳалаҳои барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳо бо чунин ташкилоти бонуфузи СММ – ЮНЕСКО самараи сиёсати хориҷии муваффақи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида шудааст.

Тадкиқоти дигар, ки бевосита ба масоили рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва СММ бахшида шудааст, таҳқиқоти лоиҳавии -“Художественно-

---

Душанбе, 1998; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. – Душанбе, 2002; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате. Второе, дополненное издание / З.Саидов. - Душанбе: Авасто, 2001. – 112с.; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 400 с.; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. – Душанбе: Авасто– Шарки озод, 2003. – 225 с.; Саидов З.Современный Таджикистан:актуальные вопросы национального развития в условиях независимости / З.Саидов. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016.– 608 с.; Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А.З.Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2006. – 560 с.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2009. – 418 с.

[1.] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006. – 224 с.; Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.

[2.]Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) // История таджикского народа: В 6 т.- Душанбе, 1998-2011. - Т .6. - С. 615-669.

[3.] Юлдашев К. Эмомали Рахмонов - основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К.Юлдашев. - Душанбе, 2001. - 234 с.

[4.] Шарифзода А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество / А.Шарифзода, З. Косими. - Душанбе, 2011.

[5.] Алимов Р. Дипломатия Таджикистана / Р.Алимов, М.Лебедев, Дж.Шарипова. – Душанбе,1994; Алимов Р. Таджикистан- Китай: Сборник основных документов / Р.Алимов. - Пекин, 2008; Алимов Р.К. Таджикистан-Китай: курсом стратегического партнёрства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества / Р.К.Алимов. - М., 2014; Алимов Р.К. Таджикистан-ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р.К.Алимов, М.С.Лебедев, Э.С.Касымов. - М., 1995; Таджикистан-ООН: Выступления, документы и материалы. 1993-2000 годы / Автор - составитель: Р.К. Алимов.

[6.]Рахматуллаев Э. Миротворчество ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э.Рахматуллаев. – М., 2001.

[7.] Усмонов И.К. Миростроительство в Таджикистане / И.К.Усмонов. – Душанбе, 2006.

эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке" («Таҳаввулоти бадеӣ-эстетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дурнамои рушди истеъдодҳои эҷодӣ дар асри XXI» мебошад, ки ба забони русӣ ва англисӣ нашр гардидааст.[1] Ин маҷмӯа яке аз асарҳои муҳимест, ки дар асоси лоиҳаи ЮНЕСКО ва МФГС (МФГС – Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии кишварҳои ИДМ) ба табъ расидааст. Маводи таҳлилии мазкур ба таърихи санъати бадеии халқи тоҷик, шаклгирии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии сохибистиқлоли Тоҷикистон, низоми таҳсилоти санъати бадеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар мавриди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ таҳқиқоти диссертатсионӣ низ ба анҷом расидаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои густурда инъикос гардидаанд. Дар ин самт, махсусан рисолаҳои номзадии Л.К.Мерганова[2], Б.Г.Нодиров[3], У.А.Мансуров[4], Ф.Ф.Идиев[5], Р.Ю.Новиков[6], Б.Алимов[7], З.Х.Сайфуллоева[8],

---

1. Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке //Аналитический доклад. Подготовлен в рамках пилотного проекта ЮНЕСКО и МФГС «Художественное образование в странах СНГ: развитие творческого потенциала в XXI веке». – Душанбе, 2010. – 320 с.

2 Мерганов Л.К. Урегулирование кофликтов международными организациями на примере Республики Таджикистан: дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / Л.К.Мерганов. - М., 1998.

3 Нодиров Б.Г. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Евросоюза : автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Б.Г.Нодиров. - М., 2011.

4 Мансуров У.А. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправительственными организациями: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / У.А.Мансуров. – М., 2008.

5 Идиев Ф.Ф. Международно-правовые основы участия международных организации в урегулировании межтаджикского кофликта в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Ф.Ф.Идиев. – М., 2011.

6 Новиков Р.Ю. Социально-экономические и экологические проекты ООН для государств Центральной Азии в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Р.Ю.Новиков. – М., 2001.

7 Алимов Б. Социально-экономические и политические процессы в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Б.Алимов. – Худжанд, 2008.

8 Сайфуллаева З.Х. Роль международных организации в стран Содружества в укреплении мира в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / З.Х.Сайфуллаева. – Душанбе, 2007.

У.М.Рашидова[1] -ро ёдрас шудан бомаврид аст, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон ва СММ, ба амсоли нақши сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон, мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир, амнияти минтақавӣ, баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ғайраҳо таҷассум ёфтаанд.

Дигар созмони бонуфузи байналхалқие, ки Тоҷикистон бо он ҳамкориҳои зич дорад, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба ҳисоб меравад. Воқеан, ин созмон нахустин созмони байналхалқист, ки Тоҷикистон ҳанӯз 26 феврали соли 1992 ба он ҳамроҳ шуда буд.

Бояд қайд кард, ки масоили муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар илми таърихнигории тоҷик ба таври ноқис инъикос гардидааст. Ба омӯзиш ва ҷамъбасти илмии таҷрибаи таърихии муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва ин ниҳоди байналхалқӣ, бо сабабҳои носуботии вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва мушкилоти масоили баррасишаванда олимони ҷумҳурӣ танҳо дар даҳсолаи аввали асри XXI пардохтанд. Таҳқиқоте, ки маҳз ба махсусиятҳои муносибатҳои мутақобила ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад. То кунун масоили мазкур объекти таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо мақолаҳои алоҳида, ки дар онҳо ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ таҳқиқ гардидаанд, рӯйи кор омадаанд[2]. Ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои мутақобилаи САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои олимони тоҷик С.И.Шарипов[3], А.Н.Маҳмадов[4], И.К.Асадуллоев[5], Х.М.Умаров[6], Т.Н.Назаров[1],

---

[1] Рашидова У.М. Исторический опыт решения проблем беженцев и внутренних переселенцев в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / У.М.Рашидова. – Душанбе, 2011.

[2] Мансуров У.А. Роль международных организации в урегулировании межтаджикского конфликта / У.А.Мансуров // Роль стран- членов Европейского союза в становлении и развитии Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007. – С. 232-245.

[3] Шарипов С.И. Новая система международных отношений и внешняя политика Таджикистана / С.И.Шарипов // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. - №2. – С. 9-14; Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе / С.И.Шарипов. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С. 243-255.

[4] Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе, 2000; Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ / А.Н.Маҳмадов. – Душанбе, 2010.

[5] Асадуллоев И.К. Национальный интерес Таджикистана / И.К. Асадуллоев, А.Н.Маҳмадов. – Душанбе, 2009.

[6] Умаров Х.У. Глобализация и внешнеэкономические связи Таджикистана / Х.У.Умаров. –

Р.Р.Алиева[2] баррасӣ гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки бо назардошти маҳдудияти имконияти муҳаққиқон, онҳо ҳадафи таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи таърихи муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳониро пайгирӣ намекарданд. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти муаллифони мазкур танҳо баъзе паҳлуҳои ин ҳамкориҳо таҳқиқ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки китобҳо ва мақолаҳои Ҳ.Зарифӣ дар доираи таҳқиқи масоили мазкур хеле ҷолибанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки комёбиҳои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро нишон дода, муваффақиятҳо ва камбудиҳои ин ҳамкориҳоро дар марҳилаҳои мушаххаси ташаккулёбии онҳо баррасӣ намояд. Алалхусус, ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ дар китоби «Таджикистан – ОБСЕ: диалог и сотрудничество» («Тоҷикистон – САҲА: муколима ва ҳамкорӣ»)[3], ки таҳти назари собиқ вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ соли 2009 ба табъ расидааст, инъикос гардидаанд. Дар таълифоти номбурда маводҳое, ки оид ба ҳамкориҳои зичи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА маълумот медиҳанд, мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Бояд қайд кард, ки ин асар нахустин таълифоти маҷмӯи маводҳо роҷеъ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ ва фаъолияти намояндагии он дар ҷумҳурӣ буда, аз 5 боб иборат аст. Дар он марҳилаҳои зуҳур ва фаъолияти САҲА, таърих ва самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин созмони бонуфуз инъикос гардидаанд. Маводҳои китоб хеле арзишманд ва нодиранд. Арзишманд будани маводҳои китоб пеш аз ҳама дар он зоҳир мегарданд, ки муаллифони онҳо мустақиман дар раванди ҳамкориҳои дуҷониба ширкат доштанд ва роҳандозони сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбанд.

---

Душанбе, 2005.

[1]Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н.Назаров. – Минск, 2013.

[2] Алиева Р.Р. Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабилности и безопасности Центральной Азии / Р.Р.Алиева // Учёные записки ХГУ. Серия общественных наук. – Худжанд, 2009. - №2 (18). – С. 101-126.

[3] Таджикистан – ОБСЕ: диалог и сотрудничество / под редакции Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 324 с.

Роҷеъ ба ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону САҲА муҳаққиқони дигар низ, назири Т. Назаров[1], Ҳ. Зарифӣ[2], З. Сайидзода[3], инчунин асари дастаҷамъонаи «История таджикского народа»[4] маълумот додаанд, вале бо мӯҷиби он, ки дар ҳаҷми як параграф мавриди таҳлил қарор додани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст, танҳо бо овардани баъзе фикру ақидаҳои З. Сайидзода иктифо мекунем. Муаллиф дар китоби «Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ», ки як боби алоҳидаи он ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон бахшида шудааст, қайд мекунад, ки Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дафтари намояндагии худро дар Тоҷикистон ҳанӯз 17 феврали соли 1994 боз карда буд, имрӯз ин ниҳоди ҷаҳонӣ «дар Тоҷикистон панҷ дафтар дорад, ки дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм ва Шаҳритус воқеъ мебошанд»[5]. Ба ақидаи ӯ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо «дар се ҳавза – ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ» амалӣ мегарданд[6].

Лозим ба зикр аст, ки дар таърихнигории сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масоили кам таҳқиқёфта, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо САҲА дар риштаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва инчунин дар низоми таъмини амнияти минтақавӣ маҳсуб меёбад. Баъзе масоили мубрами амниятӣ ва муносибатҳои иқтисодии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар асарҳои Т.Назаров[7] ва М.Б.Қаюмов[1] таҳқиқ гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии

---

[1] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

[2] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. – Душанбе: Офсет, 2010. – 352 с.

[3] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[4] История таджикского народа. Т.VI. (Новейшая история) / под редакции Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

[5] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.196.

[6] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.197.

[7] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество /

Ҳ.Зарифӣ таҳти унвони «Проблемы и перспективы взаимоотношений ОБСЕ и Республики Таджикистан в контексте обеспечения региональной безопасности»[2] ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалли мушкилоти амнияти минтақавӣ баррасӣ шудаанд. Вале таҳлили амиқи муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ дар таҳқиқоти монографии Ҳ.Зарифӣ таҳти унвони «Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ»[3] ба анҷом расидааст. Монографияи мазкур аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки муаллиф дар он ба муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар низоми таъмини амнияти минтақавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст.

Дипломати тоҷик Ҳ.Зарифӣ яке аз мутахассисони пешбар дар риштаи амнияти минтақавӣ маҳсуб меёбад. Мавсуф дар таҳқиқоти хеш накш ва аҳамияти САҲА-ро дар рушди эътимоднокӣ, ихтисори яроқ, ширкат дар суботи ҳарбӣ-сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор намудааст. Дар монография накш ва манфиатҳои САҲА дар ҳалли масоили Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистон, инчунин нерӯи ташкилот дар танзими вазъият дар ин минтақаи муҳимми геополитикӣ баррасӣ гардидаанд.

Таҳлили масоили амнияти минтақавӣ дар мақолаҳои Р.Р.Алиева «Сотрудничество Республики Таджикистан с ОБСЕ» («Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА»)[4], «Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабильности и безопасности Центральной Азии» («Ҳамкориҳо бо САҲА ҳамчун ҷанбаи субот ва амнияти Осиёи Марказӣ»)[5], ки, бешубҳа, дар ҷамъбасти таърихи ҳамкориҳои

---

Т.Н.Назаров. – Душанбе, 2004.

[1] Каюмов Н.К. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана / Н.К.Каюмов, Х.У.Умаров. - Душанбе, 2005.

[2] Зарифи Х. Проблемы и перспективы взаимоотношений ОБСЕ и Республики Таджикистан в контексте обеспечения региональной безопасности: автореферат дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / Х.Зарифи. – Душанбе, 2012.

[3]Зарифи Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2011.

[4]Алиева Р.Р. Сотрудничество Республики Таджикистан с ОБСЕ. Сборник статей профессорско-преподавательского состава Худжандского государственного университета / Р.Р.Алиева. – Худжанд: Хуросон, 2006. - №8. – С. 135-138.

[5] Алиева Р.Р. Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабильности и безопасности Центральной Азии / Р.Р.Алиева. – Тамбов: Грамота, 2011. №6 (12). – С. 13-18.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла бо САҲА саҳми муассир ворид кардаанд, мақоми хоса доранд.

Дар мақолаҳои Р.Р.Алиева саҳми САҲА дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон муайян шудааст. Муаллиф ба самаранокии талошҳои миссияи САҲА дар Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар риштаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, пуштибонӣ аз васоити ахбори умум, рушди ҷамоаи шаҳрвандӣ тавассути маърифаткунонии ҷомеа таваҷҷуҳи хоса додааст. Мавсуф ба хулосае омадааст, ки дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар солҳои истиқлолият таҷрибаи бойи ҳамкорӣ, ки дар заминаи шарикӣ, эътимод ва ҳусни тафоҳум бунёд ёфтаанд, фароҳам омад.

Бояд зикр кард, ки масоили ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар риштаи амнияти минтақавӣ дар таҳқиқоти бешумори доктори илмҳои таърих Г.М.Майтдинова[1], мақолаҳои Р.Ҳайдаров[2], С.Комилов[3], С.Шарипов[4] низ инъикос гардидаанд.

Дар диссертатсияи Д. Насретдинов таҳти унвони «Внешняя политика Таджикистана в контексте проблем региональной безопасности Центральной Азии» («Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар чорчӯбаи масоили амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ»)[5] низ афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амнияти минтақавӣ амиқ муайян ва тадқиқ гардидаанд. Боби алоҳидаи таҳқиқот ба ширкати Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ ва дар чорчӯбаи ҳамкорӣ бо САҲА бахшида шудааст. Ҳудудҳои хронологии диссертатсия солҳои 1991-2011, яъне замони барқароршавӣ ва ташаккулёбии

---

[1]Майтдинова Г.М. Проблемы региональной интеграции в геополитических реалиях Центральной Азии / Г.М.Майтдинова // Россия и Центральная Азия в условиях геополитической трансформации: материалы Межд. научной конф. – Душанбе, 2007. – С. 78-88.

[2]Хайдаров Р.Д. Влияние глобализации на процессы формирования внешней политики Республики Таджикистан / Р.Д.Хайдаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. – С. 56-60.

[3] Комилов С. Организация центральноазиатского сотрудничества: формирование, эволюция, перспективы / С.Комилов, А.Абдуназаров, С.Сафаров и др. – Душанбе, 2005.

[4]Шарипов С. Региональная интеграция в контексте усиления геополитического давления / С.Шарипов // Внешняя политика Таджикистана. – Душанбе: МИД РТ, 2011. – С. 123-132.

[5] Насретдинов Д. Внешняя политика Таджикистана в контексте проблем региональной безопасности Центральной Азии: автореф. дис. на соиск. учён. степ. канд. ист. наук: 07.00.15 / Д.Насретдинов. – М., 2013.

самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад.

Д.Насретдинов дар рисолаи хеш қайд менамояд, ки Маркази САҲА дар Душанбе баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ низ ба Тоҷикистон кӯмаки хешро дареғ намедошт. Ба ақидаи ӯ рушди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти ҳарбӣ-сиёсӣ ва гуманитарӣ-ҳуқуқӣ муҳим ва афзалиятнок боқӣ мемонад.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бештар ба худ ҷалб кардааст, ҳамкории Тоҷикистону САҲА дар самти аз маводи тарканда тоза кардани заминҳои сарҳадӣ маҳсуб меёбад. Тибқи маълумоти А.Н.Сатторов, ки дар мақолаи «Сотрудничество Министерства обороны Республики Таджикистан и ОБСЕ по гуманитарному разминированию в Республике Таджикистан» («Ҳамкории Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар самти аз маводи тарканда тоза кардани заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»)[1] овардааст, 25 млн. км-и мураббаъи заминҳои Тоҷикистонро маводи тарканда рӯпӯш карда буд. Ин гуна маводро дар солҳои 90-уми асри XX дар ҷануби мамлакат, қад-қади сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дучор омадан мумкин буд. Дар соли 2000-ум бошад минтақаҳои сарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон низ бо ин гуна мавод рӯпӯш гардиданд. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки дар 15-соли охир бар асари таркиш 277 шаҳрванди Тоҷикистон ба ҳалокат расида, 300 нафар ҷароҳат бардоштанд.[2] Мавсуф инчунин тадорукотеро, ки САҲА ҷиҳати аз маводи тарканда тоза кардани марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида буд, тавсиф кардааст.

Саҳми беназир дар тадқиқи мавзуи мазкур муҳаққиқи тоҷик Д.Ш.Раҷабов, ки дар соли 2010 диссертатсияи номзадии хешро зери унвони «Процесс реализации Конвенции о запрещении противопехотных мин в Таджикистане и её социально-политические аспекты» («Раванди амалигардонии Конвенсия дар бораи манъи

---

[1] Сатторов А.Н. Сотрудничество Министерства обороны Республики Таджикистан и ОБСЕ по гуманитарному разминированию в Республике Таджикистан / А.Н.Сатторов // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы. – Душанбе, 2010. – С. 99.

[2] Сатторов А.Н. Сотрудничество Министерства обороны Республики Таджикистан и ОБСЕ по гуманитарному разминированию в Республике Таджикистан / А.Н.Сатторов // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы. – Душанбе, 2010. – С. 100.

минаҳои зиддипиёдагардӣ дар Тоҷикистон ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсии он»)[1] ҳимоя кардааст, гузоштааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барномаи САҲА дар самти аз маводи тарканда тозакунии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 амалӣ мегардад. Дар диссертатсия маводҳо дар бораи фаъолияти САҲА ҷиҳати амалигардонии барномаи маҷмӯии аз маводи тарканда тозакунии заминҳо истифода шудаанд.

Бояд зикр кард, ки дар инъикоси фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон воситаҳои ахбори умум (ВАУ) низ нақши муҳим доранд. Аз соли 2007 Маркази САҲА маҷалаи «Окно в мир» - ро нашр менамояд, ки дар саҳифаҳои он маводи фаъолияти САҲА-ро инъикоскунанда ба табъ мерасанд. Вале бо мӯҷиби он, ки ин мақолаҳои публисистӣ мақсади тадқиқи илмии мавзуъро пайгирӣ намекунанд, аз таҳлили онҳо худдорӣ мекунем. Бо вуҷуди ин, мақолаҳои дар маҷалаи САҲА ба табъ расида, ки асосан аз ҷониби кормандони Маркази САҲА дар Тоҷикистон таҳия гардидаанд, арзиши муайяни таърихнигориро моликанд.

Дар асоси таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки дар давраи таҳқиқшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА ҳамкории пурсамар ба роҳ мондааст. Ин ҳамкорӣ бо яке аз ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бисёрсоҳа буда, ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологии рушди мамлакатро фаро мегирад. Вале бояд зикр кард, ки новобаста ба он, ки омӯзиши масоили мазкур аҳамияти муҳими амалӣ дорад, то кунун ҳамкориҳои САҲА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ аз лиҳози илмӣ пурра инъикос нагардидаанд ва таҳқиқоти бунёдие, ки фаъолияти бисёрсоҳаи САҲА-ро дар Тоҷикистон фаро гирад, ҳанӯз вуҷуд надорад.

Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) созмони муҳимми минтақавию ҷаҳонӣ буда, аз лиҳози вусъати қаламрав ва гуногунии забону фарҳангу тамаддун яке аз созмонҳои нодир ба шумор меравад ва айни замон дар минтақа ва ҷаҳон нуфузу эътибори бузурге дорад. Дар таъсис ёфтани СҲШ таҳкурсии асосиро фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай», ки дар асоси Созишномаҳо байни Ҷумҳурии Қазоқистон,

---

[1] Раджабов Д.Ш. Процесс реализации Конвенции о запрещении противопехотных мин в Таджикистане и её социально-политические аспекты: автореф. дис. на соиск. учён. степ. канд. полит. наук / Д.Ш. Раджабов. – Душанбе, 2010.

Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи таҳкими чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳад аз соли соли 1996 ва дар бораи ихтисори муштараки қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳад аз соли 1997 ташкил шуда буд, гузоштааст.

15 июни соли 2001 дар шаҳри Шанхай аз ҷониби сарони давлатҳои Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Эъломия дар бораи таъсис додани СҲШ ба имзо расид, ки ин сана то ба имрӯз рӯзи таъсиси СҲШ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз асосгузорони механизми "Панҷгонаи Шанхай" ва яке аз таъсисдиҳандагони СҲШ ба ҳисоб меравад. Иштироки фаъоли Тоҷикистон дар СҲШ ба хотири таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ,

равобити боэътимод ва дӯстона дар байни давлатҳои аъзо ва нозир, инчунин таъмини амнияту оромӣ, рушди устувори иқтисодӣ дар минтақа ва таҳкими робитаҳои фарҳангӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки олимони тоҷик ба омӯзиши масоили марбут ба фаъолияти СҲШ танҳо дар даҳсолаи аввали асри XXI машғул гардиданд. Алалхусус таҳқиқоти олимони машҳур ва дипломатҳо, назири Т.Н.Назаров ва А.С.Сатторов[1], З.Ш.Саидов[2], Ҳ.Зарифӣ[3], Р.К.Алимов[4] ва дигарон дар ин самт хеле арзишманданд. Муаллифони мазкур муътақиданд, ки маҳз фаъолияти бисёрҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккулёбии «Панҷгонаи Шанхай» ҳамчун воситаи ҳалли масоили баҳсноки марзӣ байни Тоҷикистон ва ҶХХ в табдили ин ниҳод ба созмони комилҳуқуқи байналхалқӣ ба таҳкими вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ расонд.

---

[1] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Н.Назаров. – Душанбе: УИ МИД Республики Таджикистан, 2004; Назаров Т. Дипломатияи тоҷик / Т.Н.Назаров, А.С.Сатторзода. – Душанбе, 2006.- 224 с.

[2] Саидов З.Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков / З. Саидов. – Душанбе, 2011; Сайидзода З. Основные тендеции внешней политики Таджикистана в период становления как суверенного и независимого государства (1994-2004) / З.Сайидзода. – Душанбе, 2009.

[3] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. – Душанбе: ООО Офсет, 2010. – 352 с.

[4] Алимов Р. Таджикистан-Китай: сб. основ. док. / Р.Алимов. Пекин, 2008.

Дар асарҳои академик Т.Н.Назаров бештар ба ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, таъкид мешавад, ки ҳалли масоили баҳсноки марзӣ ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои амниятӣ, иқтисод ва савдо, мубориза алайҳи таҳдиди терроризм боис гардид.

Дар таҳқиқоти олимони машҳур, назири Г.М.Майтдинова[1], М.А. Олимов[2], В.А.Ниятбеков ва Ф.Б.Умаров[3], Х.Холиқназаров[4], В.В.Дубовитский[5] ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти СҲШ таҷассум гардидаанд. Саҳми ин муҳаққиқон қабл аз ҳама дар он аст, ки эшон дар таърихнигории ватанӣ нахустин шуда ба омӯзиши масоили алоҳидаи марбут ба фаолияти СҲШ даст задаанд. Дар таҳқиқоти онҳо нишон дода шудааст, ки ташаккулёбии ин созмон дар асоси принсипҳои мушаххас, ки ба таъмини ноилгардии низоми самарабахши ҳамкориҳои муштарак имкон медоданд, воқеияти ҷаҳонишавӣ ва зарурияти муқобилияти якҷоя алайҳи хатарҳои ҷаҳони муосир, ба амсоли терроризм, экстремизм, сепаратизм, инчунин қочоқи маводи мухаддир ва фуруши ғайриқонунии яроқро ба инобат мегирифтанд, тадриҷан сурат гирифтааст.

Нашри маводи конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи «Таджикистан и современный мир» («Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир»), ки аз соли

---

[1] Майтдинова Г.М. ШОС – НАТО: проблемы и сотрудничества / Г.М.Майтдинова // Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы: материалы Международной конференции. – Душанбе, 2006. – С. 38-45; Майтдинова Г.М. Фактор ШОС в системе безопасности Центральной Азии: реалии, векторы развития / Г.М.Майтдинова // Вестник Уральского госуниверситета. – Екатеренбург, 2010. - №3. – С. 25-32.

[2] Олимов М. Проблемы безопасности в Центральной Азии: взгляд на ШОС из Республики Таджикистан / М.Олимов // ШОС и проблемы безопасности в Центральной Азии. – Алматы, 2005. – С. 66-71.

[3] Ниятбеков В.А. Роль ШОС в процессе региональной глобализации / В.А.Ниятбеков, Ф.Б.Умаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2006. - №3 (12). – С.69-75; Ниятбеков В.А. Сотрудничество стран ЦА по обеспечению безопасности в рамках ШОС / В.А.Ниятбеков // Проблемы безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии: материалы Международной конференции. – Душанбе, 2003. – С. 268-282.

[4] Холикназаров Х.Х. Перспективы ШОС по афганскому урегулированию / Х.Х. Холикназаров // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы: материалы Международной научной конференции. – Душанбе, 2010. – С. 82-91.

[5] Дубовицкий В.В. ШОС и проблемы интеграции Среднего Востока: евразийские и атлантические модели / В.В.Дубовицкий // Сотрудничество стран ШОС в сфере безопасности, экономики, водно-энергетических ресурсов, коммуникации, культуры и перспективы её расширения: материалы V Форума ШОС (Таджикистан, Душанбе, 13-14 мая 2010 года). – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 171-186.

2003 аз ҷониби Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ мерасад, ба рушди минбаъдаи таърихнигории масоили умдаи амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла СММ, САҲА, СҲШ-ро таҷассумкунанда кумак намуд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки то соли 2010 дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти ҷамъбастии илмии ба масоили СҲШ бахшидашуда вуҷуд надоштанд. Ин ҳолат пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки «Панҷгонаи Шанхай» дар ибтидо ҳамчун объекти таҳқиқот маҳсуб намеёфт. Вохӯриҳои ҷонибҳо ҷиҳати танзими масоили марзӣ танҳо дар васоити ахбори омма (ВАО) таҷассум меёфтанд. Таълифоти солҳои 1996-1997 дар ВАО-и русии ҷумҳуриҳои нав ахбори иттилоотии кутоҳе мебошанд, ки ба рушди ҳамкориҳои давлатҳои узви «Панҷгонаи Шанхай» баҳои мусбат медиҳанд[1].

Мавриди зикр аст, ки марҳилаи муҳим дар таърихнигории СҲШ ба табъ расидани монографияи муҳаққиқи тоҷик Ш.Бобоев[2] маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти мазкур нахустин монографияи ҷамъбастӣ буда, ба фаъолияти СҲШ дар низоми муносибатҳои байналхалқии Шарқи Миёна бахшида шудааст. Муаллиф дар он ба ҷанбаҳои байналхалқӣ-ҳуқуқии рушди СҲШ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, нақши давлатҳои узви СҲШ-ро дар низоми муносибатҳои минтақавӣ муайян ва усулҳо ва мушкилоти ҳамкориҳоро ошкор сохтааст. Хизмати шоёни муҳаққиқ дар он аст, ки ӯ бори нахуст миқдори зиёди маводи санадии арзишмандро аз бойгониҳо ва манбаъҳои мухталиф мавриди коркарди илмӣ қарор додаст. Омӯзиши манбаъҳо ба муаллиф имкон додаст, ки ду марҳилаи муҳимро дар таърихи маърифати илмии СҲШ ҷудо намояд. Марҳилаи аввал, ба ақидаи Ш.Бобоев солҳои 2001-2005-ро фаро гирифта, аҳамияти илмии омӯзиши СҲШ дар ин давра аз таъсисёбии Форуми ин ниҳод дар соли 2001мубрамият пайдо мекунад. Марҳилаи дуюм аз 22 майи соли 2006 - аз маҷлиси Форуми СҲШ, ки дар

[1]Дубовицкая И.М. Отображение процессов формирования Шанхайской организации сотрудничества в русскоязычных СМИ республики / И.М. Дубовицкая. [Электронный ресурс]. URL: http: // www.iacentr.ru//expert/2799/ (дата обращения: 01.02.2019).
[2] Бобоев Ш. Шанхайская организация сотрудничества в геополитической структуре Среднего Востока / Ш.Бобоев. – Душанбе: Контраст, 2011.

он ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти Форум тасдиқ гардиданд, ибтидо гирифта, то имрӯз идома дорад[1].

Бояд қайд кард, ки монографияи профессор Н.М.Мирзоев «Таджикистан – ШОС: магистраль сотрудничества» («Тоҷикистон – СҲШ: шоҳроҳи ҳамкориҳо»)[2], ки нахустин таҳқиқоти муфассал ҷиҳати таҳлили баъзе ҷанбаҳои ташаккулёбии СҲШ ба ҳисоб меравад, хеле ҷолиб аст. Дар он муаллиф қайд менамояд, ки ин ниҳоди навтаъсис принсипҳои умумӣ, ба амсоли напайвастан ба ягон иттифоқи ҳарбӣ, муқобилият нишон надодан, ба муқобили кишвари сеюм равона нашуданро пайгирӣ намуда, алайҳи терроризм, экстремизм ва сепаратизм нигаронида шудааст. Дар доираи созмон давлатҳои узв на ба иттиҳодияи ҳарбӣ, балки ба ҳамкорӣ дар соҳаи амниятӣ талош меварзанд. Ба ақидаи муаллиф ин консепсияи нави амниятӣ асоси таъсисёбии созмонро ташкил медиҳад.[3]

Масоили ҳамкориҳои бисёрҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СҲШ донишманди тоҷик Худойбердӣ Холиқназар дар монографияҳо ва мақолаҳои бешумори худ тадқиқ намудааст.[4] Мавсуф дар се монография ва чил мақолаи илмӣ ҷанбаҳои муҳталифи фаъолияти СҲШ ва ҳамкориҳои судманду густурдаи Тоҷикистонро бо ин созмони ҷаҳонӣ таҳқиқу барраси кардааст. Муҳаққиқ дар зимни тадқиқи масоили мазкур ба ақидае расидааст, ки дар раванди фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай» ва СҲШ ҷиҳати таҳким ва рушди муносибатҳои судманди давлатҳои узви созмон, пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ бунёд ёфт, ки ба муҳаррики самарабахши мубориза алайҳи терроризм, сепаратизм ва экстремизм, инчунин танзими масоили марзии байни Тоҷикистон ва Хитой табдил гардид.[5]

---

[1] Бобоев Ш. Шанхайская организация сотрудничества в геополитической структуре Среднего Востока / Ш.Бобоев. – Душанбе: Контраст, 2011. – С. 9.

[2] Мирзоев Н.М. Таджикистан – ШОС: магистраль сотрудничества / Н.М.Мирзоев. – Душанбе, 2014.

[3] Мирзоев Н.М. Таджикистан – ШОС: магистраль сотрудничества / Н.М.Мирзоев. – Душанбе, 2014. – С. 44.

[4] Холикназар Х. Сотрудничество мировых держав в Центральной Азии как фактор усиления влияния Китая в регионе / Х.Холикназар // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2010. - №1 (24). – С. 56-60.

[5] Холикназар Х. От «Шанхайской пятёрки» до Шанхайской организации сотрудничества – вчера и сегодня / Х.Холикназар // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2013. - №3 (37). – С. 36.

Яке аз таҳқиқоти ҷолиб, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои муҳимми ташаккулёбӣ, рушд, имконот ва дурнамои СҲШ бахшида шудааст, монографияи Х.Холиқназар «Таджикистан – ШОС: стабильность и процветание» («Тоҷикистон – СҲШ: субот ва инкишоф»)[1] ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланди назариявӣ таълиф гардида, ба маводи зиёди санадӣ асос ёфтааст ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистонро бо СҲШ таҷассум менамояд.

Бояд зикр кард, ки яке аз масъалаҳои муҳимми дар доираи СҲШ баррасигардида ҳалли масоили баҳсноки марзӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои зиёди байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ моҳи августи соли 1999 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой Шартнома оид ба сарҳади давлатӣ ба имзо расид. Шартномаи иловагие, ки моҳи майи соли 2002 ба имзо расида буд, ба ҳалли масоили марзӣ хотима гузошт.

Таҳқиқоти Ҳ.Зарифӣ ва А.С.Сатторов «Таджикистан – Китай: становление государственной границы. История и современность» («Тоҷикистон – Хитой: барқароршавии сарҳадоти давлатӣ. Дирӯз ва имрӯз»)[2] маҳз ба масоили ба танзимдарории масоили марзӣ бахшида шудааст. Муаллифони таҳқиқоти мазкур дар асоси маводи зиёди бойгонӣ тамоми раванди ба танзимдарории масоили марзиро миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ дар доираи «Панҷгонаи Шанхай» инъикос намудаанд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки дар ибтидои ҳазорсолаи нав панҷ давлати Осиёи Марказӣ ва Россия дар доираи СҲШ тамсилаи муносибатҳои байналхалқии ба принсипҳои боварӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳусни тафоҳум асосёфтаро бунёд намуданд ва тадриҷан аз танзими масоили марзӣ ба баррасии муштараки масоили амниятӣ, иқтисодӣ ва ҳамкории фарҳангӣ гузаштанд, ки дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳадалимкон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

---

[1] Холикназар Х. Таджикистан – ШОС: стабильность и процветание / Х.Холикназар. – Душанбе, 2013. – 248 с.

[2] Зарифи Х. Таджикистан – Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи, А.С.Саттаров.–Душанбе: Ирфон, 2014.-704 с.

Давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дигар созмонҳои байналхалқӣ – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО), Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ) ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) ҳамкорӣ ва равобити густурда дорад, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва таҳлилгарони сиёсати хориҷӣ ҳадалимкон инъикос гардидаанд.

Ҳамин тавр,  баъд аз таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, ки самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад, таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд.

## 2.3. Масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI

Яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ мебошад. Дар ин ҷода Тоҷикистон ҳам дар чорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва ҳам дар чорчӯбаи ҳамкориҳои расмии дуҷониба сиёсати хешро пеш аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, бо кишварҳои форсизабони минтақа – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, инчунин бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҳиндустон амалӣ месозад.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи татбиқи сиёсати минтақавии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ба таври комил омӯхта нашудааст. Таълифоти маҷмӯӣ ва алоҳида дар ин ҷода ҳанӯз вуҷуд надорад. Аммо паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯъ аз ҷониби муҳаққиқон тадқиқ гардида, дар асарҳои онҳо инъикос гаштаанд.

Мавриди зикр аст, ки роҳандозии сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлолият, пеш аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] инъикос гардидааст. Дар солҳои 1991-1992 Тоҷикистон ба таҳкими сохтори давлатӣ ва дарёфти мавқеи хеш дар арсаи байналмилалӣ машғул буд, вале ҷанги шаҳрвандӣ ин равандро амалан қатъ намуд. Маҳз Эмомалӣ Раҳмон дар низоми давлатдории

---

[1] Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов / Э.Рахмон. - Лондон, 1999; Раҳмон Э. Точикистон: дар рохи чомеаи мутамаддин / Э.Раҳмон. - Душанбе, 1996; Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах / Э.Раҳмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996 г., январь / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с; Рахмон Э. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

тоҷикон давраи наву сифатӣ ба вуҷуд оварда, раванди мазкурро аз нав оғоз бахшид ва тавсеа дод. Ӯ дар мурочиатномаи аввалини хеш ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1992 принсипҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷиро изҳор намуд, ки дар он принсипи «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама бо Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон»[1] нақши муҳим дошт. Яъне зарурати ба роҳ мондани равобити ҳасана бо кишварҳои минтақа ва авлавияти минтақавии сиёсати хориҷиро сардори давлат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани худ таъкид намуда буд.

Сарвари давлат бо назардошти он, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гузаштаи начандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, 30 сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид кардааст[2].

Авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баромадҳои сардори давлат ҳамчун муайянкунандаи самти сиёсати хориҷии кишвар ва асноди марбут ба он инъикос гаштааст.

Маҳз бо назардошти боло рафтани мақоми минтақа ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он Э.Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2000-ум вазифаи танзими консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ-ро гузошт. Бо қарори Коллегияи Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18 июни соли 2001 гурӯҳи корӣ таъсис ёфта лоиҳаи санади мазкурро омода намуд, ки 24 сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ гардид. Дар ин санад, дар бахши «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳури Тоҷикистон» оид ба бартарияти минтақавӣ таъкид

[1] Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й / Д.Назриев, И. Сатаров. - Душанбе, 2005, - С. 56.
[2] Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005.- С.10.

гардидааст[1].

Сарвари давлати тоҷикон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ дар самти муносибат бо кишварҳои минтақа чунин таъкид намуданд: «Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем»[2].

Дар консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти минтақавии сиёсати хориҷӣ чунин инъикос гаштааст: Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дӯстӣ, некӯҳамсоягӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар буда, ҳадафи эҷоди навори эътимоду амниятро дар тӯлу марзи кишвар пайгирӣ мекунад. Ин сиёсат дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла масоили сарҳадӣ ва обу энергетика ба ҳалли осоиштаи онҳо ба воситаи музокироту гуфтушунидҳо, ҳусни тафоҳуми ҷонибҳои дахлдор ва эътирофи усули баробарӣ ва тақсимнопазирии амният дар минтақа такя мекунад. Дар низоми равобити байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамҷавор мақоми авло доранд. Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбӣ, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии ҶТ доштани равобити ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯлу марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳо ба шумор меравад[3].

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеша намуда, дар ҳалли

---

[1] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 68.
[2] Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 15.03.2013. http://www.president.tj/node/4113.
[3] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. – С.110.

мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, ба шумули масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҳама гуна фишор худдорӣ намуда, бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунидҳо афзалият диҳад. Гузашта аз ин вай бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоӣ иқдом мекунад ва саҳм мегирад[1].

Маҳз ин нуктаҳо дар сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат Э. Раҳмон инъикос мегардад, ки ба таҳкими равобити минтақавӣ, дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва таъмини амният дар он даъват менамояд. «Тоҷикистон чунин мешуморад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли ҳамаи мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ, муқовимати муассир бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмин кардани сатҳи рушди сифатан нав ҳамаи захираву имкониятҳоро дорад.

Амалӣ намудани барномаҳои хислати минтақавидошта дар бахшҳои энергетикаву алоқа, нақлиёту коммуникатсия ва эҷоди технологияҳои нав барои афзоиши имкониятҳои мо, ба минтақаи амну субот ва рушд, майдони ҳамкориҳои созандаву мутақобилан судманд, мубаддал гаштани Осиёи Марказӣ, ки ба боло бурдани некӯаҳволии мардумони мо ва пешрафти минтақа нигаронида шудаанд, шароит фароҳам хоҳанд овард»[2].

Президенти кишвар барқарор намудан ва тавсеа бахшидани муносибатҳои муштараку судмандро бо давлатҳои форсизабони минтақа низ зарур ҳисобида, дар асарҳои хеш бештар ба гузаштаи таърихии халқи тоҷик ва саҳми он дар пайдоиш ва рушди минбаъдаи тамаддуни қабилаҳои ориёӣ – аҷдодони тоҷикон ва эрониҳо диққати махсус додаast. Сарвари давлат махсусан муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии исломии Эрон афзалиятнок ҳисобида, дар мусоҳибаи хеш бо нашриёти британии «Арбоби давлатии ҷаҳонӣ» моҳи январи соли 1996 чунин қайд мекунад: «Бо назардошти он, ки Эрон нерӯи басандаи иқтисодии таъсиргузорӣ ба кишварҳои минтақа дорад ва ин, ки Эрон метавонад яке аз шарикони асосии тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бошад, мо дар оянда низ

[1] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. – С.110.
[2] Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ вобаста ба 20-солагии бетарафии Туркманистон.- 12.12.2015.http://www.president.tj/node/10464.

баҳри устуворӣ ва густариши минбаъдаи муносибатҳо бо ин кишвари дӯсту бародар ҳамаҷониба кӯшиш хоҳем кард»[1].

Монографияи муштараки Т. Назаров ва А. Сатторзода[2] фарогири назарияҳои консептуалии арзишманд дар боби ташаккул ва рушди дипломатияи тоҷик баъд аз ба даст омадани истиқлолият мебошад. Дар он муаллифон консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, татбиқи сиёсати минтақавӣ ва муносибатҳои муштараку судманди Тоҷикистонро бо давлатҳои ҳамсоя инъикос намудаанд.

Яке аз бобҳои ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа», ки ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аз ҷониби муҳаққиқи намоён В.В. Дубовитский[3] ба анҷом расидааст, нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад. Дар он муаллиф қайд кардааст, ки ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст омадани истиқлолият афзалиятҳои геополитикии мамлакат муайян гардида, самтҳои асосии фаъолият дар муносибатҳои хориҷӣ ташаккул ёфтанд. Ба ақидаи ӯ самти асосӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бемайлони муносибатҳои дуҷониба ва бисёрсамта бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама Федератсияи Руссия ва кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна: Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон ба ҳисоб меравад[4].

Маълумоти нисбатан васеъ ва маҷмӯиро дар боби роҳандозии сиёсати минтақавӣ аз асарҳои З. Саидов[5] пайдо кардан мумкин аст. Ӯ инчунин дар китоби

---

[1]Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996 г., январь / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – С.263.

[2] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

[3] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

[4] Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.619.

[5] Саидов З.Ш. Внешняя политика Президента Э. Рахмона / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2000. – 226 с.; Саидов З.Ш. Актуальные аспекты внешнеполитического механизма и международной

«Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей»[1] ва «Фаъолияти байналмилалии пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ»[2] ба ин масъала бори дигар рӯ оварда, бо назардошти гузаштаи таърихӣ, пеш аз ҳама ба равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ диққати бештар додааст. Муаллиф барқароршавии муносибатҳои солим, дӯстона ва густурдаро бо кишварҳои ҳамсояи минтақа низ то як дараҷа инъикос менамояд. Аммо дар китобҳои ӯ, бо мӯҷиби он, ки онҳо маҳз ба ин мавзӯъ бахшида нашудаанд ва муаллиф эҳтимол дар оянда ин мавзӯъро пайгирӣ намояд, масъалаи роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистон амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ нагардидааст.

Силсилаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии А. Шариповро, ки дар ҳаммуаллифӣ бо С. Фатоев, С. Шамсиддинов ва З. Сироҷов таълиф гардидаанд, ёдрас шудан ба маврид аст. Дар онҳо муаллифон сиёсати дохилӣ ва хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дақиқназарона таҳлил намуда, масоили марбут ба сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ баррасӣ намудаанд[3].

---

деятельности Республики Таджикистан / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005 гг.) / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2006; Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Республики Таджикистан на рубеже веков / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Сабуров А. Таджикистан на рубеже реализации национальных интересов на международной арене / А.Сабуров, З.Саидов. - Душанбе, 2005. – 86 с.; Сайидзода З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Сайидзода. - Душанбе, 2009. – 154 с.

[1] Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. – Душанбе, 2015. – 346 с.

[2] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[3] Шарипов А. Э.Рахмон – спаситель. Серия книг / А.Шарипов, С.Фатоев, С.Шамсиддинов, З.Сироджев. - Душанбе, 1996-1999; Шарипов А. «Э. Рахмон - наш Президент!» / А.Шарипов.- Душанбе, 2006. - 26 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳалаи созандагӣ. (7 китоб) / А.Шарифзода, З.Қосимӣ, С.Фатоев, С.Шамсиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. - 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.

Бояд зикр кард, ки муҳимтарин ҳавзаи ҳамкориҳои Тоҷикистон барқарор намудани равобити дӯстона бо кишварҳои минтақа аст, ки бо ҳадафҳои геополитикии мамлакат низ мутобиқат мекунад. Аз ҷониби дигар, барқарор намудани муносибатҳои дӯстона бо халқу миллатҳои маскуни минтақа барои таъмини бехатарии ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст. Муҳаққиқ Ф. Абдурашитов дар китоби хеш «Феномен таджикского суверенитета»[1] маҳз ин масъаларо тадқиқ намуда, қайд мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати минтақавӣ мавқеи хос ва тағийрнопазири худро дорад. Ҷониби Тоҷикистон ягона роҳи ҳалли ҳама гуна масъалаҳои баҳснок ва муноқишавии Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла минтақаи ҷангзадаи Афғонистонро танҳо дар гуфтушунид мебинад[2].

Бояд зикр кард, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри ба таҳти нуфузи худ даровардани ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ давлатҳои абарқудрати дунё (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Халқии Чин, Федератсияи Россия) ва минтақа (Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия) талош меварзиданд. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро зарур буд, ки ба хотири таъмини амнияти минтақа ба як ниҳоди воҳиди сиёсӣ ва иқтисодии нав муттаҳид гарданд. Чунин ниҳоди сиёсӣ созмони ба тозагӣ бунёдёфтаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) маҳсуб меёфт. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо назардошти гузаштаи на чандон дури таърихӣ, ки онҳоро умумияти ягонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ муттаҳид месохт, ҳанӯз 21 декабри соли 1991 ба узвияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил гардиданд. Акнун Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар чорчӯби ИДМ ва ҳам дар чорчӯби муносибатҳои дутарафа ҳамкориҳои судманду пурсамарро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз кард. Афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чорчӯби ИДМ, чӣ тавре ки ишора рафт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 сентябри соли 1994 ёдрас шуда буд. Сарвари давлат ду самти афзалиятноки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар

[1] Абдурашитов Ф. М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М. Абдурашитов. -Душанбе, 2017. – 148 с.
[2] Абдурашитов Ф. М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М. Абдурашитов. -Душанбе, 2017. – С.109.

чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъкид кард, ки манзури ӯ муносибатҳои судманду густурда бо Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ буд.

Муносибатҳои дутарафа ва бисёрсамта (дар чорчӯби созмонҳои минтақавӣ) – и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ дар аксар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст. Дар ин росто қабл аз ҳама ҷилди VI –уми асари бунёдии «История таджикского народа»[1], асарҳои З. Саидов[2], силсилакитобҳои дар ҳаммуаллифӣ эҷод намудаи А. Шарипов[3] ва бисёр дигаронро ёдрас шудан бомаврид аст.

Дар боби ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои форсизабони минтақа, аз ҷумла бо Ҷумҳурии исломии Эрон низ як қатор асарҳо рӯи кор омадаанд. Бояд қайд кард, ки Эрон аввалин кишваре буд, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва намояндагии дипломатии хешро ҳанӯз моҳи январи соли 1992 дар Душанбе ифтитоҳ бахшид. Ин иқдом пеш аз ҳама ба умумияти забонӣ, маданӣ ва динӣ доштани ду халқи бародар вобастагӣ дорад. Бо назардошти ин нукта муҳаққиқони тоҷик низ ба масъалаи ҳамкориҳои

---

1 Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) / В.В.Дубовицкий // История таджикского народа. В 6 томах.Т.6.- Душанбе: Дониш, 1998-2011.- С.615-669.

2 Саидов З.Ш. Внешняя политика Президента Э. Рахмона / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2000. – 226 с.; Саидов З.Ш. Актуальные аспекты внешнеполитического механизма и международной деятельности Республики Таджикистан / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005 гг.) / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2006; Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Республики Таджикистан на рубеже веков / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Сабуров А. Таджикистан на рубеже реализации национальных интересов на международной арене / А.Сабуров, З.Саидов. - Душанбе, 2005. – 86 с.; Сайидзода З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Сайидзода. - Душанбе, 2009. – 154 с.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. – Душанбе, 2015. – 346 с.; Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

3 Шарипов А. Э.Рахмон – спаситель. Серия книг / А.Шарипов, С.Фатоев, С.Шамсиддинов, З.Сироджев. - Душанбе, 1996-1999; Шарипов А. «Э. Рахмон - наш Президент!» / А.Шарипов.- Душанбе, 2006. - 26 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳалаи созандагӣ. (7 китоб) / А.Шарифзода, З.Қосимӣ, С.Фатоев, С.Шамсиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. - 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.

Тоҷикистону Эрон таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намудаанд. Дар байни таълифоте, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, асарҳои мутахассиси таърихи муосири Эрон Н. М. Мирзоевро ёдрас шудан ба маврид аст. Ӯ дар таълифоти хеш дар асоси манбаъҳои муътамад, адабиёт ва маводҳои воситаҳои ахбори умум равандҳои гуногунсоҳаи ҳамкориҳои ин кишварҳоро инъикос намудааст. Китоби аввали муаллиф «Тоҷикистон – Эрон: шоҳроҳи ҳамкориҳо»[1] ном дошта, боби аввали он ба таърихи барқароршавии ҳамкориҳои Тоҷикистони Шӯравӣ ва Эрон бахшида шудааст. Боби дуюм маҳз масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро дар замони муосир инъикос менамояд. Дар ин боб, дар асоси санадҳои зиёд ва маводҳои муътамад, ки аз фондҳои гуногуни бойгониҳо ва матбуоти даврӣ ба даст омадаанд, муҳаққиқ тавонистааст, ки марҳилаҳои асосӣ ва роҳҳои барқароршавию густариши дуҷонибаи иқтисодӣ ва алоқаҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Эронро муайян намояд.

Китоби дуюми Н. М. Мирзоев «Таджикистан и страны Востока»[2] ном дошта, соли 2010 ба табъ расидааст. Муаллиф ду боби охири онро ба масъалаи муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Ҷумҳурии Исломии Эрон бахшида, дар асоси сарчашмаҳои муътамад тавонистааст, ки раванди инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникии ин кишварҳоро инъикос намояд.

Зафар Сайидзода низ дар китоби хеш таҳти унвони «Фаъолияти байналмилмилалии пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ» ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистонро бо кишварҳои форсизабон, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Эрон мавриди таҳлил қарор додаст[3]. Гарчанде, ки ин таълифот маҳз ба масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон бахшида нашуда бошад ҳам, муаллиф тавонистааст, ки барқароршавӣ ва паҳлӯҳои гуногуни рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии

---

[1] Мирзоев Н.М. Тоҷикистон – Эрон: шоҳроҳи ҳамкориҳо / Н.М.Мирзоев. – Душанбе, 1998.
[2] Мирзоев Н.М. Таджикистан и страны Востока (учебное пособие) / Н.М.Мирзоев. – Душанбе, 2010. – 140 с.
[3] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.112-117.

Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос намояд. Ӯ барҳақ ҳамкориҳои гуногунсоҳаи Тоҷикистону Эронро хеле арзишманд арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки рушду тавсеа ёфтани ҳамкориҳо дар оянда низ ба манфиати ҳар ду ҷониб аст. Зеро барои Эрон муҳим аст, ки «як такягоҳи форсизабон дар минтақаи Осиёи Миёна, ки умдатан туркзабон аст, дошта бошад. Барои Тоҷикистон низ ҳамкорӣ бо Эрон муфид аст, зеро кишвари мо ба сармоягузориҳо, аз ҷумла дар тарҳҳои бузурги зербиноӣ, ниёз дорад»[1]. Дар ҳақиқат, Эрон аз назари сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеи хоса дорад. Сайидзода оид ба ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Эрон сухан ронда, қайд менамояд, ки «дар чанд соли охир байни ду кишвар беш аз 100 мувофиқатнома дар бораи ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталиф ба имзо расидаанд. Тарҳҳои бузурге, аз ҷумлаи неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ва тунели Анзоб, ки то имрӯз аз ҷониби Эрон иҷро шудаанд»,[2] нишонгари устувории равобити иқтисодии ду кишваранд. Ба қавли муаллиф қарор аст, ки дарояндаи наздик чанд тарҳи тоза ва муҳим аз қабили «неругоҳи барқи обии «Айнӣ» бо зарфияти 150 МВт ва неругоҳи хурди барқи обӣ дар рӯди Искандардарё бо зарфияти 22 МВт сохта шаванд»[3].

Самти дигари ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон равобити илмию фарҳангии ду кишвар мебошад, ки аз ҷониби Сайидзода дар таълифоти мазкур амиқан таҳлил гардидааст. Ба ақидаи ӯ ҳамкорӣ дар ин ҳавза бештар дар «табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ» [4] амалӣ мегардад.

Таълифоти ҷолиби дигаре, ки фарогири масъалаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон буда, таҳти унвони «Ирано-таджикское сотрудничество в

---

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.115.
[2] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.113.
[3] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.114.
[4] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.116.

конце XX – начале XXI вв.»[1] ба табъ расидааст, ба қалами муҳаққиқи барҷаста Р. А. Абулҳаев тааллуқ дорад. Муаллиф дар асоси нашрияҳои қаблӣ, сарчашмаҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои дар сатҳи давлатӣ ба имзо расида ва маводҳои воситаҳои ахбори умум махсусиятҳои барқароршавӣ ва инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-фарҳангӣ, инчунин бунёди объектҳои саноатию роҳсозӣ ва дигар лоиҳаҳои муштараки Эрону Тоҷикистонро дар охири асри XX – ибтидои асри XXI инъикос намудааст.

Бояд зикр кард, ки муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон низ аз назари муҳаққиқон берун намонда, дар аксар таҳқиқот мавриди таҳлили воқеъбинона қарор гирифтааст. Масалан, муҳаққиқи тоҷик Қ. Расулиён таҳқиқоти худро таҳти унвони «Нигоҳе ба алоқаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ваҶумҳурии Тоҷикистон»[2] маҳз дар ин мавзӯъ ба анҷом расонида, дар он маводи зиёд оид ба алоқаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон гирдоварӣ намудааст. Илова бар ин, муаллиф масоили гуногуни марбут ба алоқаҳои фарҳангии ду кишварро дар соҳаи санъат, адабиёт ва илм хеле дақиқназарона таҳлил менамояд. Дар таҳқиқот инчунин нақши ниҳодҳои фарҳангӣ ва институтҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон дар рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI инъикос гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки ба таҳқиқи муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дар як вақт олимон ва муҳақиқони Ҷумҳурии Исломии Эрон низ машғуланд. Дар монографияи муҳаққиқи эронӣ Хома Аббасиан «Иран и Таджикистан: пятнацать лет взаимовыгодного сотрудничества»[3] масоили мухталифи ҳамкории Тоҷикистону Эрон хеле муфассал ва амиқ инъикос гардидааст. Муаллиф дар таълифоти хеш дар асоси манбаъҳо ва маводҳои гуногун, инчунин адабиёти мавҷуда бисёр масъалаҳои ба ҳамкории ду кишвар марбут бударо мавриди таҳлил

[1] Абулхаев Р.А. Ирано-таджикское сотрудничество в конце XX – начале XXI вв. / Р.А.Абулхаев. – Душанбе, 2017. – 232 с.
[2] Расулиён Қ. Нигоҳе ба алоқаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Расулиён. – Душанбе, 2010.
[3] Аббасиан Х. Иран и Таджикистан: пятнацать лет взаимовыгодного сотрудничества / Х.Аббасиан. – Душанбе: Ирфон, 2006.

қарор додааст. Дар қатори чунин масъалаҳои муҳим, аз қабили мавқеъ ва нақши Ҷумҳурии Исломии Эрон дар раванди ба даст омадани сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифи рисолаи мазкур инчунин ба раванди барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳангӣ дар байни ду кишвар диққати бештар додаст. Вале бояд қайд кунем, ки ин таълифот раванди ҳамкориҳои ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро танҳо то соли 2006-ум фаро мегирад.

Лозим ба зикр аст, ки дар масъалаи рушди муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаҳои номзадӣ низ таълиф гардидаанд. Яке аз чунин рисолаҳо таҳқиқоти донишманди эронӣ Муртазо Маҳмудӣ мебошад, ки ба масъалаи «Состояние и перспективы сотрудничества Таджикистана и Ирана в конце XX – начале XXI веков» (Вазъият ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Эрон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI)[1] бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки рисолаи мазкур таҳқиқоти комил ва ҷиддӣ буда, дар он тамоми адабиёти фарогири масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон таҳлил гардидаанд. Муаллиф дар ин таҳқиқот дар асоси консепсияи нав ва маводу манобеъи дастрас, инчунин назари интиқодӣ ба адабиёти таърихӣ хулосаи дурусти илмӣ бардоштааст. Ба ақидаи ӯ халқҳо ва миллатҳои давлатҳои тозаистиқлол, аз ҷумла Тоҷикистон, дар асnои ҷустуҷӯи ҳуввияти миллии хеш дар шароити фазои холии идеологӣ, ногузир ба ҷустуҷӯи арзишҳои ғоявӣ-фарҳангӣ дар таърих, фарҳанги қадима, анъанаҳо ва дини хеш пардохтанд.

Муҳаққиқ Муртазо Маҳмудӣ дар боби омӯзиши масоили марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI як силсила мақолаҳои илмӣ низ таълиф намудааст. Яке аз мақолаҳои ӯ зери унвони «Диалог и дипломатия: таджикско-персидский язык и литература и их влияние на культурное и политическое сотрудничество двух стран»[2] ба омӯзиши масоили таъсири забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва

[1] Махмуди М. Состояние и перспективы сотрудничества Таджикистана и Ирана в конце XX – начале XXI веков: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Махмуди. - Душанбе, 2012.
[2] Махмуди М. Диалог и дипломатия: таджикско-персидский язык и литература и их влияние на культурное и политическое сотрудничество двух стран / М.Махмуди // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отдел общественных наук. – Душанбе, 2010. - №3. – С.20-28.

сиёсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудааст. Мақолаи дигари муҳаққиқ «Стратегические интересы Ирана и России в Таджикистане»[1] ном дошта, дар он муаллиф масъалаҳои манфиатҳои стратегии Эрон ва Россияро дар Тоҷикистон, инчунин зарурияти таъмини амнияти минтақаро таҳлил намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ба ғайр аз умумияти забонӣ ва фарҳангӣ, инчунин умумияти динӣ низ омили хеле муҳим дар барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон маҳсуб меёбад. Ин аст, ки муҳаққиқ Неъматов И. рисолаи номзадии худро маҳз дар ин мавзӯъ: «Исламский фактор во взаимоотношениях Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.)»[2] таълиф намудааст. Дар рисола муаллиф бо далелу асноди раднопазир исбот кардааст, ки умумияти динӣ ҷиҳати рушду устуворшавии минбаъдаи муносибатҳои судманди байни ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

Таҳқиқоти дигаре, ки ба масоили марбут ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудааст, рисолаи номзадии муҳаққиқи эронӣ Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим таҳти унвони «Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.)»[3] мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили маҷмӯӣ ва баррасии раванди барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои байни ҳамдигарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар зимни таҳлили муносибатҳои ду кишвар барҳақ ба хулосае меояд, ки рушди бемайлони муносибатҳои Тоҷикистону Эрон бештар

[1] Махмуди М. Стратегические интересы Ирана и России в Таджикистане / М.Махмуди // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции «Формирование системы колониальной безопасности государств Центральной Азии в форме региональных союзов».– Душанбе, 2008. – С.98-100.

[2] Неъматов И. Исламский фактор во взаимоотношениях республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.): дис. на соиск. учён. степ. канд. ист. наук / И.Неъматов. – Душанбе, 2016.

[3] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.): дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Қ.М.Э.Ҳафтеҳ. – Душанбе, 2016.

ҷанбаи фарҳангӣ дошта, ба умумияти забонӣ ва эҳсоси мансубият ба олами форсизабонон асос ёфтааст. Аз ҷониби дигар, ба ақидаи муаллиф, дар Тоҷикистон ва Эрон ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи ҷамъиятӣ худро ворисони фарҳанги бои қадимаи ориёӣ меҳисобанд. Эрон бо назардошти ин умумияти сарнавишти таърихии ду халқи бародар, дар солҳои бархӯрди сиёсӣ (1991-1997) ва солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ба Тоҷикистон кӯмак кард, ва аз ҷониби дигар асоситарин шарики сиёсӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт[1], ки мо низ ин мавқеи муҳаққиқро комилан ҷонибдорем.

Муаллифи таълифоти мазкур масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро дар чорчӯби созмонҳои минтақавӣ низ мавриди таҳлил қарор дода, яке аз зербобҳои боби дуюми корро маҳз ба ин масъала бахшидааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ду кишвар ба ғайр аз муносибатҳои дутарафа, инчунин дар чорчӯби созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (СҲИ), Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ – аз соли 2011 Созмони Ҳамкории Исломӣ – СҲИ), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва муносибатҳои сетарафаи давлатҳои форсизабон – Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ амалӣ мегардад[2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ дар соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамкории устувор дошта, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми минтақавӣ, аз қабили мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ, ки аз Афғонистон маншаъ мегирад, инчунин таъмини амнияти минтақавӣ бо шарики стратегии худ – ҶИЭ дар якҷоягӣ амал мекунад, ки ин нукта низ аз назари донишманди эронӣ дур намонда, дар таҳқиқоти ӯ амиқан инъикос гардидааст[3].

---

[1] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.26.

[2] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.18.

[3] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики

Муҳаққиқ ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро дар чорчӯби Созмони Ҳамкории Исломӣ низ мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори иҷлосияҳои сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва вазирони корҳои хориҷии узви Созмони Ҳамкории Исломӣ фаъолона ширкат дошта, барои амалӣ намудани нақшаи стратегӣ ҷиҳати устувор гардонидани ҳамкории иқтисодӣ дар байни давлатҳои аъзо ҳамҷоя бо Ҷумҳурии Исломии Эрон пайваста талош меварзад[1].

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар чорчӯби Созмони Ҳамкории Шанхай низ ҳамкории густурда доранд. Эрон соли 2005-ум ба Созмони Ҳамкории Шанхай ба ҳайси мамлакати нозир пазируфта шуд. Ба қавли Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим ҳамчун аъзои доимии Созмони Ҳамкории Шанхай пазируфта шудани Эрон, сатҳи ҳамкории давлатҳои минтақаро меафзояд[2].

Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим дар таълифоти хеш инчунин ба муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дар чорчӯби давлатҳои форсизабон – Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон диққати бештаре зоҳир менамояд. Ӯ комилан дуруст қайд менамояд, ки «маҳаки муносибатҳои байни ҳамдигарии се давлатро дар ҳавзаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ идеяи «умумияти ориёӣ» ташкил медиҳад, ки бештар характери фарҳангӣ-тамаддунӣ дорад, на ҷанбаи сиёсӣ»[3]. Аз ҷониби дигар, ба фикри муҳаққиқ, бунёди заминаи иқтисодии ҳамкориҳои се кишвар бештар аз

---

Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.18.

[1] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.19.

[2] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.20.

[3] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.19.

мавқеи Эрон вобастагӣ дорад, зеро Тоҷикистон ба ҳалли вазифаҳои стратегии худ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ машғул аст, дар Афғонистон бошад, то кунун ҷанги шаҳрвандӣ идома дорад[1], ки дар ин ҷо низ ҳақ ба ҷониби ӯст.

Муаллифи рисолаи мазкур як силсила мақолаҳои илмӣ низ дар ин мавзӯъ таълиф намудааст, ки муҳимтарини онҳо «Подход Таджикистана к проблемам безопасности в Персидском заливе в контексте отношений с Ираном»[2], «Гражданская война в Таджикистане и роль Ирана в установление мира»[3], «Центральная Азия и крупные державы»[4], «Подход Ирана к отношениям с персоязычными странами»[5] маҳсуб меёбанд. Муҳаққиқ дар ин мақолаҳо бо истифода аз манобеъи муътамад ба тариқи фишурда ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Тоҷикистону Эронро инъикос намудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои зиёди давраи соҳибистиқлолӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар тамоми риштаҳо ҳамкориҳои густурда доштааст. Аммо мутаассифона, чанд соли охир бо мӯҷиби баъзе омилҳо муносибатҳо миёни ин кишварҳои дӯсту бародар, махсусан дар риштаи сиёсӣ каме коҳиш ёфтаанд. Итминон дорем, ки ин мушкилоти пешомада муваққатианд ва халқҳои бародари тоҷику эронӣ ҷиҳати бартараф намудани ин буҳрон саъю талош варзида, ба марҳилаи нави ҳамкориҳои созанда ворид хоҳанд гашт.

Ҳамкориҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишвари форсизабони минтақа – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ назаррас буда,

---

[1] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.).: автореферат диссертации на соискание кандидата исторических наук / Х.К.М.Эбрахим. – Душанбе, 2016. – С.19-20.

[2] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Подход Таджикистана к проблемам безопасности в Персидском заливе в контексте отношений с Ираном / Х.К.М.Эбрахим // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2012. - №3/8(101). – С.35-38.

[3] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Гражданская война в Таджикистане и роль Ирана в установление мира / Х.К.М.Эбрахим // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2012. - №3/5(93). – С.19-21.

[4] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Центральная Азия и крупные державы / Х.К.М.Эбрахим // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2013. - №3/4(115). – С.33-36.

[5] Ҳафтеҳ Қазази Маҳди Эбраҳим. Подход Ирана к отношениям с персоязычными странами / Х.К.М.Эбрахим // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2015. - №3/10(188). – С.24-26.

ҳадалимкон мавриди таҳлили муҳаққиқон ва коршиносон қарор гирифтааст. Лозим ба зикр аст, ки дар ҳамаи марҳилаҳои рушди хеш Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамчун ҳамсояҳои қарин ба якдигар пайваста кӯмак мекарданд. Баъд аз фурӯпошии ИҶШС дар заминаи мушкилоте, ки халқҳои ин ду кишварро мубтало гардонда буд, Тоҷикистону Афғонистон боз ҳам қаринтар гардиданд. Бо вуҷуди ин, бо мӯҷиби омилҳои гуногун ҳанӯз аз рӯзхои аввали ба даст омадани истиқлолияти Тоҷикистон масоили ҷиддие ба миён омаданд, ки ба рушди босуботи муносибатҳои дуҷониба монеъа эҷод мекарданд. Ба ақидаи муҳаққиқи муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон Р. С. Казаков «ҳанӯз аз оғози мунoқишаи ҳарбӣ дар Тоҷикистон дар соли 1992 на танҳо даҳҳо ҳазор гурезагони тоҷик, балки ҳазорҳо ҷангиёни мухолифини тоҷик низ дар Афғонистон паноҳ бурданд. Гузашта аз ин мунoқишаи ҳарбии бардавом дар Афғонистон ба рушди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, мустаҳкам намудани ҳамкорӣ миёни ду кишвар таъсири амиқи манфӣ расонид ва расонида истодааст»[1].

Бо вуҷуди ин, мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикии Афғонистон дар амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Илова бар ин умумияти забонӣ ва фарҳангии халқҳои ду кишвар тақозо мекард, ки Тоҷикистону Афғонистон муносибатҳои густурда дошта бошанд. Ин аст, ки моҳи декабри соли 1993 дар Душанбе миёни ду кишвари дӯсту бародар шартнома баста шуда, ҳамкориҳои созанда оғоз ёфтанд. Ин ҳамкориҳо дар солҳои минбаъда тавсеа ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ гардиданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин самт қабл аз ҳама гузоришу баромадҳо, паёмҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[2] хеле муҳим буда, дар онҳо

---

[1] Казаков Р. С. Становление и развитие политических, торгово-экономических и культурных отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан (1991-2013 гг.).: автореферат диссертации кандидата исторических наук / Р.С.Казаков. – Душанбе, 2014. – С.3.

[2] Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов / Э.Рахмон. - Лондон, 1999; Раҳмон Э. Точикистон: дар рохи чомеаи мутамаддин / Э.Раҳмон. - Душанбе, 1996; Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах / Э.Раҳмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-

масоили барқароршавӣ ва ҷараёни инкишофи муносибатҳои дуҷониба миёни ду кишвар инъикос гардидаанд ва масъалаҳои асосие, ки ба рушди босуботи ин муносибатҳо монеъа эҷод мекунанд, муайян шудаанд.

Қобили зикр аст, ки дар як қатор асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъии ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшидашуда, масоили муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ то андозае таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Ба зумраи ин таҳқиқот асарҳои «Дипломатия Таджикистана вчера и сегодня», «Внешняя политика Таджикистана в годы независимости», «Многовекторная дипломатия Таджикистана», ки бо ширкати бевосита ва таҳти назари Ҳамрохон Зарифӣ[1] ба табъ расидаанд, дохил кардан мумкин аст. Дар асарҳо, мақолаҳои бешумор, баромадҳо ва гузоришҳои академик Т.Н. Назаров[2] масоили мухталифи сиёсати хориҷӣ, дипломатия ва муносибатҳои судманди дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон инъикос гардидаанд.

Ба масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ таълифоти бешумори Зафар Сайидзода[3] бахшида шудаанд, ки дар онҳо марҳилаҳои рушди

---

2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. В 7 томах / Э.Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996 г., январь / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с; Рахмон Э. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко / Э.Рахмон // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374 с.

[1] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010. – 352 с.; Зарифӣ Ҳ. Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз / Ҳ.Зарифӣ. - Душанбе: Офсет, 2010. – 295 с.; Зарифи Х. Внешняя политика Таджикистана в годы независимости / Х.Зарифи. - Душанбе, 2011.

[2] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Satторзода. - Душанбе, 2006. – 224 с.; Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.

[3] Саидов З.Ш. Внешняя политика Президента Э. Рахмона / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2000. – 226 с.; Саидов З.Ш. Актуальные аспекты внешнеполитического механизма и международной деятельности Республики Таджикистан / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005 гг.) / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2006; Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Республики Таджикистан на рубеже веков / З.Ш.Саидов. - Душанбе, 2011; Сабуров А. Таджикистан на рубеже реализации национальных интересов на международной арене / А.Сабуров, З.Саидов. - Душанбе, 2005. – 86 с.; Сайидзода З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Сайидзода. -

сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон инъикос гардида, муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои форсизабони минтақа ҳадалимкон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Силсилаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии А. Шариповро, ки дар ҳаммуаллифӣ бо С. Фатоев, С. Шамсиддинов ва З. Сироҷов[1] таълиф гардида, ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудаанд, ёдрас шудан ба маврид аст. Дар онҳо муаллифон чараёни барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистонро баррасӣ намудаанд. Аммо бояд қайд кард, ки муаллифони асарҳои дастаҷамъӣ ҳадафи таҳқиқоти хосаи масоили ҳамкориҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро надоштанд. Дар ин гуна таълифот дар зимни инъикоси масоили умумӣ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистон низ то андозае мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ҷузъ аз асарҳои дастаҷамъӣ, инчунин таълифоте рӯи кор омаданд, ки ба инъикоси тамоюлҳои рушди ҷамъиятӣ – сиёсӣ ва алоқаҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, таъсири вазъи сиёсии он ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон бахшида шудаанд. Асарҳои Қ. Искандаров[2], А. Князев[1], С.М. Акимбеков[2] аз ин қабил таълифот маҳсуб

---

Душанбе, 2009. – 154 с.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З.Саидов. – Душанбе, 2015. – 346 с.; Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[1] Шарипов А. Э.Рахмон – спаситель. Серия книг / А.Шарипов, С.Фатоев, С.Шамсиддинов, З.Сироджев. - Душанбе, 1996-1999; Шарипов А. «Э. Рахмон - наш Президент!» / А.Шарипов.- Душанбе, 2006. - 26 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳалаи созандагӣ. (7 китоб) / А.Шарифзода, З.Қосимӣ, С.Фатоев, С.Шамсиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. - 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.

[2] Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века / К.Искандаров. - Душанбе: Ирфон, 2014; Искандаров К. Афганистан в начале XXI века / К.Искандаров. - Душанбе, 2010; Искандаров К. Влияние афганского кризиса на ситуацию в

меёбанд.

Дар боби муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон дар риштаҳои гуногун таҳқиқоти хоса низ ба анҷом расиданд, ки дар онҳо сарчашмаҳои барқароршавӣ ва рушди ин муносибатҳо амиқан таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар ин росто монографияҳо ва мақолаҳои алоҳидаи муҳаққиқони тоҷик ва рус – Ш. Имомов[3], Қ. Искандаров[4], В. Г. Коргун[5] –ро ёдрас шудан бомаврид аст.

Бояд қайд кард, ки дар қатори муҳаққиқони тоҷик ба омӯзиши муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон дар як вақт муҳаққиқони афғон низ машғуланд. Масоили мазкур дар таълифоти муҳаққиқони афғон, аз ҷумла Абдумаҷид Надим[6], Фаҳим Собир[7], А. Мансур[8], Ҷ.С. Далер[9], ки ба масъалаҳои ҷустуҷӯи роҳҳои густариши муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва нақши роҳбарони ду кишвар дар таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаи судманд бахшида шудаанд, мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки дар ин самт рисолаи номзадии Р.С. Казаков[10] ва

---

Таджикистане / К.Искандаров //Центральная Азия и Кавказ. – 2013. - №2(14).

[1] Князев А.А. Влияние афганского кризиса на безопасность Центральной Азии (1990-е начало 2000-х годов.) / А.А.Князев. - Бишкек, 2004; Князев А.А. Афганский кризис и безопасность Центральной Азии (XIX - начало XX в.) / А.А.Князев. - Душанбе: Дониш, 2004; Князев А.А. История афганской войны 1990-х гг. и превращение Афганистана в источник угроз для Центральной Азии / А.А.Князев. - Бишкек: издательство КРСУ, 2002.

[2] Акимбеков С.М. Афганский узел и проблемы безопасности Центральной Азии / С.М.Акимбеков. - Алматы, 2003.

[3] Имомов Ш. Принципы и пути достижения мира и национального согласия в Афганистане / Ш.Имомов. – Душанбе, 2000 . – 184 с.

[4] Искандаров К. Взаимоотношения Республики Таджикистан с Исламским Государством Афганистан / К. Искандаров // Материалы II международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международном порядке - Душанбе, 1997; Искандаров К. Наркобизнес в Таджикистане: связь с афганским конфликтом / К. Искандаров // Центральная Азия и Кавказ. - Лулео, 1999. - № 5 (6). - С. 178-184.

[5] Коргун В. Афганский фактор в региональной геополитике / В. Коргун // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. - № 5(11).

[6] Надим А. Взаимоотношения Афганистана и Таджикистана от распада Советского Союза по настоящее время / А.Надим // Региональные исследования . - 2011. - №22. - С. 118-130.

[7] Фахим Сабир. Таджикистан и Афганистан: в поисках стратегии добрососедства. По URL:http://www.rujoumal-neo.com/1/7.09.20/2.

[8] Мансур Абдул Хафез. Внешняя политика правительства Бурхануддина Раббани / М.А.Хафез // Бохтарон. – 2013. - №1. - С.53-58.

[9] Далери Дж. С. Эмомали Рахмонов - человек мудрый и мыслящий / Дж.С.Далер. - Душанбе: Шарки озод, 2003.

[10] Казаков Р. С. Становление и развитие политических, торгово-экономических и культурных отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан (1991-

доктории Ҷ. Латифов[1] ба анҷом расидааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон дар замони истиқлолият инъикос гардидаанд. Мутаассифона, рисолаи доктории Ҷ. Латифов инъикоси ҳамкориҳои ду кишварро танҳо дар солҳои аввали истиқлолият фаро мегирад.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз мамоният ва мушкилоти мавҷуда барқарор намудан ва густариш додани муносибатҳои дуҷонибаи судманд бо кишвари дӯсту бародари Афғонистон аз афзалиятҳои сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, айни замон дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад.

Бояд зикр кард, ки ҳамкории пайваста бо Ҷумҳурии Халқии Чин дар чорчӯбаи роҳандозии сиёсати минтақавӣ, яке аз усулҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой аз 4 январи соли 1992 ибтидо мегиранд. Сафорати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Тоҷикистон 13 марти соли 1992 ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Чин 7 апрели соли 1997 ба фаъолият оғоз намудаанд. Пояи ҳуқуқии равобити ду кишварро беш аз 170 созишномаҳо ва асноди ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ба ақидаи З. Сайидзода ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Чин дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ ба таври матлуб густариш намудаанд[2].

Мавриди зикр аст, ки паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои густурда дар аксар асарҳо, аз ҷумла дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[3], асарҳои Т.Назаров[4], Ҳ.Зарифӣ[5], З.Сайидзода[1], А.Шарифзода[2], мақолаҳои

2013 гг.).: автореферат диссертации кандидата исторических наук / Р.С.Казаков. – Душанбе, 2014. – 27 с.

[1] Латифов Дж. Таджикско-афганские отношения в 1987-1995гг. (характер и содержание): диссертация на соискание доктора исторических наук / Дж.Латифов. - М.,1996.

[2] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.142.

[3] История таджикского народа. Т. 6. // зери таҳрири Р.Масов. – Душанбе, 2011. – С. 615-669.

[4] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006. – 224 с.; Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.

[5] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. - Душанбе, 2010. – 352 с.; Зарифи Х. Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х.Зарифи. – Душанбе, 2014; Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати

Х.Умаров[3], А.Ю.Лысов[4], С.Сафаров ва З.Қурбонова[5], Х.А.Додихудоев[6], таҳқиқоти диссертатсионии Р.К.Алимов[7], Ш.Ш.Шарипов[8] ва ғ. инъикос ёфтаанд.

Масоили ҳамкориҳои сиёсӣ-байналхалқии Тоҷикистону Чин дар диссертатсияи доктории Р.К.Алимов[9] таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқоти мазкур маҷмӯи муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ-ро, ки дар заминаи беш аз 170 шартномаю созишномаҳо ба анҷом расидааст, фаро мегирад.

Мақолаи олими шинохтаи тоҷик Х.Умаров «О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и Республикой Таджикистан на современном этапе»[10] ба масоили ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии ду кишвари

---

хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе, 2012.

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

[2] Шарипов А. Э.Рахмон – спаситель. Серия книг / А.Шарипов, С.Фатоев, С.Шамсиддинов, З.Сироджев. - Душанбе, 1996-1999; Шарипов А. «Э. Рахмон - наш Президент!» / А.Шарипов.- Душанбе, 2006. - 26 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.; Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва оғози марҳалаи созандагӣ. (7 китоб) / А.Шарифзода, З.Қосимӣ, С.Фатоев, С.Шамсиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шарифзода А. Президент / А.Шарифзода, С.Шамсиддинов, З.Қосимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.; Шарифзода А. Пайвандгар / А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе, 2013. - 336 с.; Шарифзода А. Бунёдкор / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.; Шарифзода А. Фархундапай / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.

[3] Умаров Х.У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и Республикой Таджикистан на современном этапе / Х.У.Умаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. - №3. – С. 23-34.

[4] Лысов А.Ю. Урегулирование пограничных вопросов между Китаем и Таджикистаном в системе национальных интересов двух стран / А.Ю. Лысов // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №1(2). – С. 62-63.

[5] Сафаров С.С. Становление государственной границы между Республикой таджикистан и КНР / С.С.Сафаров, З.Курбанова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. - №3(12). – С. 10-17.

[6] Додихудоев Х.А. Таджикско-китайские отношения в рамках национальных интересов Республики Таджикистан / Х.А.Додихудоев // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №1(2). – С. 72-78.

[7] Алимов Р.К. Стратегическое партнёрство Таджикистана иКитая: международно-политические, экономические и гуманитарные измерения: автореф. дис… д-ра полит. наук / Р.К.Алимов. – М., 2014.

[8] Шарипов Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991- 2008 гг.): автореф. дис… канд. ист наук / Ш.Ш.Шарипов. – Душанбе: ТНУ, 2010.

[9] Алимов Р.К. Стратегическое партнёрство Таджикистана иКитая: международно-политические, экономические и гуманитарные измерения: автореф. дис… д-ра полит. наук / Р.К.Алимов. – М., 2014.

[10] Умаров Х.У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и Республикой

ҳамсоя бахшида шудааст. Мавсуф дар он ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, қайд намудааст, ки ҳаҷми воридоти мол аз ҶХХ 96%-ро ташкил медиҳад. Ба ақидаи олими шинохта ин ҳолат, агар аз як ҷониб, ба ҳалли масъалаи хеле муҳим – паст кардани дараҷаи камбизоатӣ дар мамлакат боис гардад, аз ҷониби дигар, дар рушди маҷмӯии иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Зеро дар ин замина корхонаҳои хурд ва миёнаи саноати сабук ва хӯроквории мамлакат маҷбур мешаванд, ки фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии худро боздоранд. Муҳаққиқ ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро ҷамъбаст намуда, тавсия медиҳад, ки дар муносибатҳои тиҷоратии Тоҷикистон ва Чин ислоҳот гузаронида шавад ва дар ин асос аз Чин бештар технология барои истеҳсолоти хурди кишвар ворид карда шавад[1], ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаро бештар ба худ ҷалб кардааст, танзими ҳуқуқии масоили сарҳадӣ маҳсуб меёбад. Баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии ин масоил дар мақолаҳои А.Ю.Лысов[2], С.Сафаров ва З.Қурбонова[3], Х.А.Додихудоев[4] қисман инъикос гардидаанд. Ба ақидаи онҳо муваффақияти бузурги дипломатҳои тоҷик ва Чин дар ибтидои асри XXI ҳалли комили масъала оид ба гузариши хати сарҳад миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки 500 км-ро ташкил медиҳад, ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда бозгӯи он аст, ки барои Тоҷикистон амиқтар шудани равобит бо Чин, ҷиҳати тавсеаи бештари

---

Таджикистан на современном этапе / Х.У.Умаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. - №3. – С. 23-34.

[1] Умаров Х.У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и Республикой Таджикистан на современном этапе / Х.У.Умаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. - №3. – С. 28.

[2] Лысов А.Ю. Урегулирование пограничных вопросов между Китаем и Таджикистаном в системе национальных интересов двух стран / А.Ю. Лысов // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №1(2). – С. 62-63.

[3] Сафаров С.С. Становление государственной границы между Республикой таджикистан и КНР / С.С.Сафаров, З.Курбанова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. - №3(12). – С. 10-17.

[4] Додихудоев Х.А. Таджикско-китайские отношения в рамках национальных интересов Республики Таджикистан / Х.А.Додихудоев // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №1(2). – С. 72-78.

иқтисоди Тоҷикистон зарурат дорад. Гумон меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба ин нуқтаҳо Тоҷикистон ва Чин дар оянда низ баҳри густариши ҳамкориҳои стратегии худ талош хоҳанд варзид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дӯстона ва созандаро бо Ҳиндустон аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ муайян кардааст. Равобити дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон аз соли 1992 оғоз мегардад. Ҳукумати Ҳиндустон сафоратхонаи худро дар шаҳри Душанбе дар соли 1992 ва Тоҷикистон дар соли 2003 ифтитоҳ бахшиданд. Ба ақидаи З.Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон бештар «дар заминаҳои савдо, саноат, илм, фарҳанг ва масъалаҳои амниятӣ»[1] амалӣ мегарданд.

Бояд қайд кард, ки паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои густурда дар аксар асарҳо, аз ҷумла дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»[2], асарҳои Т.Назаров[3], Ҳ. Зарифӣ[4], З.Сайидзода[5], А.Шарифзода[6], Т.Турсунов[7] ҳадалимкон инъикос гардидаанд.

Монографияи Т.Турсунов[8] дар фарқият аз дигар таълифоти зикршуда, ки

---

[1] Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С. 150.
